## БОБИ 1

## ОЁ БИБЛИЯ БАРОИ МАСЕҲИЁН ҚУДРАТИ НИҲОӣ АСТ?

Ба Библия метавон бовар кард? Оё он эътимоднок аст? Оё он Каломи Худост? Агар он Каломи Худост сарварони калисо метавонанд онро бо суханҳои худ иваз кунанд?

**Библия дар бораи Навиштаҳои Муқаддас чӣ мегӯяд?**

*... ва аз кӯдакият Навиштаҳои Муқаддасро медонӣ, ки метавонанд туро ҳикмат омӯзанд барои наҷот ёфтан ба василае имоне, ки дар Исои Масеҳ аст. Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок ҳаст, то ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад.* 2 Тимотиюс 3:15-17

*Зеро ки ҳаргиз нубувват ба ҳасби иродаи одамизод ба забон ронда нашудааст, балки муқаддасони Худо, бо таҳрики Рӯҳулқудс, онро ба забон рондаанд.* 2 Петрус 1:21

*Зеро ки Каломи Худо зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст, ва то ба ҳадди ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ, буғумҳо ва иликҳо рафта мерасад, ва андеша ва ниятҳои дилро месанҷад.* Ибриён 4:12

Дар Аҳди Ҷадид чунин омадааст, *Каломи Ту, эй Худованд, то абад аст; дар осмонҳо қоим аст.* Забур 118:89

*Каломи Ту чароғ аст барои поям: ва нур аст барои роҳам.* Забур 118:105

Исо гуфт *" Гумон накунед, ки барои вайрон кардани Таврот ё суҳафи анбиё омадаам: наомадаам, ки вайрон кунам, балки ба ҷо оварам. Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: то осмон ва замин фано нашавад, ҳеҷ як ҳарфе ва ё нуқтае аз Таврот ба фано нахоҳад рафт, то даме ки ҳамааш иҷро шавад".* Матто 5:17-18

Павлус гуфт, *Зеро ки башорати Масеҳро ба худ ор намедонам, чунки он – қуввати Худост барои наҷоти ҳар як имондор: ҳам аввалан, яҳудӣ ва ҳам юнонӣ. Зеро ки адолати Худо дар он аз имон ба имон зоҳир мешавад, чунон ки навишта шудааст. "Одам ба василаи имон хоҳад зист".* Румиён 1:16-17

Исои Масеҳ навиштаҳоро ҳамчун Каломи Худо пазируфт.

Вақте ки Исо ба васвасаи шайтон дучор шуд ӯ ба Аҳди қадим рӯ овард, ки чунин мегӯяд, "*... одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худованд барояд зиндагӣ мекунад.*" Такрори Шариат 8:3

*Исо ба онҳо ҷавоб дод, "Шумо гумроҳ ҳастед, аз он рӯ ки на Навиштаҳоро медонед, на қудрати Худоро".* Матто 22:29

"*Зеро ки агар шумо ба Мӯсо имон медоштед, ба Ман ҳам имон меовардед, чунки вай дар бораи Ман навиштааст. Модоме ки шумо ба навиштаҳои вай имон надоред, ба суханони Ман чӣ гуна имон хоҳед овард?"* Юҳанно 5:46-47

*"Ва ба Носира, ки дар он ҷо тарбият ёфта буд, омад ва, аз рӯи одати Худ, рӯзи шанбе ба куништ даромад ва барои қироат бархост. Ба ӯ китоби Ишаъёи набиро доданд; ва ӯ китобро кушода, ҷоеро ёфт, ки чунин навишта шуда буд…"* Луқо 4:16-17

Бисёриҳо Библияро эҳтиром мекунанд вале ҳамчун қудрати олӣ онро пайравӣ намекунанд.

Павлус дар бораи чунин одамон мегӯяд, *"Зеро мо мисли бисёр касон нестем, ки Каломи Худоро харидуфурӯш мекунанд, балки аз самими қалб ва аз ҷониби Худо, ба ҳузури Худо, дар Масеҳ мавъиза менамоем".* 2 Қӯринтиён 2:17

Дар Марқӯс 7:6-9, сарварони диниеро тасвир мекунад, ки дар торикӣ рафта истодаанд. ӯ ба онҳо ҷавоб дода гуфт: *"Ишаъё дар бораи шумо, эй риёкорон, некӯ пайгом додааст, чунон ки навишта шудааст: Ин мардум бо лабони худ Маро парастиш мекунанд, лекин дилашон аз Ман дур аст; Пас Маро бар абас парастиш мекунанд, зеро ки таълимоту аҳкоми инсониро таълим медиҳанд". Зеро шумо ҳукми Худоро як сӯ гузошта, ривоятҳои инсониро, монанди шустани кӯзаҳо ва пиёлаҳо, нигоҳ медоред ва бисёр расмҳои дигарро ба ҷо меоваред. Ва ба онҳо гуфт: "Оё хуб аст, ки шумо ҳукми Худоро ботил мекунед, то ки ривояти худро риоя намоед?"*

Исо ба сарварони динӣ дар Юҳанно 5:37-40 чунин гуфтааст, *" Ва Худи Падар, ки Маро фиристод, бар Ман Шаҳодат додааст, ва шумо на ҳаргиз овози ӯро шунидаед ва на сурати ӯро дидаед. Ва Каломи ӯ дар дилҳои шумо ҷой надорад, чунки шумо ба Он Касе ки ӯ фиристодааст, имон намеоваред. Шумо Навиштаҳоро тадқиқ мекунед, зеро гумон доред, ки ба воситаи онҳо ҳаёти*

*ҷовидонӣ пайдо мекунед, вале онҳо бар Ман шаҳодат медиҳанд. Ва шумо намехоҳед назди Ман биёед, то ки ҳаёт ёбед".*

**Хатари илова кардан ва ё кам кардан аз Библия.**

*Ба он чӣ ман ба Шумо амр мефармоям, чизе илова нанамоед, ва чизе аз он кам накунед.* Такрори Шариат 4:2

*Лекин агар ҳатто мо ё фариштае аз осмон Инҷиле бар хилофи он чӣ мо ба шумо башорат додаем, ба шумо башорат диҳад- малъун бод. Чунон ки мо пештар гуфта будем, ҳозир ҳам боз мегӯям: агар касе бар хилофи он чӣ қабул кардаед, ба шумо башорат диҳад – малъун бод!* Ғалотиён 1:8-9

*Ман, Юҳанно, низ ба ҳар касе ки суханони нубуввати ин китобро мешунавад, шаҳодат медиҳам: агар касе ба онҳо чизе илова намояд, Худо ба ӯ балоҳое илова хоҳад кард, ки дар бораи онҳо дар ин китоб навишта шудааст. Ва агар касе аз суханони ин китоби нубувват чизе кам кунад, Худо насиби ӯро аз дарахти ҳаёт ва аз шаҳри муқаддас ва аз ҳар чизе ки дар ин китоб навишта шудааст, кам хоҳад кард.* Ваҳй 22:18-19

**Х У Л О С А:**

1. Библия кофӣ аст. Он тамоми роҳҳои наҷотро тақдим мекунад.

2. Библия дар пайғоми он ки чӣ хел зиндагӣ кардан лозим аст, пурра аст.

3. Библия Каломи илҳомбахшандаи Худост.

4. Чун Библия илҳомбахшанда аст, он бояд бе ягон тағйирот пазируфта шавад.

5. Сарварони динӣ, ки ба Библия илова ё аз он кам мекунанд, аз Худо нестанд ва онҳоро доварии ҷовидонӣ мунтазир аст.

6. Аз ҳар гурӯҳи динӣ, ки ба Библия илова мекунад, эҳтиёт бошед.

7. Аз сабаби он ки Библия Каломи Худост, имондорон майл доранд, онро биомӯзанд ва таълимоти онро дар ҳаёт татбиқ намоянд.

8. Агар шумо ба ақидае часпидаед, ки дар Библия нест, ба шумо лозим аст, ки дини худро имтиҳон кунед. Шояд сарварони динӣ шуморо гумроҳ кардаанд. Каломи Худо ин Каломи Худост.

## БОБИ 2

## ЧАРО МАН БИБЛИЯРО БОЯД ОМӮЗАМ?

### 1. Ман бояд Библияро омӯзам чунки ман мехоҳам ҳақиқатро донам.

Одам бояд баъзе меъёрҳо дошта бошад, ки тавассути онҳо муайян кунанд, ки ҳақиқат чист. Барои баъзеҳо ин меъёр суханҳои доимо тағйирёбандаи сарварони динӣ мебошад. Ин меъёр хеле хатарнок ва ғайриэътимод аст, чунки тибқи Библия ва тибқи мушоҳидаҳо ҳамаи мардон ва занон гуноҳкоранд. Ҳар шахсе, ки имон дорад ва Библияро ҷиддӣ мепазирад имкон намедиҳад, ки ягон шахс дар ҳаёти ӯ ҳокимияти олӣ дошта бошад. Ҷаҳон пур аз одамонест, ки аз тарафи сарварони самимӣ, вале дар айни замон нобино фиреб ва гумроҳ шудаанд. Исо дар

бораи ин зумра одамон дар *Луқо* 11:52 чунин мегӯяд, *“Вой бар ҳоли шумо, эй шариатдонон, ки шумо калиди донишро гирифтаед: худатон надаромадед ва ба онҳое, ки даромадан мехостанд, монеъ шудед”.*

Оё ба Библия ҳамчун ҳокимият ман метавонам бовар кунам? Библия аз суханҳои одамон бузургтар аст? Агар Библия як чизро таълим медиҳад ва муаллими динӣ чизи дигар, кадомаш дуруст аст? Чиро ман ҳамчун меъёри ҳокимият пайравӣ кунам? Навиштаҳои Библияро аз назар гузаронед:

*Лекин ту дар он чӣ таълим гирифтаӣ ва мӯтаъқид шудаӣ, қоим бош, чун медонӣ, ки туро кӣ таълим додааст. Ва аз кӯдакият Навиштаҳои Муқаддасро медонӣ, ки метавонанд туро ҳикмат омӯзанд  барои наҷот ёфтан ба василаи имоне ки дар Исои Масеҳ аст. Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст. То ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад.*

2 Тимотиюс 3:14-17

Дар 1 Петрус 1:24-25 чунин мехонем: *Чӣ хеле ки Навиштаҳо мегӯянд, “ Зеро ки ҳар ҷисм мисли алаф аст, ва ҳар ҷалоли одамӣ – мисли гули алаф; алаф хушк мешавад, ва гули он мерезад; Аммо Каломи Худованд то абад боқист”.* Дар ин оятҳо “*тамоми инсоният*” бо Каломи Худо муқоиса шудааст. Ҳар сарвари динӣ хушк шуда гулаш мерезад, вале Каломи Худо ҷовидонӣ боқӣ хоҳад монд. Инсон бояд ба кадомаш эътимод кунад? Ба сухани одам ё Каломи Худо?

Нисбати эътимоднокии Навишта Петрус мегӯяд, *“Зеро ки ҳаргиз нубувват ба ҳасби иродаи одамизод ба забон ронда нашудааст, балки муқаддасони Худо, бо таҳрики Рӯҳулқудс, онро  ба забон рондаанд.”* 2 Петрус 1:21

Павлус Навиштаҳоро ҳамчун асос барои таълимоти худ истифода кард. *Павлус, аз рӯи одати худ, назди онҳо дохил шуд, ва се рӯзи шанбе бо онҳо аз Навиштаҳо гуфтугӯ мекард. Ва ошкор карда ва исбот намуда, мегуфт, ки лозим буд Масеҳ азобу уқубат кашад ва аз мурдагон эҳё шавад, ва Ҳамин Исо, ки ман ӯро ба шумо мавъиза мекунам, Масеҳ аст.* Аъмол 17:2-3

**Оиди баъзе ҳақиқатҳои муҳим, ки дар ин оятҳо ба назар мерасанд мулоҳиза кунед. Барои Павлус китоби асосӣ Каломи Худо буд. Ӯ Навиштаҳоро барои исботи далел истифода бурд. Ӯ боварӣ дошт, ки Навиштаҳо қудрати эътимоднок доранд. Мавзӯи Павлус Исо , марги ӯ ва аз мурдаҳо эҳёшавии ӯ буд. Дар ин ҷо чун дар тамоми Библия Исо дар мадди аввал аст. Фақат он вақте ки сарварони динӣ Библияро ҳамчун қудрати ниҳоӣ ва олӣ инкор мекунанд, шумо шахси дигарро медонед, ки мисли Исо ситоиш шудааст.**

*Бародарон фавран Павлус ва Силоро шабона ба Бирия равона карданд, ва онҳо ба он ҷо расида, ба куништи яҳудиён даромаданд. Яҳудиёни он ҷо назар ба аҳли Таслӯникӣ равшанфикртар буданд: бо иштиёқи комил каломро гӯш мекарданд ва ҳар рӯз Навиштаҳоро санҷида мебаромаданд, то бидонанд, ки оё дар ҳақиқат ҳамин тавр аст ё не. Бисёре аз онҳо, ҳам аз занони ашрофи юнонӣ ва ҳам шумораи зиёде аз мардон имон оварданд;…*Аъмол 17:10-12a

Чӣ хел одам ҳақиқатро мефаҳмад? Оятҳои дар боло зикршударо бори дигар хонед ва шумо мефаҳмед, ки мо бояд суханони сарварони диниро бо Каломи Худо муқоиса кунем. Агар онҳо монанд ҳастанд, шумо ҳақиқатро ёфтед ва метавонед ба ин сарвари динӣ боварӣ кунед. Бе дилпур будан аз он, ки суханони одамон дар асоси Библия ҳастанд

кас набояд суханонашро пазирад.

Чаро ман Библияро меомӯзам? Абадият барои ман ва фарзандонам хеле дароз ҳаст ва ман метавонам дар бораи ҳақиқат ба хатогӣ роҳ диҳам. Исо гуфт, “*Шумо гумроҳ ҳастед, аз он рӯ ки на Навиштаҳоро медонед, на Қудрати Худоро”.* Матто 22:29

Исо дар дуои Худ ба Падар чунин гуфт, “*Каломи Ту ростист”.* Юҳанно 17:17

**2. Ман Библияро мехонам то ин ки дар бораш омӯзам.**

Дар Навиштаҳо Исо изҳор мекунад, ки ӯ бо Падар як аст “*Ман ва Падар як ҳастем*”. Юҳанно 10:30

Дар Навиштаҳо Исо изҳор мекунад, ки ӯ роҳи ягона назди Падар ва роҳи ягона ба осмон мебошад. Исо ба вай гуфт: “*Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман”.* Юҳанно 14:6

Дар Навиштаҳо Исо мегӯяд, ки қудрати олӣ дорад, Ва Исо наздик омада, ба онҳо гуфт: “*Ба Ман тамоми қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст”* . Матто 28:18

Дар Навиштаҳо Исо итоати бечунучарои онҳоеро, ки майли донистани ҳаёти дар сулҳу осоиш ва озодро доранд, талаб мекунад. *Он гоҳ Исо ба яҳудиёне ки ба ӯ имон овардаанд, гуфт: “Агар шумо дар Каломи Ман бимонед,*

*ҳақиқатан шогирдони Ман хоҳед буд. Ва ростиро хоҳед шинохт, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард".* Юҳанно 8:31-32

**3. Ман Библияро мехонам то ин ки чӣ хел пазируфтани ҳаёти ҷовидониро омӯзам.**

Фақат дар Навиштаҳо мо нуқтаи назари масеҳиро оид ба наҷоти ҳақиқӣ меёбем. Ман бояд Библияро хонам ва бифаҳмам, ки он чиро ман меомӯзам дар ҳамоҳангӣ бо Библия аст. Ҳаёт баъди марг амали ҷиддист. Библия дар бораи роҳи наҷот хеле рӯшан ахбор медиҳад.

Павлус гуфт, " *Зеро ки башорати Масеҳро ба худ ор намедонам, чунки он – қуввати Худост барои наҷоти ҳар як имондор: ҳам, аввалан, яҳудӣ ва ҳам юнонӣ".* Зеро ки адолати Худо дар он аз имон ба имон зоҳир мешавад, чунон ки навишта шудааст: " *Одил ба василаи имон хоҳад зист* ". Румиён 1:16-17

*… ва аз кӯдакият Навиштаҳои Муқаддасро медонӣ, ки метавонанд туро ҳикмат омӯзанд барои наҷот ёфтан ба василаи имоне ки дар Исои Масеҳ аст* . 2 Тимотиюс 3:15

Каломи Худо рӯшан аст. *Адолати Худо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ барои ҳамаи имондорон; зеро ки ҳеҷ тафовуте нест. Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд. Ва ройгон, бо файзи ӯ, ба воситаи кафорате ки дар Исои Масеҳ аст, сафед карда мешаванд.* Румиён 3:22-24

**4. Ман Библияро меомӯзам чунки ман мехоҳам ҳаёти пирӯзомез ва пурмаънӣ дошта бошам.**

Библия чунин мегӯяд, “*Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст…*”.

2 Тимотиюс 3:16

Петрус дар бораи ҳаёти пурмаъно ва пирӯзомез сухан мекунад: *Лекин шумо насли баргузида, каҳонати шоҳона, халқи муқаддас, қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунед. Шумо, ки як вақте қавм набудед, вале ҳоло қавми Худо ҳастед; як вақте аз марҳамат маҳрум будед, вале ҳоло ба он ноил шудаед.* 1 Петрус 2:9-10

Довуд ба мо тасвири пирӯзӣ ва мақсадро дар Забур 40:1-4 нишон додааст; *Барои сардори муганниён. Таронаи Довуд. Хушо касе ки ба бенаво эътибор медиҳад! Дар рӯзи мусибат Худованд ӯро раҳо хоҳад кард. Худованд ӯро нигаҳбонӣ хоҳад кард ва зинда хоҳад мононд, ва ӯ дар замин хушбахт хоҳад буд. Ва Ту ӯро ба дасти душманонаш нахоҳӣ супурд. Худованд ӯро бар бистари беморӣ ёварӣ хоҳад кард. Тамоми вақти хобидани ӯ Ту дар бемории ӯ нигоҳубин хоҳӣ кард.*

Ин оятҳо тасвири раҳоӣ аз харобӣ ва ҳаёти нави пирӯзиро нишон медиҳанд. Ин ҳаёти мақсаднок аст, ки сазовор аст, онро бо дигарон ба ҳам бинем. Библия роҳест ба зиндагии муваффақиятнок. Омӯзиши Библия маълумоти беҳтарин доир ба он ки чӣ хел пирӯзомез ҳаёт ба сар бурдан лозим аст, мебошад. Аз худ кардани ҳамаи донишҳои инсонӣ ва нафаҳмидани маънои Китоби Китобҳо нодонии кӯтоҳназарона мебошад.

Барои он ки Худоро донам, ҳақиқатро донам, роҳи наҷотро донам, ҳаёти пирӯзомез ва пурмаънoро донам ман бояд Библияро хонам.

**БОБИ 3**

**ЧӢ ХЕЛ МАН БОЯД БИБЛИЯРО ОМӮЗАМ?**

1. Китоби хуби сифатнокро дастрас кунед.

Ҳангоми харидани Библия ба баъзе чизҳо диққат диҳед:

Китобе, ки дергоҳ хизмат кунад.

Барои хондан осон

Ҳошияи васеъ барои навиштани чизҳои муҳим.

Тарҷумае, ки бароят осон аст.

2. Ба андозаи китоби Библия дафтаре харидорӣ намоед.

3. Қуттии қаламҳои ранга ва ручкаи хуб харед.

Аз қуттӣ қаламҳои зард, гулобӣ, зарди сабзтоб ва зарди сурхтоб интихоб кунед. (Ранги зард барои фарқ кунондан беҳтар аст. Ранги сиёҳро истифода набаред). Ин рангҳо барои намоён кардани оятҳое, ки доимо бо шумо мемонанд  хеле хуб ҳастанд. Ин рангҳо аз қоғаз тоза намешаванд ва олуда намешаванд.

Ручкаро барои хат кашидан зери оятҳои муҳим ва барои   навиштан дар ҳошияи Библия истифода баред.

4. Муайян кунед, ки кадом вақти муайяни рӯзро барои хондани Библия сарф мекунед.

Агар шумо фикр мекунед, ки вақт надоред, дар бораи вақте ки барои хондани маводҳои дигар, тамошои телевизион, гӯш кардани радио, сӯҳбат бо мардум ва хӯрдан сарф мекунед, фикр кунед. Хондани Каломи Худо аз ҳамаи инҳо муҳимтар аст.

5. Вақти беҳтаринро барои омӯзиш интихоб кунед. Барои баъзеҳо вақти муносиб шабона мебошад, барои баъзеҳо – рӯзона ва барои дигарҳо шояд вақти хуби барои омӯзиш субҳ бошад.

6. Кӯшиш кунед дар як рӯз аз як боб зиёдтар хонед. Тасаввур кунед, шумо аз дӯсти наздиктаринатон дар ҳаҷми панҷ саҳифа мактуб гирифтед ва ҳар рӯз як саҳифагӣ мехонед, яъне ин мактубро дар панҷ рӯз тамом мекунед. Ин хел хондан маъно надорад.

7. Дар назди худ мақсад гузоред, ки ҳар рӯз на камтар аз се боб хонед. Агар шумо ҳар рӯз се боб хонед, дар як сол Библияро тамом мекунед.

8. Аз кадом китобе, ки мехоҳед сар кунед. Зарур нест, ки аз саҳифаи якуми Библия шурӯъ кунед. Агар бо Библия шинос нестед, беҳтар мешуд, аввал диққататонро ба Аҳди Ҷадид ҷалб кунед, ё аввал Юҳанно ё дигар Инҷилҳо, баъд Аъмол ва Номаҳо (китобҳои баъди Аъмол)-ро мутолиа намоед. Аҳди Ҷадид бунёди ҳаёти масеҳӣ мебошад, вале хондани Аҳди Қадим низ муҳим аст. Аҳди Қадим амали Худоро дар тӯли таърихи инсоният нишон медиҳад ва бунёди Аҳди Ҷадид мебошад.

9. Аз боби якуми китоби интихобшуда сар карда онро пурра хонед. Ҳар китоб мавзӯъ дорад ва хуб мешуд, пеш аз хондани китоби дигар китоби авваларо пурра тамом кунед.

10. Шумо бояд рӯзнома дошта бошед ва дар он он чиро, ки шумо мехонед – сарчашма (китоби Библия) ва миқдори бобҳоро сабт намоед. Барои ин тақвимро низ истифода бурда метавонед.

11. Шумо дар дафтаратон баъзе чизҳоро хоҳед навишт. Мавзӯҳои асосӣ ва маводи даркориро нависед. (Маводи лозимӣ китоб, боб ва оят мебошад).

12. Дар давоми ҳафта ҳамаи бобҳоро хонед ва миқдори онҳоро дар охири ҳафта сабт намоед.

13. Дар дафтаратон баъзе ҳақиқатҳои бузургро, ки тӯли ҳафта омӯхтед нависед. Оятҳоеро, ки махсусан ба дилатон наздик ҳастанд қайд намоед.

14. Вақте ки хондани тамоми Библияро тамом кардед, боз як бори дигар онро аз аввал хонед. Кӯшиш кунед ҳар сол як бор тамоми Библияро хонед. Шумо метавонед, дар тамоми ҳаётатон соле як маротиба Библияро хонед ва ҳар бор ҳақиқати наверо дарёфт хоҳед кард.

15. Баъзе вақтҳо шумо мехоҳед, ки барои омӯзиши чуқури мавзӯи муайян ё боби пурра диққати махсус диҳед. Инро бояд баъди вақти ҷудо карда барои хондани Библия ба ҷо овард.

**БОБИ 4**

ОЁ ҲАМАИ РОҲҲО БА ОСМОН МЕБАРАНД?

Баъзе одамон чунин мегӯянд, "Ҳамаи мо ба осмон хоҳем рафт, вале бо роҳҳои гуногун". Оё ин ҳақиқат аст? Библия дар бораи ин чӣ мегӯяд?

Дар бораи Исо, Петрус мегӯяд, *"Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва дар зери ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем".* Аъмол 4:12

*Эй фарзандонам! Инро ба шумо менависам, то ки шумо гуноҳ накунед; ва агар касе гуноҳ кунад, мо ба ҳузури Падар Шафоатгаре дорем, ки Исои Масеҳи*

*Одил аст. Ва ӯ кафорат аст барои гуноҳҳои мо, ва на танҳо барои гуноҳҳои* мо, *балки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон низ.*

1 Юҳанно 2:1-2

Павлус гуфт, *Зеро писандидаи Худо ҳамин буд, ки тамоми илоҳият дар ӯ сокин бошад.Ва ба воситаи ӯ ҳама чизро бо Худ оштӣ дода, бо хуни салиби ӯ осоиштагиро барқарор намояд, яъне он чиро, ки бар замин аст, ва он чиро, ки дар осмон аст, ба василаи ӯ оштӣ диҳад.* Қӯлассиён 1:19-20

Нисбати он ки наҷот ба василаи шариат меояд. Павлус чунин гуфт; *Лекин, чун донистем, ки одамизод на бо аъмоли шариат сафед мешавад, балки фақат бо имон ба Исои Масеҳ, - мо ҳам ба Исои Масеҳ имон овардем, то ки бо имон ба Масеҳ сафед шавем, на ин ки бо аъмоли шариат; зеро ки бо аъмоли шариат ҳеҷ ҷисме сафед нахоҳад шуд.* Ғалотиён 2:16

Дар 2 Қӯринтиён 5:17-19, Павлус мегӯяд; *Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст. Ва ҳама чиз аз ҷониби Худост, ки моро ба воситаи Исои Масеҳ бо Худ мусолиҳа дод ва хизмати мусолиҳаро ба мо супурд. Чунки Худо дар Масеҳ буда, аҳли ҷаҳонро бо Худ мусолиҳа дод, ҷиноятҳои онҳоро ба ҳисобашон надаровард ва Каломи мусолиҳаро ба мо супурд.*

Павлус мегӯяд, “ *Вой бар ҳоли ман, ки шахси мискин ҳастам! Кӣ маро аз ин ҷисми гирифтори мамот раҳоӣ медиҳад? Худоро ба воситаи Худованди Мо Исои Масеҳ шукр мегӯям*. Румиён 7:24-25

Дар Румиён 3:21-24 мо мехонем; *Аммо алҳол, сарфи назар аз шариат, адолати Худо зоҳир шудааст, ки Таврот ва анбиё бар он шаҳодат медиҳанд.*

*Адолати Худо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ барои ҳамаи имондорон; зеро ки ҳеҷ тафовуте нест. Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд. Ва ройгон, бо файзи ӯ, ба воситаи кафорате ки дар Исои Масеҳ аст, сафед карда мешаванд.*

Исо ба вай гуфт: *"Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам: касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман"* . Юҳанно 14:6

Дар Юҳанно 5:26 мо мехонем, *"Зеро, ҳамчунон ки Падар дар худ ҳаёт дорад, ба Писар низ ончунон ато кардааст, ки дар Худ ҳаёт дошта бошад".*

Дар Юҳанно 3:18 мо мехонем, *"Ҳар кӣ ба ӯ имон оварад, маҳкум намешавад, лекин ҳар ки имон наоварад, аллакай маҳкум шудааст, чунки ба исми Писари ягонаи Худо имон наовардааст"*

Исо гуфт, *"Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида*

*наметавонад".*

Дар асоси ин оятҳо аз Библия пайғом равшан аст:

Фақат як сарчашмаи ҳаёти ҷовидонӣ – Исои Масеҳ мавҷуд аст. Ба ғайр аз Исо дигар ном нест. Гуфта нашудааст ки дар наҷоти одам ба касе ёрдам кардааст. Танҳо Исо-ҳеҷ каси дигар не (Аъмол 4:12).

Исоро бо имон қабул мекунанд (Ғалотиён 2:16).

Баъзеҳо Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд мепазиранд дар айни ҳол дигарҳо ӯро қабул намекунанд. Ҳаёти ҷовидонӣ барои онҳое, ки ӯро ба василаи имон қабул карданд оянда ҳаст; онҳоеро ки ӯро пайравӣ намекунанд маҳкумияти абадӣ интизор аст. (Юҳанно 3:18).

Танҳо як нақшаи наҷоти инсоният мавҷуд аст ва он ҳам нақшаи Худост. Ҳеҷ кадом дин наметавонад нақшаи Худоро дигар кунад (Румиён 3:21-24).

Танҳо онҳое, ки нақшаи Худоро пайравӣ мекунанд дар замин ва дар осмон ҳаёти пурмаъно хоҳанд дошт (Матто 7:13-14).

Сухани "Ҳамаи роҳҳо ба осмон мебаранд" дурӯғ аст.

Дар Матто 7:13-14 – мегӯяд; "*Аз дар танг дароед: зеро фарох аст он дар на васеъ аст он роҳе ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое ки ба он дохил мешаванд, бисёранд. Зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд*".

(Диққат диҳед: фақат як дар аст).

**БОБИ 5**

## ОЁ ИН РОСТ АСТ, КИ БАРОИ БА ОСМОН РАФТАН ШАХС БОЯД АЗ ОЛАМИ БОЛО ТАВАЛЛУД ЁБАД?

Ҷавобаш хеле рӯшан аст Исои Масеҳ гуфт; “ *Ба ростӣ, ба ростӣ ба ту мегӯям: кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад”* (Юҳанно 3:3).

Ҷавоби Исо чунин аст ки ҳеҷ кас наметавонад ба осмон равад ё Малакути Худоро бинад, агар ӯ аз олами боло таваллуд наёбад. “Ҳеҷ кас” ҳамаи одамонро дар бар мегирад. Агар кас тавонад ба осмон бе таваллуд аз олами боло равад, пас  Исо дурӯғгӯй аст. Кас метавонад ҷавоб диҳад, “Вале ман ба калисо меравам. Шумо чунин мегӯед, ки ман наметавонам ба осмон биравам, агар аз олами боло таваллуд наёбам?” Шумо ҳақ ҳастед, Исо ҳам чунин гуфт.

Кас метавонад гӯяд, “Вале ин адолат аст? Оё Худо одамро ба дӯзах танҳо барои он ки ӯ аз олами боло таваллуд нашудааст мефиристонад?

Худо хоҳиш надорад, ки ҳама ба дӯзах раванд, вале ӯ инсонро маҷбур намекунад, ки ба фармонҳои ӯ итоат кунанд. Одамон имконияти шунидани хабари хушро доранд ва агар онҳо пайравии дини худашонро аз Библия ва Исо авлотар доранд, онҳо дар куҷо гузарондани абадиятро худашон интихоб хоҳанд кард.

Кас метавонад ҷавоб диҳад, “Ман маънои аз олами боло таваллуд ёфтанро намедонам. Оё ин чунин маъно дорад, ки ман ба осмон намеравам?” Вақте ки Исо “ҳеҷ кас” гуфт, ӯ ҳамаи онҳоеро, ки аз олами боло таваллуд наёфтаанд дар назар дорад. Яъне онҳое, ки сарватманд ҳастанд ё камбағал, маълумотнок ё бесавод, диндор ё бедин ҳастанд.

Далели он ки ба шумо дар бораи аҳамият ва роҳи аз олами боло тавлидшавӣ таълимот нагирифта будаед ба шумо кӯмак намекунад. Барои касеро пайравӣ кардан шумо ҷавобгар ҳастед.

Исо ба Ниқӯдимус гуфт, ки ӯ бояд аз нав таваллуд ёбад. Ниқӯдимус одами диндор буд, ӯ ҳатто сарвар дар дини худ буд. Бо вуҷуди ин Исо ба ӯ гуфт, "Агар шумо аз олами боло таваллуд нашавед, шумо Малакути Худоро дида наметавонед". Пас суханҳои Исо ба аъзоёни калисо ва сарварони динӣ ҳам дахл доранд. Ба ҳамаи гурӯҳҳои динӣ, як пайғом мебошад. Агар кас намедонад, ки аз олами боло таваллуд шудан чӣ маъно дорад, ба ӯ зарур аст ба гурӯҳи диние, ки Библияро ҳамчун қудрати олӣ эътироф мекунанд, нигоҳ кунад.

Тавлиди нав ҳатмӣ нест. Исо дар Юҳанно 3:7 чунин гуфтааст "*Аз он чӣ ба ту гуфтам тааҷҷуб накун; бояд шумо аз олами боло таваллуд ёбед.*"

**БОБИ 6**

## БАРОИ АЗ ОЛАМИ БОЛО ТАВАЛЛУД ЁФТАН ОДАМ БОЯД Чӣ КОР КУНАД?

Калимаи "аз олами боло таваллуд ёфтан" дар Юҳанно 3 омадааст. Исо ба Ниқӯдимус, ки сарвари динӣ буд чунин гуфт, "*Кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад* Юҳанно 3:3

Истилоҳи "аз боло таваллуд ёфтан" дар Аҳди Ҷадид бисёр истифода бурда нашудааст, вале калимаҳои дигар истифода шудаанд, ки

муносибати одамро бо Худо тасвир мекунанд ва ҳама дорои як маъно ҳастанд. Ҳамаи онҳо дар бораи атои наҷот ки аз тарафи Худо ба Одам дода шудааст, нақл мекунанд.

**Наҷот**

Дар Аъмол 16:29-30 мо суханҳоеро вомехӯрем, ки бо "Ман чӣ бояд кунам, ки аз олами боло таваллуд ёбам?" ҳаммаъно ҳастанд. "*Зиндонбон чароғе талаб карда, ба дарун давида даромад ва ларзон шуда, пеши пои Павлус ва Сило афтод: Сонӣ онҳоро берун оварда, гуфт: "Эй оғоён! Чӣ бояд бикунам, то ки наҷот ёбам?"* Дар мавриди дигар Исо чунин гуфт, "*Писари Одам омадааст, то ки гумшударо пайдо кунад ва наҷот диҳад".* Луқо 19:10

**Пазируфтани ҳаёти ҷовидонӣ**

Дар Марқӯс 10:17 мо мехонем, *Вақте ки Исо ба роҳ мебаромад, касе назди ӯ шитофта зону бар замин зад ва пурсид: "Эй Устоди некӯ, чӣ кунам, то вориси ҳаёти ҷовидонӣ шавам?"* Дар Юҳанно 3:36  Исо мегӯяд, "*Ҳар ки ба Писар имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ меёбад".*

Сафед шудан аз тарафи Худо

*Зеро мо эътироф менамоем, ки одамизод, сарфи назар аз аъмоли шариат, ба воситаи имон сафед мешавад.* Румиён 3:28.

Ҳамчунин дар Румиён 1:17 омадааст, *Зеро ки адолати Худо дар он аз имон ба имон зоҳир мешавад, чунон ки навишта шудааст: Одил ба василаи имон хоҳад зист.*

Масеҳӣ шахсест, ки:

аз боло таваллуд ёфтааст;

аз тарафи худо сафед шудааст;

ҳаёти ҷовидонӣ гирифтааст;

наҷот ёфтааст.

Ҳамаи инҳо ба наҷот дахл доранд.

Биёед ба саволи  аслӣ бармегардем, "Чӣ бояд бикунам, то ки аз боло таваллуд ёбам?" Ҷавобаш ба мисли ҷавоби "Чӣ бояд кунам, то ки наҷот ёбам?" ё "Чӣ бояд кунам, то ки аз тарафи Худо сафед шавам?" ё "Чӣ бояд кунам, то ки ҳаёти ҷовидонӣ ёбам?"

МУВОФИҚИ БИБЛИЯ, одам бояд чӣ кунад, то ки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад ё аз боло таваллуд ёбад?

**1. Шунидани Хабари Хуш**

Библия мегӯяд; *Аммо чӣ гуна онҳо бихонанд Онро, ки ба ӯ имон наовардаанд? Чӣ гуна онҳо имон оваранд ба Он ки дар бораи ӯ чизе нашунидаанд? Чӣ гуна онҳо бидуни воизон чизе бишнаванд? Пас, имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи Каломи Худост.* Румиён 10:14, 17

**2. Тавба**

Исо гуфт, " *Ки вақт расидааст ва Малакути Худо наздик аст: "Тавба кунед ва ба Инҷил имон оваред"* Марқӯс 1:15

Дар 1 Юҳанно 1:9 мо мехонем, *"Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд"*.

Тавба кардан маънои аз гуноҳ рӯй гардондан мебошад.

Пеш аз он ки кас аз гуноҳ тавба кунад, ӯ бояд донад гуноҳ чист, ки ӯро маҳкум мекунад ё аз Худо ҷудо мекунад. Юҳанно 3:18 ба мо ёрӣ медиҳад гуноҳро бифаҳмем, ва он бароямон абадан марговар аст, агар аз он тавба накунем. *Ҳар кӣ ба ӯ имон оварад, маҳкум намешавад, лекин ҳар кӣ имон наоварад, аллакай маҳкум шудааст, чунки ба исми Писари ягонаи Худо имон наовардааст.* Ин оят ба мо рӯшану кушод мефаҳмонад, ки одам барои беимониаш маҳкум мешавад. Гуноҳ Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд инкор мекунад. Бисёр диндорон Исоро ҳурмат ва ба ӯ боварӣ доранд, вале барои наҷотёбӣ ба ӯ сад фоиз боварӣ надоранд. Онҳо дар бораи наҷотёбӣ ақидаҳои иловагиро, ки дар Библия нестанд мепазиранд. Ин одамон дар ном масеҳӣ ҳастанд вале масеҳии ҳақиқӣ нестанд. Аз гуноҳи худ-одилӣ худ-ҳукмронӣ бояд тавба кард.

3. Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд қабул кунед.

Библия мегӯяд, *"Лекин ба онҳое ки ӯро қабул карданд ва ба*

*Исми ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд"*. Юҳанно 1:12.

Дар ин оят бо истифодаи ду калима, қабул кардан ва имон овардан диққат диҳед.

Чӣ хел одам қабул мекунад? Ба василаи имон. Боварӣ доштан ин имон аст. Пеш аз оне ки кас Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд қабул кунад, ӯ бояд боварӣ дошта бошад, ки Исо он аст, ки талаб мекунад (Писари Худо) ва ӯ метавонад амалеро иҷро кунад, ки онро метавонад (додани ҳаёти ҷовидонӣ). Исоро ба василаи имон қабул мекунед. Имоне, ки наҷот меорад фақат дар Исо бояд бошад – на дар Исо ва каси дигар ё чизи дигар. Наҷот ҳеҷ вақт дар ҳамбастагии имон дар Исо ва кори хуб ё маросимҳои калисо намеояд. Ин танҳо имон ба Исо, ки инсонро ба муносибати дуруст бо Худо меорад.

Аз Библия ба оятҳои зерин диққат диҳед.

*Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад. Зеро Худо Писари Худро ба ҷаҳон барои он нафиристод, ки бар ҷаҳон доварӣ кунад, балки барои он ки ҷаҳон ба воситаи ӯ наҷот ёбад.* Юҳанно 3:16-17

*Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ каломи Маро бишнавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст.* Юҳанно 5:24

Исо ба вай гуфт: *"Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам; ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар бимирад ҳам, зинда хоҳад шуд. Ва ҳар кӣ зинда бошад ва ба Ман имон оварад, то абад нахоҳад мурд. Оё ба ин имон дорӣ?"* Юҳанно 11:25-26

Исо ба вай гуфт: *" Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман"* Юҳанно 14:6.

*Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест, ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем"* Аъмол 4:12.

*Зеро ки адолати Худо дар он аз имон зоҳир мешавад, чунон ки навишта шудааст: "Одил ба василаи имон хоҳад зист"* Румиён 1:17.

*Пас, мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиштагӣ дорем.* Румиён 5:1

*Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.* Румиён 10:10

*Лекин, чун донистем, ки одамизод на бо аъмоли шариат сафед мешавад, балки фақат бо имон ба Исои Масеҳ, - мо ҳам ба Исои Масеҳ имон овардем, то ки бо имон ба Масеҳ сафед шавем, на ин ки бо аъмоли шариат; зеро ки бо аъмоли шариат ҳеҷ ҷисме сафед нахоҳад шуд.* Ғалотиён 2:16

*Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост. Ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад.* Эфсӯсиён 2:8-9

*Аммо вақте ки файз ва одамдӯстии Наҷотдиҳандаи мо Худо зоҳир шуд. Ӯ моро на бар тибқи аъмоли одилонае ки мо мекардем, балки ба ҳасби марҳамати Худ наҷот дод, ба василаи ғусли таваллуди дубора ва таҷдиде ки аз Рӯҳулқудс аст.* Титус 3:4-5

Ин оятҳо ошкор мекунанд ки:

(1) Худо барои ба пеши Худ овардани одамон як нақша дорад ва ин ҳам ба воситаи қурбонӣ кардани Писари ягонаи Худ мебошад.

(2) Имон танҳо ба василаи Исо.

(3) Наҷот тӯҳфа аст.

(4) Наҷот ба василаи кори хуб намеояд.

(5) Наҷот ба василаи шариат намеояд.

(6) Наҷот ба василаи харид кардани тӯҳфаҳо ба калисо намеояд.

Мо медонем, ки одам танҳо ба воситаи имон ба Исо сафед мешавад. Вале чӣ хел одам ин имонро ба ҷо орад? Одам бояд чӣ кунад, агар ӯ роҳи наҷотро медонад?

4. Аз Исо илтимос кунад, ки ӯро наҷот диҳад.

Дар Румиён 10:13, чунин омадааст, "*Ҳар касе ки исми Худовандро бихонад, наҷот хоҳад ёфт*".

**Киҳо барои кӯмак исми Худовандро хоҳад хонд?** Онҳое ки:

(1) Эътироф мекунанд, ки онҳо гуноҳкор ҳастанд ва ба кӯмак эҳтиёҷ доранд.

(2) Эътироф мекунанд, ки Исо Писари Зиндаи Худост, ва қобил аст гуноҳро бахшаду ҳаёти нав диҳад.

(3) Пурра имон доранд, ки фақат Исо Наҷотдиҳанда ва Худованд аст.

(4) Хоҳиш доранд, ки ҳаёти худро ба Худовандии Исо таслим кунанд.

Номи Худоро хондан маънои онро дорад, ки дуо кунед, самимона ӯро илтимос кунед то гуноҳҳои шуморо бахшад ва ба ҳаёти шумо ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд дохил шавад.

Ин, яъне чӣ хел одам аз олами боло таваллуд меёбад.

Ин, яъне чӣ хел одам ҳаёти ҷовидонӣ меёбад.

Ин, яъне чӣ хел инсон наҷот меёбад.

Ин, яъне чӣ хел одам аз тарафи Худо сафед мешавад.

## БОБИ 7

## ЧӢ ХЕЛ МАН БА ОНҲОЕ, КИ БА ХУЛОСАИ МАН ДОИР БА АЗ ОЛАМИ БОЛО ТАВАЛЛУД ЁФТАН МУҚОБИЛ ҲАСТАНД, ҶАВОБ ДИҲАМ?

Бешубҳа, агар шумо Исоро пайравӣ кунед, ин ба дигарон низ таъсир мерасонад. Баъзеҳо хурсанд мешаванд. Дигарҳо шояд ноумед ва хафа

мешаванд. Бадбахт он аст, ки Исоро аз тарси он ки дигарҳо чӣ фикр мекунанд, пайравӣ намекунад. Ҳама дар чунин ҳолат бой медиҳанд. Ин дар рӯҳонияти Исо  рӯй дод. *Бо вуҷуди ин бисёре аз сардорон низ ба ӯ имон овარданд, аммо аз тарси фарисиён иқрор накарданд, ки мабодо аз куништ ронда шаванд. Зеро ки ҷалоли мардумро бештар аз ҷалоли Худо дӯст медоштанд.* Юҳанно 12:42-43

Вале дигарҳо хурсандона пайравӣ мекунанд ва азобу машаққатро паси сар мекунанд. Одам бояд чӣ кор кунад, вақте ки пайравӣ  сабаби он мешавад, ки аъзоёни оилааш бо ӯ қаҳрӣ мешаванд?

Сараввал суханҳои Исоро, ки дар бораи таъсири Худ аз болои ҷомеъ гуфтааст ба ёд оваред. Дар Матто 10:34-37 ӯ мегӯяд. *Гумон накунед, ки омадаам, то осоиштагӣ бар замин биёрам; наомадаам, ки осоиштагӣ биёрам, балки шамшер. Зеро ки омадаам, то одамро аз падараш, духтарро аз модараш ва келинро аз модаршӯяш ҷудо кунам. Ва душмани одам аҳли хонаи ӯ хоҳанд буд. Ҳар кӣ падар ё модарашро аз Ман бештар дӯст медорад, лоиқи Ман нест; ва ҳар кӣ писар ё духтарашро аз Ман бештар дӯст медорад, лоиқи Ман нест.*

Исо мегӯяд, ки муноқишаҳо он вақт дар оила рӯй медиҳанд, вақте ки баъзеҳо ӯро пайравӣ мекунанд ва дигарҳо ӯро инкор мекунанд. Исо ҷудокунанда ё несткунандаи оилаҳо нест. Сарчашмаи ҷудоиҳо ва кашокашиҳо онҳое ҳастанд, ки аз пайравии Исо саркашӣ мекунанд. Навимондор сулҳу осоиштагӣ ва хурсандиро давом медиҳад, вақте ки Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованди шахси қабул мекунад. Ҳарчанд муддате ин ҳисси ноумедӣ ҳаст, бо вуҷуди ин тамоми оила имконияти наҷотёбӣ пайдо мекунад, чунки як аъзои оила аллакай наҷот ёфт.

Дар хотир дор, ки мақсади шумо наҷотдиҳии ҳамаи аъзоёни оилаи шумо ва дӯстони шумост, на набудани мунокиша. Дар ин ҷо баъзе чизҳои мусбианд, ки шумо метавонед онҳоро ба кор баред, вақте ки ягон кас шуморо барои шогирдии Исо таъқиб мекунад.

1. Фаҳмидани он ки ҳарчанд аъзоёни дигари оила бадбахт ҳастанд, шумо метавонед бо Исо хушбахт бошед.

*Хушо таъқибшудагон дар роҳи адолат, зеро ки Малакути Осмон аз они онҳост. Хушо шумо, вақте ки шуморо ба хотири Ман дашном диҳанд ва таъқиб намоянд ва барноҳақ ҳар навъ ғайбат кунанд. Шод ва хушҳол бошед, чунки мукофоти шумо дар осмон бузург аст: зеро ки анбиёи пеш аз шуморо низ ҳамин тавр таъқиб мекарданд.* Матто 5:10-12

*Ва дар ҳеҷ хусус аз душманон наметарсед, ки ин барои онҳо аломати ҳалокат аст, вале барои шумо аломати наҷот аст, - ва ин аз ҷониби Худост. Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба ӯ на танҳо имон оваред, балки барои ӯ уқубат ҳам кашед.* Филиппиён 1:28-29

**2. Фаҳмидани он ки таъқибкунӣ пешгӯи карда шуда буд.**

Исо гуфт, “*Агар Маро таъқиб карданд, шуморо низ таъқиб хоҳанд кард*”. Юҳанно 15:20.

**3. Ба таъқибот бо муҳаббат ҷавоб гардонед.**

Библия мегӯяд, *Баракат бихоҳед барои онҳое, ки шуморо таъқиб мекунанд: баракат бихоҳед, вале лаънат нахонед*. Румиён 12:14.

**4. Бо пур тоқатӣ ва боисрор барои беимонҳои оилаи худатон дуо кунед.**

Исо гуфт, … *Душманони худро дӯст бидоред ва барои таъқибкунандагони худ дуо кунед.* (Матто 5:44)

Павлус мегӯяд, *Эй бародарон! Орзӯи дили ман ва дуои ман назди Худо барои Исроил ин аст, ки онҳо наҷот ёбанд.* (Румиён 10:1)

Муддате чанд шумо аъзои ягонаи оилаатон хоҳед буд, ки Исо ва Каломи Худоро пайравӣ мекунед. Шояд ин вақти мушкил хоҳад буд, вале ҳамеша суханҳои Библияро дар ёд доред. *Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо ҳамеша дар дуо ва илтимос бо шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед. Ва осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои шумо ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт. Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад.* Филиппиён 4:6-7, 13

## БОБИ 8

## ОЁ МАН МЕТАВОНАМ БА КАЛИСО БИРАВАМ, АГАР МАН АЗ БОЛО ТАВАЛЛУД ШУДАМ?

Ин саволро одатан онҳое медиҳанд, ки то ҳоло аз олами боло таваллуд нашудаанд. Ҷавобаш чунин аст: Барои он ки аз олами боло таваллуд шавад, шахс бояд тамоми ҳаёташро ба Худовандии Исои Масеҳ таслим

кунад. Одами аз боло таваллудёфта хурсандона Худованди ҳаёти худ – Исоро пайравӣ мекунад. Ҳамаи амалҳои ҳаёт ба монанди маълумотгирӣ, кор, интихоби зан ё шавҳар, истироҳат, ҳамчунин чӣ хел ва дар куҷо ибодат кардан зери назорати Худованди мо- Исо хоҳад буд. Исо муайян хоҳад кард, ки мо дар куҷо бояд ибодат кунем. Вале иродаи ӯро дар ҳаёти худ ман чӣ хел мефаҳмам?

Иродаи Худоро дар ҳаётамон мо тавассути омӯзиши ҳаррӯзаи Библия, Сухани ӯ барои фарзандони ӯ аз худ мекунем. Ҳамчунин, имондор барои роҳнамоии ҳаррӯзаи Худо дуо мекунад.

Бинобар ин савол бояд чунин набошад: "Оё ман метавонам ба калисо равам?" Савол бояд чунин бошад, "Худованди ҳаёти ман кист?"

Имондор бо Павлус розӣ хоҳад шуд вақте ки ӯ гуфт; "*Зеро ки ман ба воситаи шариат ба шариат мурдаам, то ки барои Худо зиндагӣ кунам. Ман бо Масеҳ маслуб шудаам. Ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад. Ва ин ки ҳоло дар ҷисм зиндагӣ мекунам, ин яъне бо имон ба Писари Худо зиндагӣ мекунам, ки ӯ маро дӯст дошт ва Худро барои ман таслим кард*". Ғалотиён 2:19-20

Исо, ки Ростӣ аст (Юҳанно 14:16), имондорҳоро ба сӯи ростӣ роҳнамоӣ мекунад. Имондори ҳақиқӣ ростиро пайравӣ мекунад.

Агар дини одам дар асоси Библия набуда, асоси он анъанаҳое, ки инсон офаридааст бошад, пас барои чунин одамон Библия роҳнамои нав хоҳад шуд.

Дар Ғалотиён 5:1 Павлус дар ин бора чунин мегӯяд, "*Дар озодие ки Масеҳ моро барои он озод кардааст, устувор истед ва аз нав гирифтори юғи ғуломӣ нашавед".*

Дар бораи одамоне, ки озод шуданд (аз боло таваллуд ёфтанд) Павлус дар Ғалотиён 5:7-8 мегӯяд, "*Нағз медавидед: кӣ шуморо аз итоати ростӣ боздошт? Ин таъсир аз ҷониби Даъваткунандаи шумо нест".*

Агар кас боре Исоро пайравӣ кард ва роҳи ростиро, ки дар Библия аст, ёфта буд, ба ӯ таъсир мерасонанд, то ин ки ростиро монда аз сари нав дини пештараро пайравӣ намояд. Вале Павлус мегӯяд, ки озмоиш аз тарафи Худо нест ва имондор бояд қавӣ бошад, ва бо васваса истодагарӣ намояд, ҳарчанд зидди ӯ таҳдидҳо карда мешаванд.

## БОБИ 9

## КИРО МАН БОЯД ПАЙРАВӢ КУНАМ?

Киро мо пайравӣ мекунем муайян мекунад, ки ҳаёти ҷовидониро дар куҷо мегузаронем.

Киро пайравӣ кардани мо сифати ҳаёти моро дар замин муайян мекунад.

Ин хеле муҳим аст, бинобар ин, мо бояд одами дурустро пайравӣ кунем.

Итоати олии моро кӣ мепазирад? Киро мо пайравӣ кунем?

Агар мо маънии ҳаётро дарёфтем, мо бояд он Касеро, ки ҳаётамонро пурмаъно мекунад, пайравӣ кунем.

Агар мо аз болои гуноҳ пирӯз шудем, мо бояд он Касеро, ки бо гуноҳ вохӯрда аз болояш пирӯз шуд, пайравӣ кунем.

Фақат як одам аст, ки аз болои ҳамаи инҳо пирӯз шуд. Ин Исо буд. Муҳаммад гуноҳ кард, реҳлат кард ва дар гӯр монд. Буддо гуноҳ кард, мурд ва дар гӯр монд. Иосиф Смит гуноҳ кард, мурд ва дар гӯр монд. Марям гуноҳ кард, мурд ва дар гӯр монд. Ҳамаи инҳо одамони хуб буданд, вале онҳо аз болои гуноҳ ва марг пирӯзӣ надоштанд.

**Исо** ҳаёт ба сар бурд ва ба он маънӣ бахшид. ӯ бо гуноҳ вохӯрда аз болои он ғалаба кард. ӯ мурд ва аз гӯр баромад, то ки абадан зиндагӣ кунад.

Исо гуфт, "*Агар касе хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хештанро инкор кунад ва салиби худро бардошта, Маро пайравӣ намояд. Зеро ҳар кӣ ҷони худро раҳонидан хоҳад, онро барбод медиҳад; ва ҳар кӣ ҷони худро дар роҳи Ман барбод диҳад, онро мераҳонад. Зеро ба одам ч ӣфоида дорад, ки агар вай тамоми дунёро ба даст оварад, лекин худро талаф кунад, ё ки ба худ зиён расонад?*
*Луқо* 9:23-25

Одамон бисёр вақт мехоҳанд ҳаёти худ (анъанаҳои худ)-ро наҷот диҳанд, ва бо ин онҳо ҳаёти худ ва онҳоеро, ки ин одамонро пайравӣ мекунанд, қурбонӣ мекунанд. Ин он вақт рӯй медиҳад, вақте ки кас мегӯяд, "Ман бояд мазҳаби худро пайравӣ кунам, ҳарчанд он аз таълимоти Библия фарқ дорад".

**Оё кӯдак волидонашро бояд пайравӣ кунад?**

Солҳои аввала барои онҳо интихоби дигар нест: кӯдакони хурд бояд хоҳишҳои волидонашро ба ҷо оранд. Вале дар синни калонсолӣ онҳо ҳаргиз дини волидонро пайравӣ намекунанд, агар он бар тибқи Каломи Худо нест. Кӯдакон бояд волидонашонро ҳурмату эҳтиром кунанд, вале онҳо бояд фақат Исоро пайравӣ кунанд. Он кӯдаконе, ки волидони онҳо шогирди Исо ҳастанд ва таълимоти ӯро пайравӣ мекунанд хушбахт ҳастанд.

Исо гуфт: *"Ва душмани одам аҳли хонаи ӯ хоҳанд буд. Ҳар кӣ падар ё модарашро аз Ман бештар дӯст медорад, лоиқи Ман нест; ва ҳар кӣ писар ё духтарашро аз Ман бештар дӯст медорад, лоиқи Ман нест. Ва ҳар кӣ салиби худро намебардорад ва маро пайравӣ намекунад, лоиқи Ман нест".* Матто 10:36-38

Душмани бузургтарини кӯдак волидоне мебошанд, ки Исоро ва таълимоти ӯро пайравӣ намекунанд. Волидони меҳрубон ва бохабар фарзандони худро ба омӯзиши Библия ва муносибати дуруст бо Худо ҳидоят мекунанд. Ин муносибати дуруст танҳо тавассути таваллуд аз олами боло меояд. Таваллуд аз олами боло танҳо тавассути имон ба Исо ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд мумкин аст. Инсон набояд гумроҳ шавад, вақте ки ӯ Исоро пайравӣ мекунад.

Дар Маркӯс 10:28-30 чунин омадааст. *"Он гоҳ Петрус ба ӯ гуфт: "Инак, мо ҳама чизро тарк карда, Туро пайравӣ намудаем". Исо ба ҷавоб гуфт: "Ба ростӣ ба шумо мегӯям: касе нест, ки хона, ё бародарон, ё хоҳарон, ё падар, ё модар, ё зан, ё фарзандон, ё амлокро аз баҳри Ман ва Инҷил тарк кунад. Алҳол, дар ин замон, дар миёни таъқибот, сад чандон хонаҳо ва бародарон ва хоҳарон ва падарон ва модарон ва фарзандон ва амлок ва дар олами оянда ҳаёти ҷовидонӣ наёбад".*

Фақат онҳое, ки Исо ва таълимоти ӯро пайравӣ мекунанд дар ин зиндагӣ ва зиндагии пешомада пирӯз хоҳанд шуд. Кӯдаке, ки бо волидонаш дар торикӣ мондааст барои озод кардани онҳо ҳеҷ коре карда наметавонад. Танҳо он вақте ки кӯдак худ озод мешавад ва таълимоти Библияро пайравӣ мекунад, ӯ метавонад ба волидонаш дар фаҳмидани ростӣ кӯмак кунад. Озору маломат аз тарафи волидон муқаррарӣ аст. Онҳо ҳис мекунанд, ки онҳо аллакай фарзандонашонро бо роҳи рост ҳидоят мекунанд, чунки онҳо фақат аз анъанаҳо бохабар ҳастанд ва ҳақиқати Библияро намефаҳманд.

**Оё ман сарварони рӯҳониро пайравӣ кунам?**

Сарвари рӯҳонӣ ба Павлус гуфт, ки дар бораи Исо мавъизаро бас кунад. Ҷавоби Павлус дар Аъмол 4:19-20 омадааст, “*Худатон ҳукм кунед, оё дар назари Худо дуруст аст, ки итоати шуморо аз итоати Худо авло донем? Мо наметавонем аз гуфтани он чӣ дидаем ва шунидаем, даст кашем*”.

Дар Аъмол 5:29 Петрус ба саркоҳин чунин гуфт. “*Ба Худо бояд итоат кард, на ба одамизод*”.Исо дар Матто 10:28 гуфт; “*Ва аз кушандагони ҷисм, ки ба куштани рӯҳ қодир нестанд, натарсед; балки аз ӯ ҳаросон бошед, ки қодир аст ҳам ҷисм ва ҳам рӯҳро дар дӯзах нобуд кунад*”.

Вақте ки сарварони рӯҳонӣ одамонро барои ширкат кардан дар дарсҳои Библия ҳушдор медиҳанд, киро мо бояд пайравӣ кунем? Вақте ки сарвари рӯҳонӣ ба шумо мегӯяд, ки агар шумо ба омӯзиши Библия меравед, фарзандони шуморо ба мактаб роҳ намедиҳанд, киро шумо пайравӣ мекунед? Сарвари рӯҳонӣ ё Исо ва Библияро?

Ҳарчанд аз тарафи оила, дӯстон, ҳамсояҳо ва сарварони динӣ, озору маломатҳо бошанд, одами хирадманде, ки ба осмон рафтанӣ ҳаст, бояд Исоро аз ҳама чизи дигар боло гузорад ва ӯро пайравӣ кунад ва ба суханҳои атрофиён гӯш надиҳад.

Исоро дӯст доштан - маънои онро дорад, ки мо таълимоти ӯро пайравӣ кунем ва гуфтаҳои ӯро ба ҷо оварем. Дар Юҳанно 14:23-24 Исо гуфт, *"Ҳар ки Маро дӯст дорад, Каломи Маро риоя хоҳад кард; ва Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт. Касе ки Маро дӯст надорад, суханони Маро риоя намекунад".* Ҳамчунин дар Юҳанно 15:14, Исо мегӯяд *"Шумо дӯстони Ман ҳастед, агар аҳкоми Маро ба ҷо оваред".*

**Киро Ман пайравӣ кунам?**

Танҳо Исо Масеҳ сазовори итоати пурраи мо ҳаст.

**БОБИ 10**

МАРОСИМҲОИ ДАФНКУНӢ ВА ГӮРКУНӢ ЧӢ МЕШАВАД, АГАР МАН ДИНИ НАВРО ҚАБУЛ КУНАМ?

Аввал, ҳамчун имондор ба Библия муносибати шумо ба марг дигар мешавад. Дигар шумо аз марг ва рӯҳ наметарсед. Беимонҳо доимо таълимоти Библияро дар бораи марг ва абадият инкор мекунанд.

Барои масеҳиён (аз олами боло таваллудёфта) зарур нест барои дур кардани рӯҳ дар атрофи тобут шамъҳо гузошта шаванд. Торикӣ дигар таҳдид нахоҳад кард. Ба ҷои тарс ва хурофотҳои дини пештара умед ва амният хоҳад омад.

*Лекин мо, эй бародарон, намехоҳем, ки шумо дар бораи мурдагон бехабар бошед, ки мабодо мисли дигарон, ки умед надоранд, андӯҳгин шавед. Зеро, агар мо имон дорем, ки Исо мурд ва эҳё шуд, ба ҳамин тарз низ Худо онҳоеро, ки дар Исо мурдаанд, бо ӯ хоҳад овард. Зеро инро ба шумо бо Каломи Худованд мегӯем, мо, зиндаҳо, ки то омадани Худованд боқӣ мондаем, аз мурдагон пешдастӣ нахоҳем кард. Чунки Худи Худованд бо бонги даъват, бо садои фариштаи муқарраб ва карнаи Худо, аз осмон нузул хоҳад кард, ва онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, аввал эҳё хоҳанд шуд. Баъд мо, зиндаҳо, ки боқӣ мондаем, бо якҷоягии онҳо бар абрҳо бурда хоҳем шуд, то ки Худовандро дар ҳаво пешвоз гирем, ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд хоҳем буд. Пас ҳамдигарро бо ин суханон тасаллӣ диҳед.* 1Таслӯникиён 4:13-18

Акнун, ки ҳақиқатро аз Библия дарёфтед, шумо бояд аз тарк кардани дине, ки шуморо бо қонунҳои сохтаи одам дар торикӣ нигоҳ медорад, дар ҳарос набошед. Бисёр вақт он ақидаҳо ва амалҳои дини пештараи шумо қобилияти овардани кӯмак ва тассаллӣ надоранд. Баръакс, дар ҳолати марг ва гӯркунӣ, онҳо тарс ва номуайяниро меоранд.

**Дини нави шумо, ки тибқи Библия ҳаст, дар бораи маросими дафнкунӣ чӣ мегӯяд?**

Вақте ки шумо аъзои калисои Аҳди Ҷадид гаштед, шумо аъзои оилае мешавед, ки шуморо дӯст медорад ва дар бораи ҳаёти шумо (ғамхорӣ) ҳатто марги шумо ғамхорӣ мекунад. Шумо хеле бурд мекунед, вақте ки шумо худро ба калисое, ки Библияро пайравӣ мекунад мепайвандед.

Агар ягон аъзои оилаатон касал аст, роҳиб ё аъзоёни калисо шуморо дилбардорӣ мекунанд. Агар он касал вафот кунад чӣ мешавад? Роҳиб ва аъзоёни калисо бо маслиҳатҳои муфид ва тасалло бо шумо ёрӣ медиҳанд. Дар соатҳои душвор пеш аз мурдан, роҳиб ва дигарҳо шуморо пуштибонӣ мекунанд. Баъди марг, вобаста ба заруриятҳои молиявии оила, калисо "тақдимҳои муҳаббатомез" дорад, ки он аз хайрияҳои ихтиёрӣ иборат аст ва барои пӯшондани хароҷотҳои дафнкунӣ ба оила тақдим мешавад.

Агар зарур бошад, роҳиб ва аъзоёни калисо барои ба ҷо овардаи тартиби дафнкунӣ ёрӣ медиҳанд. Аъзоёни калисо метавонанд барои ёрӣ ба оила хӯроки ҳаррӯза биёранд. Дар рӯзи дафн калисо метавонад оила ва дӯстонеро, ки барои изҳори ҳамдардӣ омадаанд бо хӯрок таъмин кунад.

Маросими дафнкуниро роҳиб ва аъзоёни калисо бо маслиҳати аъзоёни оила ба нақша мегиранд.

Калисо ҷои маросимро таъмин мекунад, ва агар маросим дар калисо баргузор гардад мусиқиро низ таъмин мекунад. Роҳиб пайғоми Библияро мерасонад. Тибқи маросим роҳиб одамонро аз калисо то мошини дафнкунӣ роҳнамоӣ мекунад. Роҳиб дар роҳ ба сӯи гӯристон бо оилаи ғамдор меравад. Дар гӯристон аъзоёни калисо одатан суруди мадҳу ситоишро мехонанд ва роҳиб аз Библия пораеро қироат мекунад. Баъд бисёр аъзоёни калисо ба оила суханҳои ҳамдардӣ ва тасаллидиҳанда ва муҳаббатомез мегӯянд.

Аз гӯристон баъзе аъзоёни калисо ва роҳиб бо оила ба хонааш мераванд. Дар он ҷо онҳо дам мегиранд ва хӯрок мехӯранд.

**Баъзе хусусиятҳои дини нави масеҳии шумо инҳоянд:**

1. Одамон шуморо дӯст медоранд. Ин муҳаббат дар он дида мешавад, ки одамон вақт, пул ва хӯроки худро бо шумо бо ҳам мебинанд.

2. Аз тарафи роҳиб ва ё калисо маблағи иҷборӣ гирифта намешавад.

3. Рӯҳонияти роҳиб шахсӣ аст. ӯ набояд маросимро тез гузаронад ва саросемавор мурдаро гӯр карда аз он ҷо равад. ӯ бояд вақти худро ба шумо сарф кунад.

4. Ба ҳама муносибати якхела бояд кард. Маросими дафнкунӣ ҳам барои коргарони оддӣ ва ҳам барои коркунони касбӣ як аст. Маросимҳои муқаррарӣ ва махсус нестанд.

5. Акнун шумо маргро на бо мотаму дилтангӣ, балки бо пирӯзии рӯҳонӣ рӯ ба рӯ мешавад.

**Дар бораи ҷои гӯркунӣ?**

(Дар баъзе мамлакатҳои сусттараққӣ навиштаҳои зер ёрӣ медиҳанд)

Ин корҳоро анҷом диҳед.

1. Гирифтани шаҳодатномаи марг.

Агар кас дар касалхона вафот мекунад, маъмурияти касалхона бояд шаҳодатномаи маргро диҳад.

Агар кас дар хона вафот кунад, духтури оила бояд шаҳодатномаи маргро диҳад.

2. Гирифтани иҷозатнома барои гӯркунӣ.

Инро шумо метавонед аз идораи хазинадории  маҳал гиред. Дар он ҷо шуморо мепурсанд, ки мурдаро дар куҷо гӯр мекунед. Шумо ба онҳо мегӯед, ки вайро дар гӯристони умумӣ ба хок месупоред. (Дар ҳар шаҳр гӯристонҳои умумӣ вуҷуд доранд).

3. Ба онҳое, ки аз барои гуристони умумӣ масъул ҳастанд барои гӯркунӣ ба як қарор оед. Одатан барои ҷои гӯркунӣ ягон маблағ намегиранд. Баъзе гӯристонҳои тиҷоратӣ ҳастанд, ки маблағ мегиранд.

Барои навимондорон дар масъалаи ҷои гӯркунӣ ягон проблема нест.

**ХУЛОСА:**

Дар давраи касалӣ ва марг ҷои беҳтар аз миёни имондороне, ки шуморо дӯст медоранд, нест.

**БОБИ 11**

ЧАРО МАН АЗ НАВ ТАЪМИД ЁБАМ?

Ин савол ба таъмид дар об нисбат дода мешавад ва онро одатан он касе медиҳад, ки маънои таъмиди масеҳиро намедонад. Вақте ки ман таъмиди масеҳӣ мегӯям, ман он таъмидеро дар назар дорам, ки дар Библия навишта шудааст.

Барои бисёр одамон савол дар аз нав таъмид ёфтан нест, балки дар таъмиди ҳақиқии аввала мебошад. Оё шумо мисоли таъмиди Библияро пайравӣ кардед? Шояд нигоҳе ба он ки таъмид чист ба кас кӯмак мекунад бидонад, ки оё ӯ таъмиди масеҳӣ дошт ё не.

**Таъмиди масеҳӣ мувофиқи Библия чист?**

Дар Навиштаҳо мисолҳои зиёди таъмид омадаанд. Мо ҳар яки онҳоро муфассал аз назар хоҳем гузаронд.

Ҳикояи хоҷасарои ҳабаш дар Аъмол 8:34-39 омадааст.

*Он хоҷасаро ба Филиппус гуфт: "Аз ту саволе дорам, ки набӣ инро дар ҳаққи кӣ мегӯяд? Оё дар ҳаққи худаш ё дар ҳаққи каси дигаре?" Он гоҳ Филиппус даҳони худро кушод ва аз ҳамон Навишта сар карда, ба ӯ аз Исо башорат дод. Дар ин миён, дар аснои роҳ, онҳо ба обе расиданд, ва хоҷасаро гуфт: "Инак, об; ба таъмид гирифтанам чӣ чиз монеъ мешавад?" Филиппус гуфт: "Агар аз таҳти дил имон оварда бошӣ, ҷоиз аст". Вай дар ҷавоб гуфт: "Имон дорам, ки Исои Масеҳ Писари Худост". Сонӣ фармон дод, ки аробаро нигоҳ дорад, ва ҳар ду, Филиппус ва хоҷасаро, ба об фуромаданд, ва ӯро таъмид дод. Вақте ки аз об баромаданд, Рӯҳи Худованд Филиппусро даррабуд, ва хоҷасаро дигар ӯро надида, роҳи худро бо хурсандӣ давом дод.*

**Оиди баъзе ин тасвири Библия дар бораи таъмид мулоҳиза кунед.**

1. Вақти таъмид шахс калонсол буд.

2. ӯ хабари хушро дар бораи Исои Масеҳ шунида буд.

ӯ на танҳо шунида буд, ва ин рӯшан аст, ӯ фаҳмид он чизеро, ки шунид. ӯ калонсол буд ва ӯ онро фаҳмид.

3. Баъди он, ки хабарро шунид ӯ, имон дошт, ки Исо Писари Худо аст ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон мебошад.

Калимаи "имон овардан" монанди дигар қисмҳои Библия ҳаст, вақте ки гап дар бораи наҷотёбӣ ва ҳаёти ҷовидонӣ меравад. Маънои он боварии комил ба Исо, фақат Исо, барои бахшиши гуноҳ ва атои ҳаёти ҷовидонӣ мебошад. Ҳоло, масеҳиёни нав-таваллудёфтаро "имондорон" меноманд.

4. Ин одам баъд аз оне ки имон овард таъмид ёфт.

Ҳеҷ таълимоти Библия ба ин тартиб муқобил ёфт нашуда буд. Дар ин навиштаҳо ҳар одаме ки таъмид ёфт, пеш аз ин ӯ аллакай ба Исо ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд имон овард.

5. Хоҷасаро худаш шахсан қарор дод, ки имон орад ва таъмид ёфт.

Волидонаш ба ҷои ӯ қарор надоданд. ӯ аллакай одами калонсол буд. Дар бораи таъмид ӯ бо касе машварат накарда буд.

6. Ҳоҷасароро ба об ғӯта зад.

Ин оби пиёла набуд; ин ҳавзи об буд. Библия чунин мегӯяд … *ҳар ду, Филиппус ва Хоҷасаро ба об фуромаданд, ва ӯро таъмид дод. Вақте ки аз об баромаданд…*

Таъмид дар Библия ҳамеша тавассути ғӯта задан дар об (ғусл) ба ҷо оварда мешуд. Исоро дар об ғӯта заданд. Павлусро дар об ғӯта заданд. Ҳамаи мисолҳои Библия дар бораи таъмид тавассути ғӯтазанӣ буданд. Маънои Библиявии калимаи "baptize"-таъмид додан ин дар об ғӯтазадан мебошад.

7. Вақте ки хоҷасаро имон овард ва таъмид шуд, ӯ пур аз шодӣ буд. Ҳар касе, ки Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованди шахсӣ қабул мекунад ва аҳкомҳои Худовандро пайравӣ мекунад, таъмид меёбад ва ӯ аз шодию сулҳу осоиш пур мешавад.

Агар шумо мехоҳед, мисоли дигаро таъмидро, ки ба ҳикояи боло монанд аст аз Аъмол 16:29-34-ро хонед.

**Оятҳои зеринро хонед.**

*Пас онҳое ки каломи ӯро бо рағбат қабул карданд, таъмид гирифтанд, ва дар ҳамон рӯз тақрибан се ҳазор нафар ба онҳо ҳамроҳ шуданд.* Аъмол 2:41

*Криспус, ки сардори куништ буд, бо тамоми аҳли байташ ба Худованд имон овард, ва бисёре аз қӯринтиён, чун шуниданд, имон оварданд ва таъмид гирифтанд.* Аъмол 18:8

*Пас, бираведва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед. Ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам". Омин.* Матто 28:19-20

Павлус гуфт: "*Таъмиде ки Яҳё медод, таъмиди тавба буд, ва ӯ ба мардум мегуфт: "Ба Он Касе ки баъд аз ман меояд, яъне ба Исои Масеҳ имон оваред".* Аъмол 19:4-5

**Таъмиди масеҳӣ чист?**

Мисолҳои аз Библия дар бораи таъмид умумиятҳои зерин доранд:

1. Ҳамаи онҳо барои шунидан, хулоса баровардан, тавба кардан аз гуноҳ ва боварӣ кардан ба Исо болиғ буданд.

2. Ҳама баъди  ба воситаи имон қабул кардани Исо ба об ғӯта зада буданд.

3. Ҳама хурсанд буданд, ки онҳо имон оварданд ва таъмид ёфтанд.

4. Ҳама барои тааллуқ будан ба “дини нав” хурсанд буданд, чунки онҳо ҳақиқатро дарёфтанд ва аз маҷбуриятҳои динӣ озод шуданд.

**Оё ман бояд аз нав таъмид ёбам?**

Агар шумо аз олами боло таваллуд ёфтед шумо бояд таъмиди масеҳӣ ёбед. Шояд шумо мегӯед”, Ман намедонам, ки аз нав таваллуд ёфтан чӣ маънӣ дорад”. Агар шумо инро мегӯед, шумо барои таъмиди масеҳӣ лоиқ нестед. Агар шумо ҳақиқан аз олами боло таваллуд ёфтед, шумо барои пайравии таълимоти Исо доир ба таъмид хоҳишу майли қавӣ доред. Шумо намегузоред, ки касе шуморо аз пайравии таълимоти Библия дар бораи таъмид ё чизи дигаре дур кунад.

Агар шумо аз олами боло таваллуд наёфтаед, шумо таъмиди масеҳиро гирифта наметавонед. Ин фақат барои онҳое, ки имон доранд, аҳамият дорад. Агар шумо аз олами боло таваллуд ёфтед, шуморо зарур аст, таъмид ёбед, на аз сари нав, балки бори аввал, чӣ хеле ки Библия мегӯяд.

Худо шуморо баракат медиҳад, вақте ки шумо Каломи ӯро пайравӣ мекунед.

## БОБИ 12

## БАПТИСТҲО КИҲО ҲАСТАНД?

Баптистҳо култи динӣ нестанд.  Пас култ чист? Ин динест, ки як ё бештар таълимотҳои асосии Библияро инкор мекунад. Барои мисол, ҳар дине, ки Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда инкор мекунад култ мебошад. Дине, ки

Библияро ҳамчун Каломи Худо инкор мекунад, култ аст. Дине, ки анъанаҳо ва таълимотҳои одамсохтаро аз Библия болотар медонад, култ мебошад. Одатан култро дар заминаи шахсиятҳо, дар якҷоягӣ бо Исо созмон медиҳанд. Асоси култ бисёр вақт Аҳди Қадим мебошад. Баптистҳо култ нестанд.

Мазҳаби баптизм дини нав нест. Он ба мисли Аҳди Ҷадид қадим аст. Яҳёи Таъмиддиҳанда аввалин шахсест, ки баптист ном гирифт. ӯ мардумро барои омадани Исо омода кард. ӯро Таъмиддиҳанда номиданд, чаро ки ӯ таъмид дод.

Баптистҳо ҳозир худро бо чунин ном намояндагӣ намекунанд. Одамоне, ки онҳоро таъқиб мекунанд, онҳоро

“Анабабтист” меноманд,чунки онҳо тарзи Аҳди Ҷадиди таъмидро пайравӣ мекунанд.

Тули 200 сол баптистҳо дар тамоми ҷаҳон хеле тараққӣ карданд. Имрӯз дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баптистҳо яке аз пурқувваттарин гурӯҳи динӣ мебошад.Ҳарчанд

гурӯҳҳои гуногуни баптистҳо мавҷуд ҳастанд, ҳамаи онҳо як ақидаро пайравӣ мекунанд.

**Баптистҳо киҳо ҳастанд?**

**1. Баптистҳо боварӣ доранд, ки Библия Каломи илҳоми илоҳии Худо мебошад.**

Чун ин Каломи илҳоми илоҳии Худост,ба он бояд имон овард ва онро дар зиндагӣ ҳамчун роҳнамо истифода бурд.

Баптистҳо ба суханони Павлус дар 2 Тимотиюс боварӣ доранд, вақте ки ӯ гуфт, *“Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст”*. 2 Тимотиюс 3:16

Баптистҳо таълимоти Библияро дар бораи он ки ҳеҷ чиз бояд ба Библия илова нашавад ва аз он кам нагардад қабул мекунанд. Юҳанно мегӯяд, *“Ҳар ки аз таълимоти Масеҳ дур мешавад ва дар он сокин нест, Худо надорад; касе ки дар таълимоти Масеҳ сокин аст, ҳам Падарро дорад ва ҳам Писарро”.* 2 Юҳанно 1:9

Павлус чунин гуфт, *Лекин агар ҳатто мо ё фариштае аз осмон Инҷиле бар хилофи он чӣ мо ба шумо башорат додаем, ба шумо башорат диҳад – малъун бод!* Ғалотиён 1:8

**2. Баптистҳо боварӣ доранд, ки Исо болотар аз ҳамаи махлуқот аст.**

*Библия чунин мегӯяд, Ки ӯ сурати Худои нонамоён ва нахустзодаи тамоми махлуқот аст. Чунки ҳама чиз дар осмон ва бар замин, ҳар чизи намоён ва нонамоён, дар ӯ офарида шудааст; хоҳ тахтҳо, хоҳ салтанатҳо, хоҳ сарвариҳо ва хоҳ ҳукуматдориҳо - ҳамааш ба воситаи ӯ ва барои ӯ ба вуҷуд оварда шудааст. Ва ӯ пеш аз ҳама чиз аст, ва ҳама чиз дар ӯ вуҷуд дорад. Ва ӯ сари бадан, яъне Калисост; ӯ навбар ва нахустзода аз мурдагон аст, то ки дар ҳама чиз ӯ аввалин бошад. Зеро писандидаи Худо ҳамин буд, ки тамоми илоҳият дар ӯ сокин бошад. Ва ба воситаи ӯ ҳама чизро бо Худ оштӣ дода, бо хуни салиби ӯ осоиштагиро барқарор намояд, яъне он чиро, ки бар замин аст, ва он чиро, ки дар осмон аст, ба василаи ӯ оштӣ диҳад.* Қӯлассиён 1:15-20

Аз Навиштаҳои дар боло зикршуда, баъзе ҳақиқатҳоро мебинем, ки Баптистҳо ба онҳо эътиқод доранд.

(1) Исо илоҳӣ аст.

*Зеро писандидаи Худо ҳамин буд, ки тамоми илоҳият дар ӯ сокин бошад.*

(2) Исо аз ҳама болотар аст.

*ӯ навбар ва нахустзода аз мурдагон аст, то ки дар ҳама чиз ӯ аввалин бошад.*

(3) Исо сари калисо аст.

*Ва ӯ сари бадан, яъне калисост; ӯ сарчашмаи ҳаёти бадан аст.*

Ҳеҷ кас наметавонад ҷои Исоро ҳамчун сари калисо гирад. Баптистҳо ҳеҷ гуна сарварӣ ва ҳокимияти заминӣ надоранд. Калисои маҳаллӣ зери ҳокимияти Исо аст. Ин на зери ҳокимияти ягон созмон ё маҷлис ё ягон гурӯҳ аст. Фақат Исо сари он аст.

(4) Исо сарчашмаи наҷот аст.

*Ва ба воситаи ӯ ҳама чизро бо Худ оштӣ дода, бо хуни салиби ӯ осоиштагиро барқарор намояд, яъне он чиро, ки бар замин аст, ва он чиро, ки дар осмон аст, ба василаи ӯ оштӣ диҳад.*

Ҳамчунин дар Қӯлассиён 1:22 мехонем. *Ҳоло дар ҷисми башарии ӯ ба воситаи мамоти ӯ оштӣ додааст, то ки шуморо назди Худ муқаддас ва бе айбу нуқсон ҳозир кунад.*

**3. Баптистҳо имон доранд, ки наҷот фақат ба василаи имон ба Исо меояд.**

(1) Имон ба Исо – на ба василаи Шариат.

*Лекин, чун донистем, ки одамизод на бо аъмоли шариат сафед мешавад, балки фақат бо имон ба Исои Масеҳ, - мо ҳам ба Исои Масеҳ имон овардем, то ки бо имон ба Масеҳ сафед шавем, на ин ки бо аъмоли шариат; зеро ки бо аъмоли шариат ҳеҷ ҷисме сафед нахоҳад шуд.* Ғалотиён 2:16

(2) Имон ба Худо-на ба василаи корҳои хуб.

*Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад.* (Эфсӯсиён 2:8-9)

*Пас, мо бо имон сафед шуда, бо Худо ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ сулҳу осоиштагӣ дорем.* (Румиён 5:1)

(3) Имон ба Исо – на маросим (таъмиддиҳӣ, ба калисо рафтан)

*Зеро аҳли хатна моем, ки Худоро дар Рӯҳ ибодат менамоем, ва бо Исои Масеҳ фахр мекунем, ва ба ҷисм эътимод надорем. Аз ҷиҳати ғайрат – таъқибкунандаи Калисо, аз ҷиҳати адолати шаръӣ – беайб. Лекин он чӣ барои ман бартарӣ буд, ба хотири Масеҳ нуқсон донистам. Ва ҳанӯз ҳамаашро ба*

*хотири афзалияти дониши Худованди ман Исои Масеҳ нуқсон медонам, ки барои ӯ ман аз ҳамааш даст кашидам ва ҳамаашро ахлот медонам, то ки Масеҳро пайдо кунам. Ва дар ӯ пайдо шавам, на бо адолати худ, ки аз шариат аст, балки бо он чӣ ба воситаи имон ба Масеҳ аст, яъне бо адолате, ки аз Худо бар ҳасби имон аст.* Филиппиён 3:3-4, 6-7, 8-9

**4. Баптистҳо ба рӯҳонияти ҳар имондор имон доранд.**

Рӯҳонияти ҳар имондор чӣ маънӣ дорад? Инҳо ду чизи асосӣ ҳастанд: **имтиёз** ва **масъулият.**

**Имтиёз** – Ҳар одам ба василаи Исо ба Худо роҳ дорад.

*Аммо ӯ, ки то абад боқист, каҳонати бефано дорад. Ва ба ин сабаб низ метавонад доимо онҳоеро, ки ба василаи ӯ сӯи Худо меоянд, наҷот диҳад, зеро ҳамеша зинда аст, то ки барои онҳо шафоат кунад.* Ибриён 7:24-25

*Пас мо, ки чунин Саркоҳини бузурге дорем, ки афлокро тай намудааст, ва ӯ Масеҳи Писари Худост, эътирофи худро боматонат нигоҳ дорем. Зеро мо чунон саркоҳин надорем, ки дар заъфҳои мо натавонад ба мо дилсӯзӣ намояд, балки ӯ монанди мо, дар ҳама чиз озмудаи васвасае шуд, вале гуноҳ накард. Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем, то ки марҳамат ба даст оварем ва барои мадади саридарвақт файз ёбем.* Ибриён 4:14-16

Баптистҳо эътиқод доранд, ки танҳо Рӯҳонии Олӣ аст, танҳо як миёнарав аст – Исо. *Библия мегӯяд, зеро ки Худо ягона аст, ва воситачии байни Худо ва одамон низ ягона аст, ки Исои Масеҳи одамизод аст.* 1Тимотиюс 2:5

**Масъулият** – Ҳар имондор, ки ҳаёти навро ба василаи имон ба Исо қабул кард масъулият дорад, ин ҳаётро бо дигарон бо ҳам бинад.

Ин дар 2 Қӯринтиён 5:17-18 рӯшан намоён аст, вақте ки Павлус мегӯяд. *Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст. Ва ҳама чиз аз ҷониби Худост, ки моро ба воситаи Исои Масеҳ бо Худ мусолиҳа дод ва хизмати мусолиҳаро ба мо супурд.*

Ҳамчунин дар 1 Петрус 2:9 чунин омадааст: *Лекин шумо насли баргузида, каҳонати шоҳона, халқи муқаддас, қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунед.* 1 Петрус 2:9

Ин оят ба мо дар бораи имтиёзи халқи Худо интихобкарда нақл мекунад. Ин ҳамчунин дар бораи масъулияти бо ҳам дидани Хабари Хуш бо дигарон нақл мекунад. Ана ин аст маънии рӯҳонияти ҳар имондор.

**5. Баптистҳо боварӣ доранд, ки Хабари Хуш дар бораи Исои Масеҳ бояд бо дигарон бо ҳам дида шаванд.**

Баптистҳо ваколати (мандат) Исоро дар Матто 28:19-20 қабул мекунанд. *Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед. Ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам". Омин.*

**6. Баптистҳо ба озодии динӣ имон доранд, ки имкон медиҳад, то ҳар кас динро мувофиқи интихобаш пайравӣ кунад.**

**7. Баптистҳо ба ҷудоии калисо ва давлат боварӣ доранд.**

Кормандони калисо бояд ба корҳои давлат дахолат накунанд, ва ҳамчунин давлат низ бояд ба корҳои калисо дахолат накунад.

Баптистҳо ба воситаи Исо озод ҳастанд – озоданд, ки барои Исо зиндагӣ кунанд, онҳо бо муҳаббат зиндагӣ мекунанд, на бо тарс ё ягон вазифа. Баптистҳо одамони Китоб – Библия ҳастанд. Баптистҳо одамони Худо ҳастанд, ва ин муносибат ба василаи имон ба Писари ӯ, Исои Масеҳ имконпазир шуд. Баптистҳо масъулияти бо дигарон бо ҳам дидани Масеҳро доранд.

Баптистҳое, ки аз олами боло таваллуд ёфтаанд, одамони махсус – одамони Худо мебошанд. Онҳо дорои пирӯзӣ ва айният дар Масеҳ мебошанд.

## БОБИ 13

## ОЁ МАРЯМ БАЪДИ ТАВАЛЛУДИ ИСО ҲАМ БОКИРА МОНД?

Якчанд саволҳои баъдӣ ҳам барои Католикҳо ва ҳам барои протестантҳо аҳамияти калон доранд. Дар рӯ овардан ба ин саволҳо мо мақсад надорем, касеро танқид кунем, балки мо фақат мехоҳем бифаҳмем, ки Библия доир ба ин саволҳо чӣ мегӯяд.

Пеш аз ҷавоб додан ба ин саволҳо, мо бояд онро омӯзем, ки Библия дар бораи Марям чӣ мегӯяд. Ҳар чиро, ки Библия мегӯяд, бояд ҳамчун Сухани Худо пазируфта шавад.

Бар тибқи Инҷилҳои Матто ва Луқо, Марям то таваллуди Исо бокира буд. Баъди таваллуди Исо, Аҳди Ҷадид дар бораи ӯ маълумоти каме медиҳад ва ҳатто таваллуди Исо танҳо дар ду китоби Аҳди Ҷадид навишта шудааст. Танҳо як мисол дар бораи рӯҳонияти Исо вуҷуд дорад, ки бо суханҳои Марям сабт шудаанд ва Исо ба Марям гуфт, ки чӣ кор карданро ба ӯ нагӯяд. Ин дар тӯй, дар Қано рӯй дод  ва дар ин бора дар Юҳанно 2:1-5 омадааст. *Дар рӯзи сеюм дар Қонои Ҷалил тӯи арӯсӣ буд, ва модари Исо дар он ҷо буд. Исо ва шогирдонашро низ ба тӯй даъват карда буданд. Чун шароб камӣ кард, модари Исо ба ӯ гуфт: "Шароб надоранд". Исо ба вай гуфт: "Туро бо Ман чӣ кор аст, эй зан? Соати Ман ҳанӯз нарасидааст". Модараш ба хизматгорон гуфт: "Ҳар чӣ ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред".*

Ин дар аввали рӯҳонияти Исо буд. Марям дар рӯҳонияти баъдинаи заминии Исо танҳо ду бори дигар сабт шудааст. Боре ӯ бо мардум сухан мегуфт, ки модар ва бародаронашон омаданд. Ба ӯ гуфтанд, ки модарат ва бародаронат дар берун истодаанд. Исо онҳоро сарзаниш карда гуфт: ***"Кист модари ман? Кист бародарони ман?"*** (Матто 12:46). Вақти дигар ӯ дар байни одамон аз шогирди дӯстдоштааш илтимос кард, ки ба модараш ғамхорӣ кунад (Юҳанно 19:25-27).

Бори охир Марям дар Библия, дар Аъмол 1:14 ёдовар шудааст. Ин баъди марг ва эҳёи Исо буд. Ин оят чунин аст: *Ҳамаи онҳо якдилона ба дуо машғул буданд, ва ҳамроҳашон занону  Марям - модари Исо,  бародарони ӯ низ буданд.* Ба ӯ дар ин ҷо ягон мақоми махсусе дода нашудааст.

Мувофиқи Библия ҳаввориён ҳеҷ вақт ба Марям дуо накардаанд. Петрус, Яҳё ва Юҳанно ҳеҷ вақт номи ӯро, ки ба калисоҳо навиштаанд, зикр накардаанд. Юҳанно то мурданаш ӯро ғамхорӣ кард, вале ҳеҷ вақт номи ӯро дар чор китоби Библия, ки ӯ навишта буд, зикр накард. Павлус қисми зиёди Аҳди Ҷадидро навиштаст, вале ва боре ҳам номи ӯро зикр накардааст.

Вақте ки Калисои Аҳди Ҷадид сар шуд, танҳо як ном ҳамчун Наҷотдиҳанда эълон шуд ва ин Исо буд: *"Дар ҳеҷ каси дигар наҷот нест ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ки ба василаи он наҷот ёбем"*. Аъмол 4:12

Доир ба муносибати Исо нисбати модараш Юҳанно 2:1-5 ва Матто 12:46-50-ро хонед.

Акнун саволи "**Оё Марям баъди таваллуди Исо ҳам бокира монд?"**-ро мебинем.

Библия таълим медиҳад, ки Марям вақти таваллуди Исо бокира буд. Вале баъди таваллуди Исо чӣ? Оё Марям зани Юсуф шуд? Оё Марям ва Юсуф фарзандони дигар ҳам доштанд?

Аз Библия мо мехонем: *"Ва Юсуф аз хоб бедор шуда, ончунон рафтор кард, ки фариштаи Худованд ба ӯ фармуда буд, ва зани худро қабул кард. Ва бо вай ҳамбистар нашуд то даме ки вай Писари нахустини худро зоид, ва ӯро Исо ном ниҳод"*. Матто 1:24-25

Нуқтаи асосӣ он ҳаст, ки то зоида шудани Исо Юсуф бо Марям ҳамбистар нашуда буд.

Ба мард ва зан, шавҳар ва зан, Худо дар аввали офариниш чунин гуфт, "Борвар ва афзун шавед". Барои Юсуф ва Марям ҳамчун зану шавҳар амал кардан ва фарзанд ёфтан иродаи Худо мебошад. Ин муқаррарӣ буд.

Ин барои Марям кори паст набуд, ки вазифаи худро ҳамчун зан ва модари меҳрубон иҷро кунад.

Навиштаҳо мегӯянд, ки Исо аввал ин тавлиди Марям буд, ва ин рӯшан нишон медиҳад, ки баъди ӯ фарзандони дигар низ буданд. Марям ва Юсуф баъди таваллуди Исо боз чанд фарзанди дигар доштанд? Библия ба мо номи баъзеи онҳоро мегӯяд. Дар Матто 13:53-55, мо инро мехонем, *Вақте ки Исо ин масалҳоро ба охир расонд, аз он ҷо равона шуд. Ва ба зодгоҳи Худ омада, онҳоро дар куништҳошон таълим дод, ба тавре ки онҳо дар ҳайрат монда, мегуфтанд: "Аз куҷост дар ӯ чунин ҳикмат ва мӯъҷизот?" Оё ӯ писари наҷҷор нест? Оё номи модараш Марям нест, ва бародаронаш Яъқуб, Йӯсе, Шимъӯн ва Яҳудо?*

Дар Марқӯс 6:3 омадааст: "*Оё ин ҳамон наҷҷор нест, ки писари Марям ва бародари Яъқуб, Йӯсе, Яҳудо ва Шимъӯн аст? Оё хоҳарони ӯ ин ҷо дар байни мо намебошанд?"*

Дар Юҳанно 7:5 омадааст: "*Бародаронаш низ ба ӯ имон наоварда буданд"*.

Дар Забур 68:9 мо пешгӯӣ дар бораи омадани Исоро мебинем: *Барои бародарони худ гайр ҳисоб шудаам, ва барои писарони модари худ – бегона.*

Донишҷӯи ҷиддии Библия инкор намекунад, ки Юсуф ва Марям дар ҳақиқат ҳам шавҳар ва зан буданд ва фарзандони дигар низ доштанд.

**Пас мо дар бораи Марям чӣ андеша бояд кунем?**

Мо бояд ба таълимотҳои Навиштаҳои Муқаддас имон орем – ҳеҷ чиз ба он илова набояд шавад ва аз он гирифта нашавад. Марям зани парҳезгор,

хуб, фурӯтан буд. Мо бояд ӯро эҳтиром кунем, чунки Худо ӯро ҳамчун модари Наҷотдиҳанда интихоб кард. Вале мо набояд ӯро дуо кунем, парастиш кунем, ва ё дар дини масеҳӣ ба ӯ мақоми марказӣ диҳем. Агар мо ин корро кунем, мо муқобили таълимотҳои навиштаҳо амал мекунем.

Баъзеҳо мегӯянд, ки ба Худо ба василаи дуо ба Марям мерасанд, чунки ӯ дили мулоим дошт. Библия чӣ мегӯяд?

*"Зеро ки Худо ягона аст, ва воситачии байни Худо ва одамон низ ягона аст, ки Исои Масеҳи одамизод аст, ки Худро ҳамчун фидияе барои ҳама дод: ин шаҳодатест, ки дар замони муайяне дода шудааст"* 1 Тимотиюс 2:5-6

*Пас мо, ки чунин Саркоҳини бузурге дорем, ки афлокро тай намудааст, ва ӯ Масеҳи Писари Худост, эътирофи худро боматонат нигоҳ дорем. Зеро мо чунон саркоҳин надорем, ки дар заъфҳои мо натавонад ба мо дилсӯзӣ намояд, балки ӯ монанди мо, дар ҳама чиз озмудаи васвасае шуд, вале гуноҳ накард. Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем, то ки марҳамат ба даст оварем ва барои мадади саридарвақт файз ёбем.* Ибриён 4:14-16

Масеҳии ҳақиқӣ бояд: Ба Марям дуо накунад.

Ба Марям сар хам накунад.

Аз Марям ёри мунтазир нашавад.

Суратҳои Марямро нигоҳ надорад.

**БОБИ 14**

ОЁ МАН БОЯД ҲАНГОМИ ДУО ТАСБЕҲРО ИСТИФОДА КУНАМ?

Пеш аз ҷавоб додан ба ин савол хуб мешуд мо ба асл ва истифодаи тасбеҳ нигоҳ кунем.

Петрус ҳермит - тасбеҳро соли 1090, зиёда аз ҳазор сол баъди марги Исо сохта дод. То асри 13 онҳо васеъ истифода бурда нашуданд. То ислоҳоти Протестанӣ дар асри 16 тасбеҳ расман иҷозат дода нашуда буд.

Асрҳо пеш аз сохтани тасбеҳ дар дини Буддоӣ ва ислом ҳангоми дуо асбоби механикӣ истифода мешуд.

**Тасбеҳ чист?**

1. Ин силсилаи дуоҳо мебошад. Дар шакли дарозаш он 15 Pater – Nosters дорад. (Дуои Худованди, ки ба Худо Падар бахшида шудааст), 15 Ҷалолдиҳӣ, ва 150 Муборакбодии Марям, ки ба “Марями бокира” тақдим шудаанд.

2. Ин як асбобест, ки ҳангоми ҳисоб кардани дуоҳо истифода мешавад, кӯтоҳтарин ва нисбатан маъмултарин шакл ин ресмони мӯҳраҳо, ки ба панҷ қисм ҷудо шудаанд, ва ҳар кадомашон аз як муҳраи калон ва даҳ мӯҳраҳои хурд иборат ҳастанд. Тасбеҳи калон понздаҳ қисм дорад. Одатан, вақте ки кас мехоҳад тасбеҳро пурра гардонад, ӯ се бор тасбеҳро мегардонад.

Калимаи  "rosary" –тасбеҳ маънои ҳалқаи гули садбаргро дорад. Достоне байни мардум роиҷ аст, ки "Бибӣ Марямро"-ро ҳангоми гирифтани гулдаста аз лабони роҳиби ҷавон, вақте ки ӯ Муборакбодии Марямро мехонд, диданд ва ӯ ба онҳо дар ҳалқаи гул қасам хӯрд, ки онро дар сари Марям ниҳода буд. Тасбеҳ даҳ вақта мешавад ва бисёр дуоҳо ба Марям ҳамчун ба Худо ирсол шудаанд. Дар тасбеҳ ҳеҷ дуое ба Исо ё Рӯҳулқудс ирсол нашудааст. Дар истифодаи тасбеҳ одам аз Худо ё Исои Масеҳ болотар гузошта шудааст.

Библия оиди ин хел шакли дуо – ба монанди тасбеҳ чӣ таълим медиҳад?

Исо гуфт, *Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед; зеро онҳо гумон мекунанд, ки ба туфайли дуояшон мустаҷоб мешавад.  Монанди онҳо набошед, зеро Падари шумо тамоми эҳтиёҷоти шуморо, пеш аз он ки талаб кунед, медонад. Пас ба ин мазмун дуо гӯед:"Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! исми Ту муқаддас бод; Малакути Ту биёяд, иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд; Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ; Ва қарзҳои моро бибахш, чунон ки мо низ ба қарздорони худ мебахшем*. Матто 6:7-12

**Аз ин таълимоти Исо мо меомӯзем:**

1. Ҳангоми дуо мо бояд ба Худо муроҷиат кунем. Исо гуфт, "Падари Ман".

2. Ягон асбоби механикӣ пешниҳод нашудааст.

3. Исо бисёр вақт дуо мекард ва ҳама вақт ӯ беихтиёр аз таҳти дил дуо мекард. ӯ ҳамеша ба Падари Худ дуо мекард. ӯ ҳеҷ вақт дар дуоҳояш Марямро ёдрас нашудааст ва ба ҳеҷ кас ҳам маслиҳат намедиҳад.

Баъзе одамон мегӯянд, ки онҳо ба Марям дуо мекунанд, чунки ӯ модар аст ва гуноҳҳои моро мефаҳмаду аз номи мо аз Худо талаб мекунад. Бубинед Библия чӣ мегӯяд.

*Пас мо, ки чунин Саркоҳини бузурге дорем, ки афлокро тай намудааст, ва ӯ Масеҳи Писари Худост, эътирофи худро боматонат нигоҳ дорем. Зеро мо чунон саркоҳин надорем, ки дар заъфҳои мо натавонад ба мо дилсӯзӣ намояд, балки ӯ монанди мо, дар ҳама чиз озмудаи васвасае шуд, вале гуноҳ накард. Бинобар ин бо ҷуръат ба тахти файз наздик оем, то ки марҳамат ба даст оварем ва барои мадади саридарвақт файз ёбем.* Ибриён 4:14-16

Дар 1 Тимотиюс 2:5 мо мехонем, *Зеро ки Худо ягона аст, ва воситачии байни Худо ва одамон низ ягона аст, ки Исои Масеҳӣ одамизод аст.*

Барои шахс зарур нест сарвари динӣ бошад, ё олим бошад то ки бифаҳмад маънои ин оят чист. Барои шахс зарур нест ба василаи шахси дигар ё ягон асбоб ба назди Худо бирасад. Исо фақат роҳи ягонаи дар дуо ба Худо расидан ва аз гуноҳ озод шудан аст. Библия мегӯяд, ки Исо барои заифии мо дилсӯзӣ мекунад. Оятҳои Ибриёнро бори дигар хонед. Ин Сухани Худост ва он рост ҳаст.

**Хулоса чунин аст**: Исо, Петрус, Павлус ва дигарҳо бар тибқи Библия тасбеҳро истифода набурданд. Пас чаро мо имрӯз тасбеҳро истифода кунем? Масеҳӣ баъди аз худ кардани таълимоти Библия тасбеҳро истифода нахоҳад бурд.

Дуо муҳим аст. Дуо ин алоқа байни Худо ва фарзандони ӯ мебошад. Чун шогирдони Библия масеҳиён бояд таълимоти Библияро дар бораи дуо пайравӣ намоянд.

**БОБИ 15**

БИБЛИЯ ДАР БОРАИ АКСҲО ВА БУТҲО ЧӢ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД?

Даҳ Аҳком қонунҳои муҳимест, ки Худо ба халқи худ тақдим кардааст. Онҳо дар Хуруҷ 20 омадаанд. Панҷ ояти аввала чунин мегӯянд, Хуруҷ 20:1-5. *Ва Худо ин суханонро ба забон ронда, гуфт: "Ман Худованд Худои ту ҳастам, ки туро аз замини Миср, аз хонаи ғуломӣ берун овардам" Туро худоёни дигар, ҷуз Ман, набояд бошад. Саналме ва ҳар сурате аз он чӣ дар осмон аз болост, ва аз он чӣ дар замин аз поён аст, ва аз он чӣ дар об аз зери замин аст, барои худ насоз. Ба онҳо саҷда набар ва онҳоро ибодат накун; зеро ки Ман Худованд Худои ту ҳастам, Худои ғайюре ҳастам, ки барои гуноҳи падарон аз писарон, то насли сеюм ва чорум, аз онҳое ки аз Ман нафрат дошта бошанд, интиқом мегирам".*

Боз дар Библия омадааст, *Пас, ҷонҳои худро бағоят эҳтиёт кунед, зеро дар рӯзе ки Худованд ба шумо дар Ҳӯриб аз миёни оташ сухан ронд, ҳеҷ сурате надидед. Мабодо шумо фосид шуда, барои худ ҳайкале, сурати ҳар санаме: шакли марде ё зане бисозед. Ё шакли ҳар чорпое ки дар рӯи замин аст, ё шакли ҳар паррандаи болдоре ки зери осмон парвоз мекунад. Ё шакли ҳар хазандае, ки дар замин аст, ё шакли ҳар моҳие, ки дар обҳои зери замин аст.* Такрори шариат 4:15-18

*"Бутҳо барои худ насозед, ва ҳайкал ва сутуне барои худ барпо накунед, ва санги суратдоре дар замини худ нагузоред, то ки пеши он саҷда баред".* Ибодат 26:1

**Библия дар бораи бутҳо ва аксҳо дар хона чӣ мегӯяд?**

Аз Такрори шариат 26 мо мехонем, *"Ва чизи зиштро ба хонаи худ дохил накун, то ки мисли он ба ҳалокат нарасӣ; аз он нафрат намо ва худро аз он канор гир, зеро ки он сазовори ҳалокат аст.* Такрори шариат 7:26.

Ва дар Аҳди Ҷадид Павлус мегӯяд, *Зеро ки аз шумо каломи Худованд на танҳо дар Мақдуния ва Охоия шунида шуд, балки имоне ки шумо ба Худо доред, дар ҳама ҷо овоза шуд, ба дараҷае ки моро ҳоҷат нест, чизе бигӯем. Зеро вақте ки худи онҳо дар бораи мо ҳикоят мекунанд, мегӯянд, ки чӣ гуна мо ба миёни шумо дохил шудем, ва чӣ гуна шумо аз бутҳо гашта ба Худо руҷӯъ намудед, то ки Худои Ҳай ва ҳақиқиро бандагӣ кунед.* 1 Таслӯникиён 1:8-9

Дар Қӯринтиён 12:1-2 Павлус менависад, *Дар хусуси бахшоишҳои рӯҳонӣ бошад, намехоҳам, ки шумо, эй бародарон, бехабар монед. Медонед, ки шумо, вақте ки бутпараст будед, назди бутҳои безабон тавре мерафтед, ки гӯё шуморо кашида мебурданд.*

Аз китобҳои Ишаъё ва Ирмиё дар Аҳди Қадим ба мо зиёда аз шаст гуфтаҳо дар бораи бутҳо, аксҳо ва ҳайкалҳо дучор мешаванд. Дар ҳама ҳолатҳо одамоне, ки ба онҳо саҷда мекунанд сахт мазаммат шудаанд. Агар шумо мехоҳед бифаҳмед, ки чаро зиндагӣ ҳозир душвор аст, ин ду китобро мутоила намоед, ва шумо хоҳед дид, ки Худо барои онҳое, ки ба аксҳо ва ҳайкалҳо саҷда меоранд ҷазо ва танбеҳи сахтро ваъда кардааст. Ба оятҳои зер диққат диҳед.

*Зеро ки дар он рӯз ҳар кас бутҳои нуқраи худ ва бутҳои тиллоии худро, ки дастҳои шумо барои гуноҳ сохтааст, тарк хоҳад кард.* Ишаъё 31:7 *Ва ҳамду санои худамро ба санамҳо нахоҳам дод.* Ишаъё 42:8

*Онҳое ки санам месозанд, саросар ночизанд, ва чизҳои писандидаи онҳо ҳеҷ фоидае намебахшанд.* Ишаъё 44:9

*Нисфи онро дар оташ месӯзонад, бо қисми дигараш гӯштро кабоб мекунад, ва кабобро хӯрда, сер мешавад; ва гарм шуда, мегӯяд: "Ваҳ, акнун гарм шудам, рӯи оташро дидам!" Ва аз бақияи ин чӯб худое, яъне санаме барои худ месозад, пеши он саҷда менамояд, ва онро мепарастад, ва назди он дуо хонда, мегӯяд: "Маро наҷот деҳ, зеро ки ту худои ман ҳастӣ". Онҳо намедонанд ва намефаҳманд, зеро чашмҳошон баста шудааст, то ки набинанд, ва дилҳошон – то ки дарк накунанд.* Ишаъё 44:16-18

*Зеро ки бани-Яҳудо он чиро, ки дар назари Ман бад аст, ба амал ов箩рданд, - мегӯяд Худованд, - ва чизҳои зишти Худро дар хонае ки ба исми Ман номида шудааст, гузоштанд, то ки онро палид кунанд.* Ирмиё 7:30

*Ва Ман аввал барои маъсият ва гуноҳашон подоши дучанд хоҳам дод, чунки замини Маро палид намуда, мероси Маро бо ҷасадҳои бутҳошон ва бо қабоҳатҳошон пур кардаанд.* Ирмиё 16:18

**Библия дар бораи сарварони динӣ, ки одамонро ба истифода аз бутҳо ва суратҳо ҳангоми ибодат ва дар хона ҳидоят мекунанд, чӣ мегӯяд?**

*Зеро ки ғазаби Худо аз осмон зоҳир мешавад ба ҳар гуна маъсият ва шарорати одамоне ки ростиро бо шарорат поймол мекунанд. Зеро ки он чӣ дар бораи Худо донистан мумкин аст, ба онҳо маълум аст, чунки Худо ба онҳо маълум кардааст. Зеро ки моҳияти нонамоёни ӯ, яъне қуввати ҷовидонӣ ва Илоҳияти ӯ, аз хилқати олам ба воситаи дидани офаридаҳояш ба назар намоён аст, бинобар ин онҳо ҳеҷ узре надоранд. Агарчи онҳо Худоро шинохта бошанд, ӯро чун Худо ситоиш накарданд ва шукр нагуфтанд, балки хаёлоти онҳо ботил, ва дили бефаросаташон тира шуд. Бо вуҷуди он ки худашонро оқил номиданд, ақли худро гум карда. Ҷалоли Худои бефанoро ба сурате табдил доданд, ки ба одами фонӣ, ба мурғон, чорпоён ва хазандагон монанд аст. Бинобар ин Худо онҳоро бо нафси шаҳвониашон ба нопокӣ гирифтор кард, ба тавре ки онҳо баданҳои худро бо ҳамдигар нангин карданд. Онҳо ростии Худоро ба дурӯғ иваз карданд ва парастишу ибодат карданд махлуқро ба ҷои Холиқе, ки то абад муборак аст, омин.* Румиён 1:18-25.

Аз ин оятҳо шумо метавонед ақидаи шахсии худатонро дар бораи истифодаи аксҳо ва ҳайкалҳо дар ҷойҳои ибодат ва хона ҳосил кунед.

Дар тамоми Библия шумо ҳаргиз суханҳои мусбиро дар бораи ҳайкалҳо ва аксҳо нахоҳед ёфт. Он ҳама вақт маҳкум шудааст.

**Имондор бо ҳайкалҳо ва аксҳое, ки аз дини пеш боқӣ мондаанд чӣ кунад?** Ба Худо дуо кунед, ки шумо чӣ бояд кунед. Ӯ шуморо роҳнамоӣ хоҳад кард.

Масеҳиён мехоҳанд ба таълимоти Библия итоаткор бошанд.

**БОБИ 16**

БИБЛИЯ ДАР БОРАИ АЪРОФ ВА ДУО БАРОИ МУРДАГОН Чӣ МЕГӯЯД ?

Дар ягон ҷои Библия дар бораи он ки дуо ба мурдагон тақдим шавад, таълим дода нашудааст. Ягон порчаи Навишта намегӯяд, ки ин кор амалӣ шавад. Исо барои мурдагон дуо карданро зикр накардааст. Ҳавворийн низ инро зикр накардаанд. Ин одат дар охири садсолаи дуюм пайдо шуд. Калисои Рим аз ин аъмол фоида мегирифт, ва онро бо ақидаи ғайри – Библиявии дар бораи аъроф наздик кард, то ин ки бо ин аз сарватмандон ва камбағалон пул ситонад. Библия дар бораи ин чӣ менависад?

Дар бораи марг, Павлус гуфт, *Ҳар дуяш ҳам маро ҷазб мекунад: орзу дорам, ки баромада равам ва ҳамроҳи Масеҳ бошам, чунки ин беандоза беҳтар аст…* Филиппиён 1:23.

Дар 2 Қӯринтиён 5:6,8 Павлус гуфт, *Бинобар ин мо ҳамеша зиндадил ҳастем; чун медонем, ки то даме ки дар ҷисм макон гирифтаем, мо аз Худованд дур мебошем. Пас зиндадил ҳастем ва афзал медонем, ки аз ҷисм берун рафта, назди Худованд макон гирем.*

Вақте ки Исо дар салиб мурд, яке аз дуздон, ки бо ӯ чормех шуда буд, аз гуноҳҳояш тавба кард ва аз Исо илтимос намуд, ки ӯро ба хотир биёрад. Библия дар бораи ин чунин менависад, *Ва ба Исо гуфт: "Эй Худованд, вақте ки ба Малакути Худ бирасӣ, маро ба ёд овар!" Ва Исо ба вай гуфт; "Ба ростӣ ба ту мегӯям, ки имрӯз бо Ман дар биҳишт хоҳӣ буд".* Луқо 23:42-43

Дар Луқо 16:19-31 Исо ҳикояеро дар бораи ҳолати маргро пайравӣ кардани одам нақл мекунад.

*Шахси сарватдоре буд, ва либосҳои аргувон ва катон дар бар мекард, ва ҳар рӯз базми боҳашамат барпо мекард. Ва Лаъзор ном мискине назди дарвозаи ӯ мехобид, ва баданаш пур аз захм буд. Ва орзу дошт аз он чӣ аз дастархони он сарватдор меафтод, шиками худро сер кунад; ва сагон омада, захмҳои ӯро мелесиданд. Вақте ки он мискин мурд, фариштагон ӯро ба оғӯши Иброҳим бурданд; он сарватдор низ мурд, ва ӯро дафн карданд. Ва дар дӯзах ӯ, дар ҳолате ки азобу уқубат мекашид, чашм андохта, аз дур Иброҳимро бо Лаъзор, ки дар оғӯшаш буд, дид. Ва фарёд зада, гуфт: "Эй падарам Иброҳим! Ба ман марҳамат кун ва Лаъзорро бифирист, то ки нӯги ангушташро ба об тар карда, забони маро салқин гардонад, зеро ки ман дар аланга азият мекашам". Лекин Иброҳим гуфт: "Эй фарзандам! Ба хотир овар, ки дар зиндагиат чизҳои хуб насиби ту ва чизҳои бад насиби Лаъзор шуда буд; акнун вай дар ин ҷо фароғат меёбад, ва ту азоб мекашӣ. Ва илова бар ҳамаи ин, дар миёни мо ва шумо вартаи бузурге воқеъ аст, ба тавре ки онҳое ки аз ин ҷо назди шумо гузаштан мехоҳанд, наметавонанд, ҳамчунин аз он ҷо назди мо намегузаранд". Ва ӯ гуфт: "Пас, эй падар, аз ту илтимос мекунам, ки вайро ба хонаи падари ман бифирист. Зеро ки ман панҷ бародар дорам: бигзор онҳоро таъкид кунад, ки онҳо ҳам ба ин макони азобу уқубат наоянд". Иброҳим ба ӯ гуфт: "Онҳо Мусо ва анбиё доранд; ба суханонашон гӯш кунанд". Аммо ӯ гуфт: "Не, падарам Иброҳим! Лекин агар яке аз мурдагон назди онҳо равад, тавба хоҳанд кард". Ба ӯ гуфт: "Модоме ки ба Мусо ва анбиё гӯш намедиҳанд, ҳатто агар яке аз мурдагон эҳё шавад ҳам, бовар нахоҳанд кард".*

Исо ба мардум гуфт: "*Ман нури ҷаҳон ҳастам; ҳар кӣ Маро пайравӣ кунад, дар торикӣ роҳ напаймояд, балки нури ҳаётро ёбад*". Юҳанно 8:12

Ин умеди ҳамаи онҳое мебошад, ки аз олами боло таваллуд ёфтаанд. Дар асоси ваъдаи Исо, онҳо ҳеҷ гоҳ дар торикӣ роҳ-намепаймоянд. Барои онҳо аъроф нест.

Нисбати ҳаёти ояндаи онҳое, ки аз олами боло таваллуд наёфтаанд, Павлус чунин мегӯяд. *Зеро бисёр касон, ки дар бораи онҳо ба шумо борҳо гуфтаам, ва ҳоло низ бо гиря мегӯям, ҳамчун душманони салиби Масеҳ рафтор мекунанд. Фарҷоми онҳо ҳалокат аст, худои онҳо шикам аст, ва ҷалоли онҳо дар нанг аст: онҳо дар бораи чизҳои заминӣ фикр мекунанд.* Филиппиён 3:18-19

Дар мавъизаи болои кӯҳ Исо дар бобати хонаи охирати онҳое, ки аз олами боло таваллуд ёфтаанд, ва онҳое ки таваллуд наёфтаанд сухан кард. *"Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое, ки ба дохил мешаванд, бисёранд; Зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд".* Матто 7:13-14

**Хулосаҳо дар асоси сухани Худо инҳоянд:**

1. Одамро ду сарнавишт интизор аст: биҳишт ва дӯзах.

2. Вақти хулосабарории инсон, ки ӯ абадиятро дар куҷо мегузаронад, ин ҳаёт мебошад. Ҳикояи марди сарватманд ва *Лаъзор* ба мо мегӯяд, ки вақти хулосабарории баъди марг дер аст.

3. Ҳикояи марди сарватманд, *Лаъзор* ва дузд дар салиб ошкор мекунад, ки фавран баъди марг, инсон ё ба дӯзах меравад, ё ба биҳишт.

4. Ҳикояи марди сарватманд ва *Лаъзор* ҳамчунин ҳақиқати талхеро ошкор мекунад, ки агар инсон мурд ва ба дӯзах рафт, дигар умеди

наҷотёбӣ надорад, бинобар ин дуо барои ин одам бефоида аст. Дуо барои шахси мурда умеди қалбакӣ аст.

5. Чун дар Библия дар бораи аъроф зикр нашудааст, пас зарур нест, ки барои рӯҳи кас дуо кунем, ки аз аъроф интиқол ёбад.

6. Ақидаи дуо барои мурда ва аъроф мухолифи таълимоти Библия мебошад.

7. Баъзе чизҳоро ба вақти дигар мондан хатарнок нест, вале вақте ки сухан дар бораи пайравии Исо ва таълимоти ӯ меравад, фикр кардани “Рӯзи дигар ҳангоме, ки вақт дорам…” хатарнок аст. Марҳамати Худо бо нафаси охирини инсон меравад, на баъди он.

**БОБИ 17**

## ОЁ МАРО ЗАРУР АСТ, КИ БАЪДИ ТАВАЛЛУД АЗ ОЛАМИ БОЛО, АЗ РӮҲИ ПАЛИД ДАР ТАРС БОШАМ?

Дини аслии бисёр халқҳои сусттараққикунанда анимизм (тасаввуроте, ки дар асоси он гӯё ҳар чиз ҷон (рӯҳ) дорад: ҷондор шумурдани зуҳурот ва ҳодисаҳои табиат) мебошад. Ин динест, ки дар асоси хурофот ва тарс мебошад. Бори аввал ман бо анимизм ҳангоми кори таблиғотӣ (миссионерӣ) дар Филиппин шинос шудам.

Вақте ки испаниҳо Филиппинро тасарруф карданд, онҳо бо худ мазҳаби католикиро оварданд. Филиппиниҳо мазҳаби католикиро пазируфтанд, вале онҳо бо он анимизми худро як карданд. Ҳарчанд Филиппин ҳамчун миллати масеҳӣ маъмул аст, анимизм то кунун як қисми ҷудонашавандаи фарҳанги Филиппин мебошад. Мавҷудияти ҳайкалҳо

дар хона, ҷои кор  ва дар автомобилҳо ин табиати анимистиро ошкор мекунад.

**Анимизм чист?** Баъзеҳо онро ҳамчун ибодати рӯҳӣ маънидод мекунанд. Ин эътиқодест, ки  ҳама чизро рӯҳ  идора мекунад. Рӯҳ метавонад худро ба ҳама чиз- дарахтон, кӯҳ, дарё часпонад. Ин эътиқодест, ки чизҳои физикӣ дорои рӯҳи худ мебошанд. Ин рӯҳҳо худро дар вақтҳои гуногун тавассути чизҳои одамон ё ҷойҳо ошкор мекунанд. Онҳо метавонанд фақат рӯҳ бошанд ё метавонанд рӯҳи мурдаҳо бошанд. Аз рӯҳҳо бисёр вақт метарсанд ва баъзе вақт  онҳоро парастиш мекунанд. Баъзе вақтҳо одамон ба мисли ҷодугарон ва соҳирон метавонанд бо рӯҳ алоқа кунанд ва онҳоро идора кунанд.

Акнун якчанд намунаи анимизм, ки ман дар Филиппин дидам.

**Мулто**- рӯҳи шахси мурда, ки ҳамчун одами ғул бармегардад.

**Асуван**- рӯҳи шахси мурда, ки худро ба ҳайвон, ба монанди саг табдил медиҳад. Ин саг шабона саргардонӣ мекунад ва дар кофтукови қурбониҳои худ мебошад. Баъзе одамон ҳангоми сапедадам резинаро месӯзонанд, то ки бӯи бад рӯҳи палидро ба хона наздик шудан намонад.

**Албуларио** -  Ин табиб (соҳир) мебошад. ӯ метавонад “ҷодуии сиёҳро” истифода бурда, барои касе мусибат орад.

**Фетишизм – тумор** – Баъзеҳо anting- anting-ро истифода мебаранд. Ин халтачаи хурдест, ки аз либоси кӯҳна дӯхта мешавад ва дар он тугмачаҳо,

ришта, мӯй ва ғ. мемонанд. Кӯдакон онро дар гарданашон овезон мекунанд ё онро бо сарсӯзан ба куртаашон мечаспонанд. Гӯё ин онҳоро аз касалиҳо ва осеб эмин нигоҳ медорад.

**Сеҳру ҷоду** – Онҳо умумӣ ҳастанд. Онҳо мебоист шахсро аз осеб эмин доранд.

**Парастиши бутҳо ва аксҳо** – Инҳо Сан-Хосеи муқаддас барои дуредгарон, Модари Кӯмаки Абадӣ барои касалҳо, Модари Биби Фотима барои қарздорҳо ва дигарҳо.

Анимизм дини тарсондан ва хурофот мебошад. Ин ягон марҳамат ё муҳаббат пешниҳод намекунад. Дар он умед ва сулҳу осоиш нест. Анимизм монанди спиритизм (алоқа бо арвоҳи мурдагон) мебошад. Спиритизм эътиқодест, ки тибқи он одам метавонад бо арвоҳи мурдагон алоқа дошта бошад. Спиритистҳо вохӯриҳо доранд, ки онро сеанс меноманд. Вақти ибодат аст, азоимхон ба изтирор (тракс) меравад. Рӯҳ ҷисми азоимхонро ба худ мегирад. Эҳтимол ин рӯҳ-рӯҳи одами мурда бошад. Рӯҳ бо азоимхон гуфтугӯ мекунад ё тавассути азоимхон ба гурӯҳ рӯ меоварад. Баъзе вақтҳо чизҳои гузашта, ҳозира ва оянда ошкор мешаванд.

**Библия дар бораи анимиз чӣ мегӯяд?**

Сараввал Библия мавҷудияти рӯҳи палид ва рӯҳи ғайритабииро инкор намекунад.

Библия пур аз ишораҳои хатар нисбати кӯшиши гуфтугӯ бо мурдаҳо, истифодаи сеҳру ҷоду, бутҳо ва ҳайкалҳо мебошад. Дар китоб огоҳиҳо

муқобили ситорашиносон ва ҷодугарон, муқобили рӯҳҳои ғайритабиӣ, ки хоси Худо нестанд, мавҷуд аст. Баъзе оятҳои Библияро аз назар мегузаронем.

**Нисбати азоимхонҳо Библия чунин мегӯяд**, *Ва чун ба шумо гӯянд: "Аз ҷодугарон ва азоимхононе, ки суфу куф ва ириму ҷирим мекунанд, дархост намоед", бигӯед: "Ҳар қавм, охир, аз Худои худ дархост менамоянд, на ин ки ба воситаи мурдаҳо дар бораи зиндаҳо!" Ба шариат ва шаҳодат рӯ овared! Ба яқин сухане мисли ин хоҳанд гуфт, ки он ҳеҷ маъное надорад.* Ишаъё 8:19-20

Дар ин маврид суханони Худо хеле ҳам рӯшан аст. Имондор набояд бо рӯҳи мурдагон гуфтугӯ кунад.

**Нисбати ҷодугарон ва ситорашиносон**, Худо гуфт, "*ӯ аломатҳои козибонро ботил менамояд ва соҳиронро аз ақл бегона мекунад, ҳокимонро қафо мегардонад ва дониши онҳоро ба ҳамоқат табдил медиҳад*" Ишаъё 44:25

**Нисбати рӯҳи ғайбгӯй**, Библия менависад, *Як рӯз мо ба ибодатгоҳ мерафтем, бо мо канизе вохӯрд, ки рӯҳи ғайбгӯй дошт ва аз ғайбгӯӣ ба оғоёни худ даромади калоне меовард. Вай аз қафои мо ва Павлус омада, фарёд зад, ки ин одамон бандагони Худои Таолоянд ва роҳи наҷотро ба мо хабар медиҳанд. Азбаски чандин рӯз вай ҳамин тавр рафтор кард, Павлус дарғазаб шуд ва ба вай рӯ оварда, ба он рӯҳ гуфт: "Ба исми Исои Масеҳ туро амр мефармоям, ки аз вай берун баро". Ва дарҳол аз вай берун омад.* Аъмол 16:16-18

Ин духтари ҷавон рӯҳи ғайбгӯи қавӣ дошт. Павлус фаҳмид, ки ин рӯҳ аз Худо набуд, бинобар ин рӯҳ нолозим ва хатарнок буд.

**Нисбати онҳое, ки мӯъҷиза мекунанд,** дар Библия чунин омадааст. *Дар он ҳангом агар касе ба шумо гӯяд: "Инак Масеҳ дар ин ҷост" ё "дар он ҷост", бовар накунед. Зеро ки масеҳони козиб ва анбиёи козиб ба майдон омада, аломот ва мӯъҷизоти бузурге нишон хоҳанд дод, то ки, агар мумкин бошад, баргузидагонро низ гумроҳ кунанд. Инак, Ман пешакӣ ба шумо гуфтам.* Матто 24:23-25

"*Агар дар миёни шумо набие ё бинандаи хобҳо пайдо шуда, аломате ё мӯъҷизае ба ту нишон диҳад. Ва он аломат ё мӯъҷиза, ки дар бораи он ба ту сухан ронда буд, ба амал ояд, ва ӯ бигӯяд: "Биё, то худоёни дигарро, ки намешинохтӣ, пайравӣ намоем, ва онҳоро ибодат кунем". Ту ба суханони он набӣ ё он бинандаи хобҳо гӯш надеҳ, зеро ки Худованд Худои шумо шуморо имтиҳон мекунад, то бидонад, ки оё Худованд Худои худро бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ дӯст медоред? Худованд Худои худро пайравӣ кунед, ва аз ӯ битарсед, ва аҳкоми ӯро риоя намоед, ва ба овози ӯ гӯш диҳед, ва ӯро ибодат кунед, ва ба ӯ бичаспед.* Такрори шариат 13:1-4

*Омадани ин шарир ба ҳар гуна қувват, аломат мӯъҷизоти сохта аз рӯи амали шайтон аст ва бо ҳар навъ талбиси ноҳаққӣ дар вуҷуди нобудшавандагон, барои он ки онҳо муҳаббати ростиро қабул накарданд, то ки наҷот ёбанд.*

2 Таслӯникиён 2:9-10

**Имондор аз болои шайтон ва рӯҳи палид пирӯз аст.** Вақте ки имондор Исоро қабул мекунад, ӯ соҳиби қувваи нав мешавад. Рӯҳулқудс меояд, то дар ӯ сокин шавад. Имондор дигар ба рӯҳҳои ғайритабиӣ зарурият надорад, чунки рӯҳи ҳақи Худо дар ӯ сокин буда ӯро идора ва ҳимоя мекунад. Дар ҷаҳон рӯҳҳои палид ҳастанд, вале онҳо қудрат надоранд ба имондор осеб расонанд. Чун имондорон Библияро мехонанд, онҳо мефаҳманд, ки Худо Худро тавассути Писари Худ, Исо

зоҳир кард. Худо Худашро ба василаи Рӯҳулқудс зоҳир карданро давом дода истодааст. Худо дар предметҳо ба монанди дарахтҳо, кӯҳҳо, сокин нест, вале ӯ дар ҳаёти халқи Худ-онҳое, ки аз олами боло таваллуд ёфтаанд, зиндагӣ мекунад.

Калиди пирӯзии имондор аз болои иблис ва рӯҳи палид дар Эфсӯсиён 6:10-13 омадааст. *Ниҳоят, эй бародаронам, дар Худованд ва дар тавоноии қудрати ӯ нерӯманд шавед. Зиреҳи куллии Худоро дар бар кунед, то ки битавонед ба дасисаҳои иблис муқобилат намоед. Чунки муборизаи мо на бар зидди хун ва ҷисм аст, балки бар зидди сарварон, бар зидди ҳукуматдорон, бар зидди фармонравоёни ин олами зулмот аст, бар зидди қувваҳои рӯҳии шарорат, ки дар афлок аст. Бинобар ин, зиреҳи куллии Худоро бигиред, то ки дар рӯзи бад муқобилат намуда ва ҳама корҳоро анҷом дода, истодагӣ карда тавонед.*

Гуфтае аз Библия нишон медиҳад, ки рӯҳи палид вуҷуд дорад, ва он зери итоати қувваи Исои Масеҳ аст.  Дар Луқо 8:26-33 мо мехонем. *Ва онҳо ба сарзамини ҷадариён, ки дар рӯ ба рӯи Ҷалил аст, расиданд. Вақте ки ӯ ба соҳил баромад, марде аз аҳли он шаҳр ба ӯ рӯ ба рӯ шуд, ки гирифтори девҳо буд, дер вақт боз либосе намепӯшид ва на дар хона, балки дар миёни қабрҳо зиндагӣ мекард. Ҳамин ки Исоро дид, фарёд зада пеши ӯ афтод ва бо овози баланд гуфт: “ Туро бо ман чӣ кор аст, эй Исо, Писари Худои Таоло? Аз Ту илтимос мекунам, ки маро азоб надиҳӣ!” Зеро ӯ ба рӯҳи палид амр фармуда буд, ки аз ин мард берун равад; чунки вай муддати дуру дарозе ӯро азоб медод, ба тавре ки ӯро бо завлона ва занҷирҳо баста, нигоҳ медоштанд, лекин ӯ он бандҳоро пора мекард ва дев ӯро ба биёбонҳо меронд. Исо аз вай пурсид: “Номи ту чист?” Гуфт: “Легион”, чунки девҳои бисёр ба дарунаш даромада буданд. Ва онҳо аз ӯ илтимос карданд, ки онҳоро амр фармуда ба ҳовия нафиристад. Дар ҳамон ҷо галаи бузурги хукҳо дар болои кӯҳ мечарид; ва девҳо илтимос карданд, ки иҷозат диҳад ба даруни хукҳо дароянд. ӯ ба онҳо иҷозат дод. Ва девҳо аз он мард берун шуда, ба хукҳо даромаданд ва он гала аз баландӣ якбора ба кӯл ҷаст ва гарқ шуд.*

Рӯҳи палид мавҷуд аст ва аз болои одам қудрат дорад, вале Исо аз болои рӯҳи палид ҳокимияти мутлақ дорад. Он ҳафтод бо шодмонӣ баргашта, гуфтанд:*"Худовандо! Девҳо низ бо зикри исми Ту ба мо итоат мекунанд". Луқо* 10:17

**ХОТИМА**

Худо қудрат дорад ва мӯъҷизаҳо мекунад. Вале шайтон низ метавонад мӯъҷизаҳо кунад. ӯ метавонад чизҳо ва одамонро дар роҳҳои ғайритабиӣ истифода барад, то ки одамонро фирефта кунад. ӯ метавонад  ҷоду, сеҳр, тилисм, тумор, табибони қалбакӣ, азоимхонон, ситорашиносон ва соҳиронро ба кор барад. Шайтон ҳамчунин метавонад одамони диндорро, ки дар ҳама кор номи Исоро мегӯянд, истифода барад. Одамон метавонанд мӯъҷизаи шифобахширо нишон диҳанд, ҳол он ки он хоси Худо нест. (Матто 7:21-23-ро хонед). Барои он ки рӯҳҳои палид метавонанд зери пардаи чизҳои хуб пинҳон шаванд, имондор бояд боэҳтиёт бошад. Бисёр одамон чунин ҳисоб мекунанд, ки ҳамаи мӯъҷизаҳо аз ҷониби Худо мебошанд. Ин хатарнок аст, чунки Шайтон одамонро гумроҳ мекунад ва онҳоро ба марги ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ мерасонад. *Эй маҳбубон! Ба ҳар рӯҳ эътимод накунед, балки рӯҳҳоро имтиҳон кунед, ки оё аз Худо ҳастанд, чунки бисёр анбиёи козиб ба сар то сари дунё рафтаанд.*  1 Юҳанно 4:1

Ҳавворӣ Павлус гуфт, *Зеро вақте ки худи онҳо дар бораи мо ҳикоят мекунанд, мегӯянд, ки чӣ гуна мо ба миёни шумо дохил шудем, ва чӣ гуна шумо аз бутҳо гашта ба Худо руҷӯъ намудед, то ки Худои Ҳай ва ҳақиқиро бандагӣ кунед. Ва Писари ӯро аз осмон мунтазир шавед, ки Худо ӯро аз мурдагон эҳё кард, яъне Исоро, ки моро аз ғазаби оянда халосӣ медиҳад.* 1 Таслӯникиён 1:9-10

**Дар ин оятҳо мо чизҳои зеринро мебинем:**

1. Онҳо дар бораи имондороне, ки аз бутҳо, сеҳрҳо ва чизҳои дигар, ки қувваҳои ғайритабиӣ доранд рӯ гардондаанд, нақл мекунанд.

2. Онҳо дар бораи ягона чизи арзишнок - имон ва итоаткорӣ нақл мекунанд. Ин чизи арзишнок имон ба Худои ростӣ ва зинда аст, ки дар Библия дида мешавад ва ба василаи Писари ӯ, Исо зоҳир шудааст.

3. Онҳо дар бораи умед дар зиндагии имондор барои омадани Исо нақл мекунанд.

4. Онҳо дар бораи ягона сарчашмаи айният – Исо, ки аз болои марг пирӯз шуд ва моро "халос" кард ё моро наҷот дод, нақл мекунанд.

Навиштаҳои муқаддаси иловагӣ барои хондан:

Мурда наметавонад баргашта гап занад- *Луқо* 16:19-31

Маслиҳати рӯҳи мурда - Ибодат 19:31

- 1 Вақоеънома 10:13

- 2 Подшоҳон 21:6

**БОБИ 18**

ОЁ МАН КӮДАКАМРО БОЯД ТАЪМИД КУНАМ?

Дар тамоми Библия дар бораи таъмиди кӯдак гуфта нашудааст.

Дар бораи таъмиди кӯдак дар Библия як сухан ҳам гуфта нашудааст.

Пас чаро бисёр одамон кӯдаконашро таъмид мекунанд? Ин аз анъана беш нест. Ин дар асоси Библия нест. Одамоне, ки кӯдаконашро таъмид мекунанд, кӯр-кӯронона он сарваронеро пайравӣ мекунанд, ки худашон низ кӯр ҳастанд. Онҳое, ки Библияро медонанд, ҳеҷ гоҳ кӯдаконашонро таъмид намекунанд.

**Библия дар бораи таъмид чӣ таълим медиҳад?**

Исо ҳангоми таъмидкунӣ 30-сола буд.

Библия мегӯяд, баъди он ки Петрус пайғомашро анҷом дод, *Каломи ӯро бо рағбат қабул карданд, таъмид гирифтанд.* Аъмол 2:41

Петрус гуфт, *"Оё касе метавонад ба онҳое, ки Рӯҳулқудсро мисли мо низ ёфтаанд, бо об таъмид гирифтанро манъ кунад?"* Аъмол 10:47

Таъмиди Павлус дар боби 9-ми Аъмол сабт шудааст. Павлус дар ин вақт миёнасол буд.

Дар Аъмол 8 дар бораи таъмиди шахсиятҳои расмии ҳукумати Ҳабашистон омадааст. ӯ аввал Хабари Хушро шунид, имон овард, ва пас таъмид ёфт.

Дар Аъмол 16 дар бораи имон овардан ва таъмиди зиндонбон дар Филиппӣ омадааст.

**Ҳеҷ кас аз инҳо кӯдак набуданд.**

Ҳамаи онҳо ба Исо ҳамчун роҳи ягона ба осмон имон доштанд. Баъди имон овардан онҳо таъмидро интихоб карданд.

Таъмид кардан пеш аз боварӣ ба Исо комилан маънӣ надорад. Таъмиди Библия бояд пас аз таваллуд аз олами боло бошад.

Вале агар кӯдак бе таъмид мемурад чӣ ҳол рӯй медиҳад?

Кӯдак то вақти калон шудан,  Инҷилро шунидан, фаҳмидани он, ки ӯ гуноҳкор аст, аз табиати гуноҳкори худ тавба кардан, ва шахсан ба Исо ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд имон овардан, бегуноҳ аст. Библия мегӯяд, ки онҳое Инҷилро шуниданд, вале Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд қабул накарданд, ҷазои Худоро мегиранд. Юҳанно 3:18 мегӯяд, *Ҳар кӣ ба ӯ имон оварад, маҳқум намешавад, лекин ҳар кӣ имон наоварад, аллакай маҳкум шудааст, чунки  ба исми Писари ягонаи Худо имон наовардааст.*

Оё инсонро барои он ки таъмид наёфт, доварӣ ё маҳкум мешавад? Не, барои он маҳкум мешавад, ки ба Исо ҳамчун ба Худованди худ имон наоварда.

**Вале чӣ ҳолат рӯй медиҳад, агар кӯдакӣ ман мемурад?**

Дар Библия мо ҷавоби рӯшан дарёфт мекунем:

*Ва Довуд аз Худо барои кӯдак илтимос намуд, ӯ рӯза дошт ва омада бар рӯи замин хобида, шабро мегузаронид. Ва пирони хонааш назди ӯ омада, саъю кӯшиш мекарданд, ки ӯро аз замин бархезонанд, вале ӯ розӣ намешуд ва ҳамроҳи онҳо нон намехӯрд. Ва дар рӯзи ҳафтум бача мурд; ва навкарони Довуд тарсиданд, ки мурдани бачаро ба ӯ хабар диҳанд, зеро ки ба ҳамдигар мегуфтанд: "Инак, вақте ки бача зинда буд, мо ба ӯ сухан рондем, ва ӯ ба овози мо гӯш надод; пас, чӣ гуна ба ӯ бигӯем, ки бача мурдааст? Шояд, ӯ кори баде бо худ бикунад". Ва Довуд дид, ки навкаронаш ба якдигар пичиррос мезананд, ва Довуд фаҳмид, ки бача мурдааст; ва Довуд ба навкаронаш гуфт: "Оё бача мурдааст?" Гуфтанд: "Мурдааст". Ва Довуд аз замин бархоста, худро шустушӯ ва тадҳин намуд, ва либосашро иваз кард, ва ба хонаи Худованд рафта, ибодат намуд, ва ба хонаи худ омада, хӯрок пурсид, ва пеши ӯ нон монданд, ва ӯ хӯрд. Ва навкаронаш ба ӯ гуфтанд: "Ин чӣ кор аст, ки кардӣ: вақте ки бача зинда буд, рӯза дошта гиря кардӣ, ва чун бача мурд, бархоста нон хӯрдӣ?" Ва ӯ гуфт: "То даме ки бача зинда буд, ман рӯза дошта гиря кардам, зеро ки ба дили худ гуфтам: "Шояд, Худованд ба ман марҳамат намояд, ва бача зинда монад". Ва алҳол вай мурдааст, пас чаро ман рӯза дорам? Оё ман метавонам вайро баргардонам? Ман назди вай хоҳам рафт, вале вай назди ман нахоҳад баргашт".* 2 Подшоҳон 12:16-23

**Аз ин Навишта мо чиро меомӯзем?**

1. Довуд фаҳмид, ки бача ба Осмон рафт ва ӯ низ рӯзе бачаро дар осмон хоҳад дид.

2. Бача ягон маросими махсус ё таъмид надошта буд. Хуб аст ба ёд биёрем, ки Худо нисбати Довуд гуфта буд. “ӯ одамест аз қалби ман”. Довуд инсони бузурги Худо буд. ӯ ба Худо боварӣ дошт, ки аз болои писараш ғамхорӣ мекунад.

Масеҳие, ки Библияро пайравӣ мекунад, дар бораи он ки кӯдакаш таъмид ёбад, дар ташвиш нест. Волидайн бояд дар бораи ба воя расидани кӯдакон бо дониши Библия машғул шаванд, то ин ки рӯзе онҳо ба Исо имон оранд. Ин вазифаи волидайн аст.

Шумо метавонед бигӯед, “Чӣ хел мо кӯдакамонро бе таъмид ном барем?”

Шумо метавонед ба монанди миллионҳо имондорони дигар бикунед. Бисёриҳо кӯдаконашонро таъмид намекунанд, вале ба фарзандонашон ном мегузоранд.

Вале онҳо ба мактаб бе шаҳодатномаи таъмид рафта метавонанд? Бале. Дар мактабҳо кӯдаконе, ки таъмид наёфтаанд пур аст. Шаҳодатнома дар бораи таваллуд бас аст, ки синни кӯдакро маълум кунад.

**Дар бораи хизматгузории _________________чӣ мегӯяд?**

Бисёр калисоҳои масеҳӣ барои кӯдакони навзод хизматгузории ________________________мегузаронанд. Ин кӯдакро на масеҳӣ мекунад ва на масеҳиро наҷот медиҳад.

Хизматгузории _____________ ин он мавриде аст, ки волидайн худро ба тарбияи кӯдак дар чунин роҳе, ки ӯ Библияро дӯст дорад, ва Худованд Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсӣ қабул кунад, бахшанд. Бисёр вақт хизматгузории _______________ ҳамчун қисми ибодати мунтазам дар калисо баргузор мегардад. Калисо метавонад ба волидайн шаҳодатномаи _____________ диҳад.

**ХОТИМА**

Библия роҳнамои имондор аст. Бинобар ин имондор бояд кӯдаконро таъмид накунад.

**БОБИ 19**

НАҶОТИ КӮДАКОН

1. Кӯдакон муҳим ҳастанд – Матто 18:1-7

2. Ба кӯдакон таълим додан аз аҳамият холӣ нест.

(1) Чиро таълим додан муҳим аст.

(2) Киро таълим додан муҳим аст.

А. Муаллим бояд аъзои фаъол ва таҷрибадори калисои маҳаллӣ бошад.

Б. Муаллим бояд аз асосҳои ақидаҳои Библия хуб бохабар бошад.

В. Пеш аз шурӯъ кардан ба таълимдиҳӣ муаллим бояд аз тарафи калисои маҳаллӣ маъқул дониста шавад.

Г. Муаллим бояд дар калисои маҳаллӣ мувофиқи усулҳои таълимдиҳии кӯдакон омӯзонад.

3. Сарчашмаҳои ибтидоии таълимдиҳии кӯдакон.

(1) Идеали масеҳӣ

А. Хона

В. Калисо

С. Мактаб

(2) Меъёри ҳозира

А. Матбуот – радио, телевизион, кино, матбуоти чопӣ

Б. Мактаб

В. Хона

Г. Калисо

4. Кӯдакон ва калисо

(1) Калисо кӯдаконро бо шароит:

А. Инкишофи дониши Библия

Б. Иштирок ва омӯзиши ибодати арзишнок;

С. Инкишофи муносибатҳои байниҳамдигарии масеҳиён

(2) Кӯдакони калисо – калисои фардо хоҳанд буд.

**Аз нав зода шудани аъзогии калисо, асоси зиндагӣ ва беҳбудии калисо мебошад.** Бинобар ин хеле аҳамиятнок аст, ки бачагон ва духтарон, онҳое ки калисои фардо ҳастанд, таҷрибаи ҳақиқии масеҳӣ шуданро доранд. Натиҷаи назари начандон аниқ ва нотамом нисбати наҷоти кӯдакон, калисои заиф ва мурда хоҳад буд.

**Калисо бояд масъулияти худро нисбати кӯдакон ҷиддан ҳис кунад.** Кӯдаки наҷотёфтае, ки бо оилаи калисо муносибат надорад, рӯҳан инкишоф ёфтани ӯ номумкин аст. Ин чӣ маънӣ дорад?

Кӯдаке, ки дар ҷисм таваллуд ёфтааст, бояд бо оила муносибат дошта бошад. Кӯдаке, ки аз олами боло таваллуд ёфтааст, ба оилаи калисо муносибат дорад.

Баъзеҳо чунон дар фикри наҷоти кӯдак меафтанд, ки инкишоф ва парвариши кӯдакро дар калисо аз даст медиҳанд.

Яъне, вақте ки ман дар бораи таваллуди рӯҳонии кӯдак фикр мекунам, ман бояд дар бораи он ки чӣ хел кӯдак рӯҳан парвариш меёбад, фикр кунам.

Хато набуд, вақте ки Исо калонсолонро даъват кард, калисои аввалинро ташкил диҳанд ва пешкорони инҷилшиносони ҷаҳон бошанд. Бо Инҷил шинос кардани кӯдакон самари калисо аст. Калисо вазифадор аст, кӯдаконро таълим диҳад, бомаърифат кунад, бо Инҷил шинос намояд ва кӯдаконро парвариш кунад.

**Вақти кофӣ бояд ба раванди таълимот дода шуда бошад, то ки кӯдак ба наҷотдиҳӣ тайёр шавад.**

Муаллимони кӯдакон бояд дар бораи назари Библия, дар бобати наҷот фаҳмиши саҳеҳ дошта бошанд.

Муаллиме, ки назари камамиқи наҷотёбӣ дорад, умед дорад, кӯдакон тез ин хел назарро қабул мекунанд ва баъди чанд дарс ба наҷотёбӣ тайёр мешаванд.

Вазифаи аввалини муаллими Мактаби якшанбе - ин бо Каломи Худо пур кардани мафкураи кӯдакон мебошад. Ин аз нақл кардани ҳикояҳои Библия фаҳмондани таълимоти Библия ва аз ёд кардани Навиштаҳо мебошад.

Азбаски кӯдакон ташнаи хурсанд кардани калонсолон ҳастанд, муаллим бояд дар бораи додани “даъватнома” боэҳтиёт бошад. Ҳатто дар байни кӯдакон ҳам Рӯҳулқудс бояд боварӣ кунонад, маҳкум кунад ва даъват кунад. Бисёр кӯдакон ба баъзе саволҳо тез “ҳа” мегӯянд ва муаллим фикр мекунад, ки онҳо наҷот ёфтанд, ҳол он ки онҳо ҳеҷ гоҳ маҳкумият ва водоркуниро аз тарафи Рӯҳулқудс ҳис накардаанд.

Кӯдаке, ки ба хулосаи барғалат кардан ҳидоят мешавад, дар ҳолати бадтаре аст, нисбати он ҳолате, ки пеш аз хулосабарорӣ дошт. Ва чун касе солҳои сол худро масеҳӣ нишон медиҳад, барои ӯ хеле мушкил мешавад қабул кунад, ки ӯ хато кард ва наҷот наёфтааст. Ҳатто дар мавриди хулосабарорӣ барои кӯдак қабул кардан мушкил аст, ки ҳеҷ чиз рӯй надод, вақте ки муаллим ба ӯ хурсандона гуфт, ки ӯ аз олами боло таваллуд ёфт. ӯ чунин ҳиссиёт дорад, ки ин барои вай нест ва ҳамчунин андеша дорад, ки хулосаи дигарон низ мисли ӯ ва дин барои одамон фақат бозӣ ҳасту бас.

Беҳтар аст муаллим тухм корад, онро кор кунад ва ба инкишофи ҳар кӯдак ҳассос бошад, вақте ки мавриди наҷотёбӣ мерасад. Аз аҳамият орӣ нест, вақте ки кӯдакон ҳар рӯзи якшанбе бо волидайни худ якҷоя ҳастанд ва ба ваҳйи роҳиб гӯш мекунанд. Ин “бехатартарин” вақт барои кӯдак аст, то ки наҷот ёбад. ӯ метавонад бе ягон таъсири муаллим ё диндор ҷавоб диҳад.

Агар муаллим тухмро дуруст корад ва тарғибгар пайғоми наҷотро ба таври оддӣ ва рӯшан тарғиб кунад, бисёр вақт кӯдакон дар синни даҳ ё дувоздаҳсолагӣ ва баъзе вақтҳо аз ин ҳам барвақтар наҷот меёбанд.

**Оё нақшаҳо ( роҳҳои)-и бисёранд?**

Мо тез ҷавоб хоҳем дод, ки барои аз олами боло таваллуд ёфтан танҳо як роҳ аст. Агар талаботҳои наҷот барои ҳама як аст, барои кӯдакон низ чунин ҳастанд? Бале. Барои ҳама талаботҳои муайяни асоснок ҳастанд. Чун сухан дар бораи наҷот меравад, Библия пур аз калимаҳои "ҳама", "ҳар кас", "ҳама кас" ва дигарҳо аст.

Ба одам барои наҷотёбӣ (кӯдак ё калонсол) панҷ талабот мавҷуд аст.

1. Шунидани пайғоми Инҷил.(Юҳанно 5: 24, Румиён 10:14, Аъмол 2:37)

Бояд фаҳмид, ки калимаи "шунидан" ки дар ин оятҳо истифода шудааст, ба онҳо муносибат дорад:

(1) Одамоне, ки қобил ҳастанд пайғоми Инҷилро бифаҳманд.

(2) Одамоне, ки пайғомро шахсан қабул мекунанд.

(3) Одамоне, ки дар муносибат ба пайғом худро масъулиятдор ҳис мекунанд.

2. Вақте ки Инҷилро мешунавед бояд огоҳӣ ёбед, ки шумо гунаҳкор ҳастед.

Кӯдак то он даврае, ки намефаҳмад ӯ гуноҳкор аст ва Исо барои ӯ мурд, ҷавобгар нест. Тавба он вақт мумкин аст, ки ӯ гуноҳро мефаҳмад ва аз он огоҳӣ дорад.

3. Маҳкумият лозим аст.

Маҳкумият баъд аз шунидан ва огоҳ шудан меояд. Дар Аъмол 2:37, баъди он, ки Петрус дар бораи гуноҳ ва Наҷотдиҳанда мавъиза кард, мо чунин мехонем: "Чун шуниданд, дилреш шуда, ба Петрус ва ҳаввориёни дигар гуфтанд: "Эй бародарон, мо акнун чӣ кунем?". Шахс бояд пеш аз наҷот додан дар бораи гуноҳи худ дар ташвиш бошад.

4.Тавба лозим аст.

Ҷавоби Петрусро аз Аъмол 2:38 хонед, "*Тавба кунед, ва ҳар яке аз шумо ба исми Исои Масеҳ барои омурзиши гуноҳҳо таъмид бигиред"* (Ҳамчунин Луқо 13:3,5, Аъмол 3:19, 17:3)

Тавба кардан аз гуноҳ маънои онро дорад, ки кас бояд бифаҳмад, гуноҳ чист. Тавба бе фаҳмидани гуноҳ маъно надорад.

Гуноҳе ки маҳкум мекунад ҳам барои кӯдакон ва ҳам барои калонсолон як ҳаст (Юҳанно 3:18) (Рост ҳаст, ки кӯдак ба монанди калонсолон дар гуноҳи худ он қадар устувор нест).

5. Пазируфтани Исо ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд ба василаи имон зарур аст (Юҳанно 1:12; 3:15-16; 5:24; Марқӯс 8:34; 10:17-27, Луқо 9:57-62).

Дар Истифодаи Навишта бояд як иртибот бошад, вақте ки сухан дар бораи таваллуди нав меравад. Маънои амиқтари Юҳанно 3:16, 1:12, 5:24 дар Луқо 9:57-62 аз тарафи Исо нишон дода шудааст. Дар порчаҳо аз Луқо ва Марқӯс Исо дар бораи арзиш, талаботҳо ва масъулиятҳои шогирд сухан мекунад.

ӯ инро бо одамон пеш аз он, ки онҳо ба як хулоса биёянд, гуфт. Баъзеҳо ӯро пайравӣ накарданд, вақте онҳо вазифаҳои шогирд буданро фаҳмиданд. Исо хулосабарориро кори осон накард.

Мо бояд аз мафҳуми “файзи арзон”-и наҷот, ки бисёр вақт бо тафсири рӯякии оятҳо ба монанди Юҳанно 3:16, 1:12 ва 5:24 ҳаракат кунем. Мо бояд ин оятҳоро дар партави таълимоти Исо, ки дар Марқӯс 10:17-27 ва Луқо 9:57-62 омадааст, тафсир диҳем. Натиҷааш тасвири пурраи Инҷил аст, шояд бо “хулосаи” камтар, вале шогирдони бисёртар. Маъноям он аст, ки қабул кардани Исо аз даст бардоштан ё дуо кардан баландтар аст.

Имони ҳақиқии наҷотёбӣ на танҳо пазируфтани Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда, балки ҳамчун Худованд низ дар бар мегирад. Яъне, кас бояд ҳаёти худро барои пайравӣ кардани Исо дар ин ҷаҳони тағйирёбанда, таслим намояд.

Чун нуқтаи назари муаллим дар бораи наҷот, танҳо рафтан ба осмон ва худро хурсанд ҳис кардан аст, нуқтаи назари пурраи наҷотёбӣ ба кӯдакон таълим дода намешавад. Ва нуқтаи назари пурраи наҷотёбӣ бояд таълим дода шавад, агар мо интизори шогирди ҳақиқии Исо бошем.

**ХУЛОСА**

Кӯдакон хеле муҳим ҳастанд, ки онҳоро осонакак фаро гирем. Кӯдакон он вақт наҷот меёбанд, агар онҳо ба талаботҳои Библия дар бораи наҷот ҷавоб диҳанд.

Хона ва калисо дар таълимдиҳии кӯдакон масъулиятдор аст.

Танҳо Рӯҳулқудс маҳкум мекунад, бовар мекунонад ва кӯдаконро дигар мекунад.

Барои кӯдакон ба Исо ҷавоб додан осонтар аст, чунки дар онҳо мисоли дурударози муқовимат нест. Бинобар ин мо бояд кӯдаконро ба ҳақиқат ҳидоят кунем, то ки онҳо ба хулосаи рост ва ақлонӣ оянд.

## БОБИ 20

## ОЁ МАН МЕТАВОНАМ БАЪДИ ТАВАЛЛУД АЗ ОЛАМИ БОЛО НАҶОТАМРО АЗ ДАСТ ДИҲАМ?

Одаме, ки аз олами боло таваллуд ёфтааст, то ҳоло одами комил ва бегуноҳ нест. Ҳарчанд гуноҳ дар ҳаёти ӯ дигар мақоми асосӣ бозӣ намекунад, ҳоло ҳам ба васваса дучор мешавад ва баъзе вақтҳо гуноҳ мекунад. Саволе, ки баъзе навимондорон ва ҳатто баъзе имондорони болиғро заҳмат медиҳад чунин аст: "Оё ман метавонам наҷотамро аз даст диҳам?" Агар кас андеша кунад, вақте ки ӯ гуноҳ мекунад, наҷоташро аз даст медиҳад, шодию хурсандӣ, сулҳу осоиш ва умеди ҳақиқиро наметавонад доро бошад.

### Библия дар бораи ин мавзӯъ чӣ таълим медиҳад?

Библия таълим медиҳад, ки вақте кас аз олами боло таваллуд меёбад, ӯ наҷоташро аз даст намедиҳад. Ваъдаи зерини Исоро ба шогирдонаш хонед.

*Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ каломи Маро бишнавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст.* Юҳанно 5:24

Агар кас Инҷилро шунавад,  имони ҳақиқӣ меорад, ки Исо Наҷотдиҳанда ва Худованд аст, Исо мегӯяд, ки ӯ ҳаёти абадӣ меёбад. ӯ ҳозир ҳаёти абадӣ меёбад, на дар оянда. Агар ӯ ҳаёти абадӣ дорад, он бе охир аст. Ин ваъдаи Исо бароямон кофист, ки ба амнияти имондор имон оранд.

**Дар баъзе оятҳои дигар низ Исо дар бораи ҳаёти абадӣ сухан мекунад.** Юҳанно 3:15-16; Юҳанно 8:12; 10:28, 1 Юҳанно 5:13.

Агар кас аз олами боло таваллуд ёбад, ӯ ҳаёти абадӣ хоҳад ёфт. Дар Юҳанно 10:28-30 Исо чунин гуфт; *"Ва Ман ба онҳо ҳаёти ҷовидонӣ мебахшам, ва онҳо то абад талаф нахоҳанд шуд, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Ман кашида гирад. Падаре, ки онҳоро ба Ман дод, аз ҳама бузургтар аст, ва ҳеҷ кас наметавонад онҳоро аз дасти Падари Ман кашида гирад. Ман ва Падар як ҳастем".*

Дар Румиён 8:35, 37-39 Павлус мегӯяд; *Кӣ моро аз муҳаббати Масеҳ ҷудо мекунад? Оё андӯҳ, ё фалокат, ё таъқибот, ё гуруснагӣ, ё бараҳнагӣ, ё хатар, ё шамшер? Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра ғолиб меоем. Зеро ман мӯътақидам, ки на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на мабдаъҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда. На баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Исои Масеҳ аст, ҷудо карда наметавонад.*

Аз ин оятҳо бараъло рӯшан мешавад, ки чун одам боре аз олами боло таваллуд меёбад, ӯ дигар наҷоташро аз даст намедиҳад.

Биёед ба ин суол аз дигар тараф назар кунем. Вақте ки мо аз олами боло таваллуд ёфтем, мо қисми оилаи Худо шудем. Дар Юҳанно 1:12 мо мехонем, *"Лекин ба онҳое, ки ӯро қабул кардаанд ва ба исми ӯ имон овардаанд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд"*.

Шумо ба таври ҷисмонӣ таваллуд шудед, шумо аъзои оила шудед. Шумо падару модар доштед. Агар шумо дар хурдсолӣ ягон кори хато кардед, ё итоаткор набудед, ин маънои онро дорад, ки шумо дигар фарзанди падару модаратон нестед? Не! Хуб ё бад шумо фарзанди онҳо мемонед. Агар шумо саркашӣ мекунед, ин волидайнатонро ғамгин мекунад, вале ҳоло ҳам шумо фарзанди онҳо ва онҳо волидайни шумо. Агар вақт мегузарад ва шумо бо волидонатон гап намезанед, пас аз ин бармеояд, ки онҳо дигар волидони шумо нестанд? Не! Бародарӣ, хушбахтӣ ва хурсандӣ шояд набошад, вале муносибати волидайн –фарзанд мемонад. Барои имондор муқобили Худо гуноҳ кардан кори хато аст. Вале ин рӯй медиҳад ва рӯй хоҳад дод, Худо фарзандони худро оқ намекунад. ӯ ғамгин аст, вале ҳоло ҳам Падари Осмонии онҳост. Барои омӯзиши пурраи ин мавзӯъ Забур 51-ро хонед. Довуд гуноҳи бузург карда буд. Дар ояти 14 Довуд гуфт: *Шодии наҷоти Худро ба ман баргардон, ва бо рӯҳи олиҳимматӣ маро дастгирӣ намо.* ӯ нагуфт, ки наҷоташ барқарор шавад; ӯ гуфт, ки шодиаш баргардад.

Бо вуҷуди гуноҳаш ӯ Фарзанди Худо буд, вале шодӣ надошта буд. Чун шахс наметавонад наҷоти худро аз даст диҳад, зарур аст, ки ӯ як бор аз олами боло таваллуд ёбад. Наҷотёбӣ такрор намеёбад.

Далели он ки имондор ҳаёти ҷовидонӣ дорад, ҳеҷ гоҳ гумроҳ намешавад, маънои онро надорад, ки мо барои гуноҳ кардан озод ҳастем. Амнияти ҳаёти ҷовидонӣ ҳамчун иҷозатнома барои гуноҳкунӣ набояд истифода шавад. Масеҳии ҳақиқӣ ин хел намегӯяд: "Ман албатта ба биҳишт хоҳам

рафт, ва бинобар ин ман чанде ки мехоҳам гуноҳ мекунам”. Масеҳии ҳақиқӣ аз зиндагӣ дар гуноҳ лаззат намебарад. ӯ худро гуноҳкор ва ноҳинҷор ҳис хоҳад кард. Чунки файз ва марҳамати Худо моро аз ҳаёти ҷовидонӣ итминон медиҳад, мо майли том дорем, ки бо ӯ зиндагӣ кунем.

Ин хуб аст, чунки мо бе ягон шубҳа медонем, ки ҷойи худро дар биҳишт аз даст намедиҳем. Бо файзи Худо ин ҷой барои мо ҷудо шуда мондааст. Мо метавонем, зиндагиро бо хушиию хурсандӣ, сулҳу осоиш ва умед гузаронему ҳама вақт ба дигарон гӯем, ки Худо бузург аст.

## БОБИ 21

## ОЁ МАН ДАҲЯК ДИҲАМ?

Даҳяк чист? Кори додани даҳяк ва хайрияҳо ҳам дар Аҳди Қадим ва ҳам дар Аҳди Ҷадид дида мешавад.

Дар Ҳастӣ 14:20 омадааст, *Ва Абром ба Маликсодиқ даҳяк дод. Иброҳим одами бузурги Худо буд.* Худо ӯро баракат дод ва ӯро барои барпо кардани халқи бузург истифода кард. Иброҳим даҳяк медод. Иброҳим наберае дошт, ки номаш Яқуб буд. Баъди ғалабаи бузург Яқуб сангеро он ҷо монд ва гуфт, “*Ва ин санг, ки мисли сутуне рост мондам, хонаи Худо хоҳад монд; ва ҳар он чӣ Ту ба ман бидиҳӣ, даҳякашро ба Ту хоҳам дод*”. Ҳастӣ 28:22.

**Даҳяк-** ин даҳ фоизи даромад мебошад. Бисёр имондорон аз даҳ фоиз зиёдтар медиҳанд, то ки Худо онҳоро баракат диҳад. Даҳяк ба калисои маҳаллӣ дода мешавад.

**Чаро имондор бояд даҳяк диҳад?**

1. Имондор бояд барои табиати Худо - Падари мо, ва Исо-Наҷотдиҳанда ва Худованди мо даҳяк диҳад.

Додани даҳяк дар қалби Худо тавлид ёфт. Аз аввали офариниш Худо-Худои тақдимкунанда буд. ӯ рӯшноӣ, растаниҳо, ҳайвонот дод ва ба марду зан ҳаёт бахшид. Дар давраи Аҳди Қадим ӯ ба халқи Яҳуд имтиёз ва масъулият дод. ӯ Шариатро дод, то ки одамонро роҳнамоӣ кунад. Охирон, ӯ аз ҳама беҳтарин – Писари ягонаи Худ, Исоро дод, то ки зиндагӣ кунад ва мурад, чунки бо аз даст додани зиндагӣ ӯ ба мардум ҳаёти ҷовидонӣ бахшид. Нуқтаи асосии табиати тақдимкунандаи Худо дар Юҳанно 3:16 омадааст. *Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар ки ба ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад.*

Аз сабаби он ки Худо – Худоест, ки дӯст медорад ва медиҳад, мо ҳамчун фарзандони ӯ бояд майли пайравӣ кардани ӯро дошта бошем. Муҳаббати мо нисбати Худо, бо одатҳои додани мо чен мешавад. Вақте ки сухан дар бораи додани Масеҳӣ меравад, Павлус гуфт; *Инро ба таври фармон намегӯям, балки ба воситаи ҷидду ҷаҳди дигарон самимияти муҳаббати шуморо низ меозмоям. Зеро шумо файзи Худованди мо, Исои Масеҳро медонед, ки ӯ сарватдор буда, барои шумо бенаво шуд, то ки шумо ба воситаи бенавоии ӯ сарватдор шавед.* 2 Қӯринтиён 8:8-9

2. Имондор бояд даҳяк диҳад, чунки ӯ бисёр гуфт.

Павлус гуфт; *Аммо, чунон ки шумо дар ҳар чиз: дар имон ва калом, дар дониш ва ҳар гуна ҷидду ҷаҳд ва дар муҳаббати худ нисбат ба мо афзунӣ доред, ончунон дар ин кори хайр ҳа афзунӣ зоҳир намоед.* 2 Қӯринтиён 8:7

Ҳамаи онҳое, ки  аз олами боло таваллуд ёфтаанд, баракат дода шудаанд. Имондор ҳаёти ҷовидонӣ дорад. Худо ба ӯ баракати ҳаррӯза – ҳам моддӣ ва ҳам рӯҳонӣ додааст. Саховатмандона гирифтан, саховатмандона нададан ин носипосӣ ё худпарастӣ аст. *Даҳякдиҳӣ* - ин роҳи муқаррариест, ки Худо барои фарзандонаш додааст,  то ин ки онҳо муҳаббаташонро намоиш диҳанд.

3. Имондор бояд даҳяк диҳад, чунки ба ӯ огоҳии мунтазам лозим аст, ки  ҳамаи ҳаёти ӯ ва дороии ӯ ба Худо тааллуқ дорад.

*Оё намедонед, ки  ҷисмҳои шумо маъбади Рӯҳулқудс аст, ки Он дар шумо сокин аст  ва Онро шумо аз Худо ёфтаед,  ва шумо аз они худатон нестед?* 1 Қӯринтиён 6:19

*Замин ва ҳар чӣ дар он аст, дунё ва сокинони он аз они Худованд аст.* Забур 23:1.

Ҳама чизи мо ба Худо тааллуқ дорад. Вақте ки мо Исоро ба ҳаёти худ ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд таклиф кунем, мо дигар худованди ҳаёти худ нестем. Исо Худованд ва Подшоҳ аст. ӯ Худованди фарзандони мо, хонаи мо, замини мо, кор ва истироҳати мост.

Сад фоиз  ба Худо тааллуқ дорад.ӯ талаб мекунад, ки мо ҳар ҳафта даҳякро бидиҳем, то ки ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки  ӯ Соҳиби ҳама чиз аст. Павлус гуфт:  *Дар рӯзи якуми ҳафта бигзор ҳар яке аз шумо, мувофиқи даромадаш, назди худ пасандоз карда нигоҳ дорад…*1 Қӯринтиён 16:2. Павлус дар бораи хайрияҳое, ки  ҳар рӯзи Якшанбе дода мешавад, сухан меронад. Вақте мо мегӯем,  ки ҳама чиз ба Худо тааллуқ дорад,  дар паси сар кардани зиндагӣ ва кори ҳаррӯза боэҳтиёт хоҳем буд. Мо дар

истифодаи навад фоизи мондагии дорои мо эҳтиёткор хоҳем буд. Худо дар бораи даҳ фоиз ( даҳяк) дар ташвиш аст, вале ӯ ҳамчунин дар бораи он ки мо навад фоизи дороиямонро чӣ хел истифода мекунем, дар ташвиш аст.

4. Имондор бояд даҳяк диҳад, чунки Библия чунин мегӯяд.

Бубинед, ки  Павлус дар ояти зер бигзорро ба кор бурдааст. *Дар рӯзи якуми ҳафта бигзор ҳар яке аз шумо, мувофиқи даромадаш, назди худ пасандоз карда нигоҳ дорад…*

1 Қӯринтиён 16:2

Дар Малокӣ 3:10 Библия мегӯяд, *Тамоми ушрро ба хазинахона биёред…*

Исо дар Матто 23:23 дар бораи даҳякдиҳӣ мегӯяд. *Вой бар ҳоли шумо, эй китобдонон ва фарисиёни риёкор, ки аз наъно, бодиён ва зира ушр медиҳед, лекин бузургтарин аҳкоми шариат, яъне доварӣ, марҳамат ва имонро тарк кардаед; мебоист онҳоро ба ҷо оварда, инҳоро низ тарк намекардед.*

5. Имондор бояд даҳяк диҳад, чунки ин нақшаи Худо аст, ки кори калисоро маблағгузорӣ кунад.

Вақте ки гап дар бораи даҳякдиҳии масеҳӣ меравад, Павлус мегӯяд, *Зеро ба ҷо овардани ин хизмат на танҳо норасогии муқаддасонро пур мекунад, балки шукри Худоро низ бениҳоят афзун мегардонад.* 2 Қӯринтиён 9:12

Ҳамчунин дар 1 Қӯринтиён 16:2 Павлус мегӯяд. *Дар рӯзи якуми ҳафта бигзор ҳар яке аз шумо, мувофиқи даромадаш, назди худ пасандоз карда нигоҳ*

*дорад, то ки дар вақти омаданам  ба ҷамъ кардан ҳоҷат наафтад.* Дар Малокӣ 3:10 мо мехонем, *Тамоми ушрро ба хазинахона биёред, то ки дар хонаи Ман хӯроке бошад.*

Бо ёрии даҳякҳо ва хайрияҳо, калисо қобил аст ба роҳиб пул диҳад, китобҳои Библия харида гирад, калисоҳои хурд сохта диҳад, ба аъзоёне, ки зарурият доранд, кӯмак кунад ва одамонро барои паҳн кардани Хабари Хуш фиристонад.

6. Имондор бояд даҳяк диҳад, чунки агар ӯ ин корро накунад, на танҳо аз Худо дуздӣ мекунад, балки худро низ аз бисёр баракатҳо дур мекунад.

*Оё равост, ки одамизод Худоро горат кунад? Ва ҳол он ки шумо Маро горат мекунед, ва мегӯед: "Дар чӣ бобат мо Туро горат кардаем?" Дар бобати ушр ва ионат. Шумо гирифтори лаънати сахт гардидаед, чунки шумо, яъне тамоми халқ Маро горат кардаед. Тамоми ушрро ба хазинахона биёред, то ки дар хонаи Ман хӯроке бошад, ва бо ин Маро имтиҳон намоед, мегӯяд Худованди лашкарҳо, ки оё Ман равзанҳои осмонро барои шумо намекушоям, ва баракати аз ҳад зиёде бар шумо фурӯ намерезам?* Малокӣ 3:8-10

*Хуллас, касе ки хасисона мекорад, вай хасисона дарав мекунад, ва касе ки саховатмандона мекорад, вай саховатмандона дарав мекунад. Бигзор ҳар кас ба дилхоҳи худ бидиҳад, на бо гамгинӣ ва на ба таври маҷбурӣ; зеро Худо он касро дӯст медорад, ки сахӣ бошад. Ва Худо қодир аст ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори хайр афзунӣ зоҳир намоед. Чунон ки навишта шудааст: "Исроф намудааст: ба мискинон тақсим карда додааст; кори хайраш то абад қоим аст". Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард. То ки*

*шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед, ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.* 2 Қӯринтиён 9:6-11

**Акнун бармегардем ба савол, оё Ман бояд даҳяк диҳам?**

Агар шумо имондоред, бояд даҳяк диҳед. Дар оятҳои зер ба калимаҳои ҳар кас ва бигзор диққат диҳед. *Бигзор ҳар кас ба дилхоҳи худ бидиҳад…* 2 Қӯринтиён 9:7. Ҳамчунин дар 1 Қӯринтиён 16:2, *Дар рӯзи якуми ҳафта бигзор ҳар яке аз шумо, мувофиқи даромадаш, назди худ пасандоз карда нигоҳ дорад…*

Ҷавоб рӯшан аст. Ҳар имондор бояд даҳяк диҳад, агар ӯ пайрави итоаткори Масеҳ мебошад. Ҳар имондор бояд даҳяк диҳад, агар ӯ сарватҳои номаҳдуди Худоро донад. Кӯдакон бояд ба даҳякдиҳӣ мувофиқи имконият ва даромадашон роҳнамоӣ шаванд. "Ҳар яке" ҳам бой ва ҳам камбағал, ҳам ҷавон ва ҳам пирро дар бар мегирад. (Дар баъзе мамлакатҳои сусттараққӣ, даҳяк метавонад дар шакли пули накд ё мол ё ҳайвон бошад). Баъзеҳо мегӯянд, ки онҳо камбағал ҳастанд даҳяк дода наметавонанд. Дар 2 Қӯринтиён, бобҳои 8 ва 9 омадааст, ки имондорон даҳяк намедиҳанд, барои ҳамин онҳо камбағал ҳастанд. Худо ваъда дод, ки касоне даҳяк медиҳанд, онҳоро баракат хоҳад дод. Даҳякдиҳанда ҳаргиз гадо нахоҳад шуд. Библия дар бораи баракати бузурги моддӣ ва рӯҳонӣ, ки касони озодона даҳякдиҳандаро интизор аст, ҳарф мезанад. Имондор даҳяк намедиҳад, ки бой шавад, вале вақте имондор аз самими қалб даҳяк медиҳад, Худо ӯро баракат ато мекунад.

Навиштаҳои зеринро дар бораи даҳяк хонед.

2 Қӯринтиён 8-9; Малокӣ 3

**БОБИ 22**

БИБЛИЯ ДАР БОРАИ ҶАМОАТ ЧӢ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

Ҷамоат (Шоми охирон) ва таъмидкунӣ ду фармони калисо ҳастанд. Дар бораи шоми охирон, Исо гуфт, “Инро кун…” Дар бораи Таъмидкунӣ Исо гуфт, “Онҳоро таъмид деҳ…”

Ин фармонҳо наҷот намеоранд ва пок намекунанд. Агар онҳо метавонанд одамро пок кунанд ё наҷот диҳанд, пас ҳоҷат ба марги Исо набуд. Наҷотёбӣ ва тавба аз гуноҳ танҳо ба василаи овардани имон ба Исо меояд. Наҷотёбӣ фақат дар ӯ ҳаст, на дар оби таъмид ё шарбат ё ноне, ки дар Шоми Охирон истифода бурдаанд. Наҷот дар маросимҳои зоҳирӣ нест.

Чун ин фармонҳо воситаи файз ё наҷот нестанд, онҳоро наметавонем расми динӣ (sacrament) хонем. Расми динӣ мафҳуми Библия нест. Расми динӣ ба чиз, маросим, ё оине, ки метавонад касро наҷот диҳад, нисбат дода мешавад. Имондорони Библия набояд расми диниро барои тасвир кардани Шоми охирон / ё таъмиддиҳӣ истифода баранд.

Дар бораи наҷотёбӣ ва маросимҳои зоҳирӣ, Павлус дар Филиппиён 3:3б-4; 6-9 мегӯяд, *Зеро аҳли хатна моем, ки Худоро дар Рӯҳ ибодат менамоем, ва бо Исои Масеҳ фахр мекунем, ва ба ҷисм эътимод надорем. Гарчанде ки маро асосе ҳаст ба ҷисм ҳам эътимод дошта бошам. Агар каси дигар гумон кунад, ки метавонад ба ҷисм эътимод дошта бошад, ман – бештар. Аз ҷиҳати ғайрат – таъқибкунандаи Калисо, аз ҷиҳати адолати шаръӣ – беайб. Лекин он чӣ барои ман бартарӣ буд, ба хотири Масеҳ нуқсон донистам. Ва ҳанӯз ҳамаашро ба хотири афзалияти дониши Худованди ман Исои Масеҳ нуқсон медонам, ки барои ӯ ман аз ҳамааш даст кашидам ва ҳамаашро ахлот медонам, то ки Масеҳро пайдо кунам. Ва дар ӯ пайдо шавам, на бо адолати*

*худ, ки аз шариат аст, балки бо он чӣ ба воситаи имон ба Масеҳ аст, яъне бо адолате ки аз Худо бар ҳасби имон аст.* Филиппиён 3:3б-4, 6-9

Ин рӯшан аст, ки наҷотро ба василаи маросимҳо ва расму оинҳои зоҳирӣ ба даст натавон овард.

**Пас маънои Шоми охирон чист?**

Дар 1 Қӯринтиён 11:23-29 мо мехонем: *Зеро ман аз Худованд чунин қабул кардам ва ба шумо низ супурдам, ки Исои Худованд дар он шабе, ки ӯро таслим карданд, нонро гирифт. Ва баракат дода, пора кард ва гуфт: "Бигиред, бихӯред, ин Бадани Ман аст, ки барои шумо пора карда мешавад; инро ба ёдгории Ман ба ҷо оваред". Ҳамчунин косаро пас аз таоми шом гирифта, гуфт: "Ин коса аҳди ҷадид аст дар Хуни Ман; инро, ҳар боре ки менӯшед, ба ёдгории Ман ба ҷо оваред". Зеро ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва ин косаро менӯшед, мамоти Худовандро эълон мекунед, то даме ки ӯ биёяд. Бинобар ин ҳар кӣ ба таври ношоиста ин нонро бихӯрад ё косаи Худовандро бинӯшад, бар зидди Бадан ва Хуни Худованд айбдор хоҳад шуд. Пас, одамизод бояд худро имтиҳон кунад, ва ба ин тариқа аз он нон бихӯрад ва аз он коса бинӯшад. Зеро, кас агар дар бораи Бадани Худованд мулоҳиза накарда, ба таври ношоиста бихӯрад ва бинӯшад, вай ба маҳкумияти худ мехӯрад ва менӯшад.*

Шоми Охирон танҳо барои онҳоест, ки аз олами боло таваллуд ёфтанд ва таълимоти Исоро дар бораи таъмид пайравӣ мекунанд.

Аз оятҳои боло маълум мешавад, ки Шоми Охирон хизматгузории ёдгорӣ мебошад. Исо дар бобати коса гуфт, "Инро ҳар боре, ки менӯшед, ба ёдгории Ман ба ҷо оваред". Ҳамчунин суханҳоро ӯ дар бораи нон гуфт.

**Коса** рамзи хуни Исо дар салиб аст.

**Нон** рамзи ҷисми шикастаи Исо дар салиб аст. Ин ду чиз, шарбат ва нон рамзӣ ҳастанд, ё тасвирианд. Нон дар ҳақиқат ҷисми Исо нест. Шарбат дар ҳақиқат хуни Исо нест. Исо ҳар ҳафта намемурад. Барои пурра фаҳмидани ин, китоби Ибриёнро аз Аҳди Ҷадид бихонед. Ибораҳои умумие, ки дар бораи марги Исо дар ин китоб омадаанд, инҳоянд: "Бори барои ҳама", "Ҳеҷ гоҳ такрор намеёбад".

Исо худро "дар", "нур", "роҳ", "об", "нони ҳаёт" номидааст. Яҳёи Таъмиддиҳанда ӯро "Барраи Худо" номид.

Ин истилоҳ рамзан истифода шудааст. ӯ "дар" аст ба Осмон – вале ӯ бештар аз дари ҳақиқии чӯбин аст. ӯ "нур" аст, вале ӯ бештар аз чароғ аст. ӯ "роҳ" аст, ки ба осмон мебарад, вале ӯ бештар аз роҳи ҳақиқии чиркин аст. ӯ "нон"-и ҳаёт аст, вале ӯ бештар аз нонест, ки одам мехӯрад. Бисёр вақт ӯ забони заминиро истифода бурд, то ки ҳақиқати рӯҳонии худро таълим диҳад.

Шоми Охирон мавридест, ки имондорон марги Исоро ҳамчун қурбонии гуноҳҳои онҳо ба хотир меоранд.

Ин ҳамчунон мавридест, ки ҳамон Исои, ки дар салиб мурда, дубора бармегардад, вале на ҳамчун Наҷотдиҳанда, балки ҳамчун Подшоҳи Имондорон ва Довари беимонон.

## БОБИ 23

БИБЛИЯ ДАР БОРАИ ҲАМҶИНСБОЗӢ ЧӢ ТАЪЛИМ МЕДИҲАД?

Навиштаи аввалини Библия дар бораи ҳамҷинсбозӣ дар Ҳастӣ 19:4-5 омадааст.

*Ҳанӯз ба хоб нарафта буданд, ки сокинони шаҳр, мардони Садӯм, аз ҷавон то пир, тамоми халқ аз ҳар ҷониб хонаро иҳота карданд. Ва Лутро ҷеғ зада, гуфтанд: "Куҷоянд он касоне, ки имшаб назди ту омаданд? Онҳоро назди мо берун овар, то ки бо онҳо бихобем".*

Дар Ҳастӣ 18:20 мо суханҳои Худоро, ки Садӯм ва Амӯрро тасвир мекунанд мехонем, *Фиғон аз дасти Садӯм ва Амӯрро бисёр шудааст, ва гуноҳҳояшон бағоят гарон шудааст.*

Худо ду шаҳрро барои гуноҳояшон хароб кард.

Дар Библия, дар Ибодат  чунин омадааст: *Ва бо мард мисли зан ҷимоъ накун; ин кори зишт аст.*

Дар Аҳди Ҷадид ҳам навиштаҳо оид ба ҳамҷинсбозӣ ба чашм мерасанд. Дар Румиён  1:18-19, 21-28 Библия мегӯяд, *Зеро ки ғазаби Худо аз осмон зоҳир мешавад, бар ҳар гуна маъсият ва шарорати одамоне, ки ростиро бо шарорат поймол мекунанд. Зеро ки он чӣ дар бораи Худо донистан мумкин аст, ба онҳо маълум аст, чунки Худо ба онҳо маълум кардааст. Агарчи онҳо Худоро шинохта бошанд, ӯро чун Худо ситоиш накарданд ва шукр нагуфтанд, балки хаёлоти онҳо ботил, ва дили бефаросаташон тира шуд.  Бо вуҷуди он ки худашонро оқил номиданд, ақли худро гум карда, Ҷалоли Худои бефанорo ба сурате табдил доданд, ки ба одами фонӣ, ба мургон, чорпоён ва хазандагон монанд аст. Бинобар ин Худо онҳоро бо нафси шаҳвониашон ба нопокӣ*

*гирифтор кард, ба тавре ки онҳо баданҳои худро бо ҳамдигар нангин карданд. Онҳо ростии Худоро ба дурӯғ иваз карданд ва парастишу ибодат карданд, махлуқро ба ҷои Холиқе, ки то абад муборак аст, омин. Аз ин сабаб Худо онҳоро ба ҳавасҳои нангин гирифтор кард: занони онҳо ҷимои табииро ба ҷимои ғайритабиӣ иваз карданд. Ҳамчунин мардон ҷимои табииро бо занон тарк карда, оташи шаҳваташон ба якдигар баланд шуд ва мард бо мард ба кирдори нангин машғул шуда, сазои иштибоҳи худро дар вуҷуди худашон диданд. Ва азбаски онҳо Худоро бо ақли худ шинохтан нахостанд, Худо онҳоро ба афкори фосид гирифтор кард, то ки корҳои носазо кунанд.*

Оятҳои болоиро аз сари нав хонед. Вақте ки шумо мехонед, диққат диҳед, ки байни парастиш ва гуноҳ муносибат мавҷуд аст. Албатта чунин намуди парастиш – парастиши дурӯғин аст ва як холигиеро боқӣ мемононад, ки одамро ба чуқурии гуноҳ мепартояд. Ин гуноҳ дар ин оятҳо ҳамчун ҳамҷинсбозӣ, ҳам барои мардон ва ҳам барои занонро дар бар мегирад. Аз ояти 28 бармеояд, ки нафарони ба ин кор машғулбуда ҷазоро интизоранд. Ин ҷазо дар бисёр ҷанбаҳои ҳаёт дида мешавад. Инҳо безорӣ, шармкунӣ, касалиҳое, ки ба воситаи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд ва дигарҳоянд.

Дар Тимотиюс 1:9-10 мо мехонем; *Ва инро бидонад, ки шариат на барои одил дар миён гузошта шудааст, балки барои шарирон ва беитоатон, осиён ва гуноҳкорон, фосиқон ва палидон, барои таҳқиркунандагони падар ва модар, барои одамкушон, барои зинокорон, ливотагарон, одамдуздон, дурӯғгӯён, савгандшиканон ва барои ҳар амале, ки бар хилофи таълимоти солим аст.*

Фосидии шаҳвонӣ дар баробари дигар ҷиноятҳо, кушторҳо, бехудоӣ ва гуноҳкорӣ ҷой дорад.

Оё ҳамҷинсбоз ба Осмон меравад?

Аз Библия мо ҷавоби саҳеҳ меёбем.

Ваҳӣ 21:8, *Валекин тарсончакон, ва беимонон, ва палидон, ва қотилон, ва зинокорон, ва ҷодугарон, ва бутпарастон, ва ҳамаи дурӯггӯёнро – насибашон дар кӯлест, ки бо оташ ва кибрит месӯзад; ин мамоти дуюм аст.*

1 Қӯринтиён 6:9-11; *Оё намедонед, ки золимон ворисони Малакути Худо намешаванд? Фирефта нашавед: на зинокорон, на бутпарастон, на фосиқон, на бачабозон, на ливотагарон. На دуздон, на ҳаромризқон, на бадмастон, на бадзабонон, на ғоратгарон – ворисони Малакути Худо намешаванд. Ва баъзе аз шумо чунин будед; аммо пок шудед, аммо қудсият пайдо кардед, аммо сафед шудед ба исми Худованди мо Исои Масеҳ ва ба Рӯҳи Худои мо.*

Дар ин порчаҳои Каломи Худо ҳақиқатҳои рӯшан дида мешаванд.

1. Ҳамҷинсбозӣ ғайри қобили қабул аст. Он мухолифи иродаи Худо.

2. Ҳамҷинсбозӣ меваи фосидии динӣ аст.

3. Ҳамҷинсбозӣ одамро аз ҷамоати ростии Худо берун мекунад, ҳам дар ин ҷаҳон ва ҳам баъди марг дар он ҷаҳон.

4. Ҳамҷинсбозиро бояд маҳкум кард.

5. Ҳамҷинсбозӣ шаъну эътибори одамро ва муносибатҳои муқаррарии ҷомеъаро хароб мекунад.

**Барои ҳамҷинсбоз умед ҳаст?**

Бале! Ин гуноҳи нобахшиданӣ нест. Навишта ба мо тасвири аввалаи шахсеро, ки тарзи ҳаёти ҳамҷинсбозиро давом медиҳад, чунин нишон медиҳад, ки ӯ умеди ба Осмон рафтанро надорад. Чуноне ки мафкураи ҳамҷинсбоз печ дар печ аст, тавбаи ҳақиқӣ метавонад дар зиндагии ӯ дигаргунӣ ворид кунад.

Чун дар 1 Қӯринтиён 6:11 нишон дода шудааст, Худо қобил аст, табиати ҳамҷинсбозро тағйир диҳад. Вале одам бояд аз гуноҳи худ хаста бошад ва пеш аз он ки Худо дар ҳаёти ӯ тағйирот дохил кунад, ӯ худаш хоҳони ин тағйирот бошад.

Имондорон вазифадоранд, ки ҳар шакли гуноҳро аз он ҷумла ҳамҷинсбозиро нафрат кунанд. Вале имондорон вазифадоранд, ҳамҷинсбозонро дӯст доранд ва хоҳиши ба онҳо кӯмак карданро дошта бошанд.

**Агар имондор хоҳиши онро дорад,  ки ба ӯ ёрӣ диҳанд? бояд чӣ кор кунад?**

ӯ бояд маслиҳат пурсад. Бисёр вақт дар чунин ҳол роҳиб метавонад ёрӣ диҳад, ҳамчунин маслиҳати масеҳии касбӣ низ хуб аст.

Зарурияти аз ҳама пеш ва муҳими ҳамҷинсбоз тавба кардан аст, ӯ бояд майлу хоҳишҳои худро монад ва Исоро ҳамчун Худованди ҳаёти Худ – аз он ҷумла ҳаёти шаҳвонӣ, қабул кунад. Таваллуди ҳақиқӣ аз олами боло дар зиндагии ҳамҷинсбоз дигаргунӣ меорад.

Баъди таваллуд аз олами боло се ҷанбаи амалии ҳаёт аст, ки аз болои он ҷиддан кор бояд кард.

1. Тасвири нави Худ.

Тасвири харобкорӣ пеш дар Ғалотиён 5:16-21 омадааст. Тасвири нав, ки бояд гирифта шавад, дар Ғалотиён 5:22-26 омадааст. Тасвирҳои нав ва пеш дар Эфсӯсиён 2:1-10 низ дида мешавад.

2. Намуди зоҳирии нав.

Агар кас ба монанди ҳамҷинсбозон фаъолият кунад ва либос пӯшад, ӯ бояд кӯшиш кунад, инро тағйир диҳад. Мард бояд ба монанди мард фаъолият кунад ва либос пӯшад; зан бояд ба монанди зан фаъолият кунад ва либос пӯшад.

3. Дӯстони нав

Ҳамҷинсбозе, ки аз олами боло таваллуд ёфтааст, бояд бо одамоне, ки Исоро пайравӣ мекунанд, дӯстӣ барқарор кунад. Ӯ бояд бо ғайри-ҳамҷинсбозон дӯстӣ кунад. То он даме, ки ӯ комилан аз болои ин масъала пирӯз нашудааст,  наметавонад бо ҳамҷинсбозон дӯстиро барканад. Баъд ӯ метавонад ба дигарон ёрӣ кунад, ки онҳо низ озод шаванд.

**Ҳамҷинсбозон ба калисо роҳ дода мешаванд?**

Одамоне, ки ба ҳамҷинсбозӣ машғуланд, ба ҷисм ё бародарии калисои маҳаллӣ мувофиқ нестанд (Оятҳои Библияро доир ба ин масъала бори дигар аз назар гузаронед.

Онҳое, ки ба ҳамҷинсбозӣ машғуланд, ҳаргиз ба мақоми сарварии калисо роҳ дода намешаванд. Танҳо ҷамъоатҳои гирифтори касалии гуноҳ имкон медиҳанд, ки ҳамҷинсбоз ҳамчун роҳиб ё кашиш фаъолият кунад. Омехта шудани ҳамҷинсбоз бо аъзоёни калисо, барои калисо хеле хатарнок аст.

Хусусан фаъолияти ҳамҷинсбозон ба кӯдакон таъсири манфӣ дорад.

Ҳамҷинсбозе, ки тавба кард ва тарзи нави ҳаётро пеш бурда истодааст, тамоман дигар аст. Муносибат нисбат ба ӯ ба монанди аъзоёни дигари калисо аст. Бо "ба ҳамҷинсбозӣ" машғул шудан, мо онҳоеро дар назар дорем, ки тарзи ҳаёти фосидро давом дода истодаанд.

Имондорон бояд ҳамаи одамонро дӯст доранд. Вале имондорон набояд аз ҳамҷинсбозӣ чашмпӯшӣ кунанд, ё онро пуштибонӣ намоянд. Ба ҳоли ҳамҷинсбоз бояд раҳм кард ва ӯро барои тавба кардан рӯҳбаланд намуд.

## БОБИ 24

## ОЁ НӮШИДАНИ НӮШОКИҲОИ АЛКОГОЛӢ ВА КАШИДАНИ СИГОР ХАТО АСТ?

Нӯшокиҳои алкоголӣ чиро дар бар мегирад? Ҳар чизе ки таркибаш алкогол дорад. Яъне, аз қабили чунин нӯшокиҳо: пиво, шароб, ҷин ва ғайра.

Баъзеҳо чунин савол медиҳанд: “Оё мо баъди таваллуд шудан аз олами боло метавонем пиво нӯшем?”, “Дар нӯшидан ва кашидан чӣ нохубӣ аст?”

1. Исоро пайравӣ кардан маънои онро дорад, ки кас бояд ҳама чизро ба Худовандии Исо таслим кунад.

Ин ҳама чиз маънои онро дорад, ки ҳама чиз дар ҳаётамон бояд таслими Исо бошад. Саволи ҳақиқӣ ин нест, ки “Оё ман метавонам нӯшиданро давом диҳам?” Саволи ҷиддитар ин аст?” Оё ман хоҳиш дорам, ки тамоми ҳаётамро ба зери ҳукмронии Худованд Исо гузорам? Масъалаи асосӣ дар нӯшидан нест. Масъала он аст, ки бо ҳаёти___________

Шахсе, ки ба Худо имкон намедиҳад, то ки Худои тамоми ҳаёташ гардад, харобӣ ва гумроҳиро пайравӣ мекунад. Оилаи ӯ ҳам дар ин ҷо ва ҳам дар олами ҷовидонӣ азоб мекашад. Наҷот ёфтан – наҷотро ба даст даровардан, ва хоҳиши ба Исо бовар кардани ҳаёти худро дошта бошад ва дар пеши ҳама Исоро ҳамчун Худованд эътироф кунад. Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт; Румиён 10:9 Одам бояд на танҳо майли аз пиво ва сигор дур шуданро дошта бошад, балки ӯ бояд имкон диҳад, ки Исо Худованди кори ӯ, оилаи ӯ, истироҳати ӯ, пули ӯ ва ҳамаи умедҳои ӯ шавад. Калимаи ХУДОВАНД маънои ҳукмрон, роҳбарро дорад. Одам наметавонад ҳам Худовандии ягон қисми ҳаёташро нигоҳ дорад ва дар айни замон Исоро ҳамчун Худованд қабул кунад. Агар кас гӯяд, ки дар бораи нӯшокӣ ӯ чизе, ки майл дорад кунад, ӯ барои таваллуд аз олами боло тайёр нест.

Таассуфовар аст, ки бисёриҳо пиворо дар ҳаёти худ аз Исо болотар мегузоранд. Онҳое, ки ҳаёташонро комилан ба Исо таслим кардаанд, қудрат доранд, ки масъалаи нӯшокиро паси сар кунанд.

2. Талаботҳои Худовандӣ тамоми ҳаётро таъсир мерасонад.

Агар Исо боре дар ҳаёти мо ҳамчун Худованд зиндагӣ кунад, мо ҳамаи он чизеро, ки ба ҷо меорем ва фикр  мекунем, аз нав месанҷем. Мо ӯро хурсанд хоҳем кард ва дар ҳамаи қисмҳои ҳаёти мо ба ӯ ҷалол ва эҳтиром хоҳем овард. Дар бораи ҷисми имондор Павлус гуфт, *Магар намедонед, ки ҷисмҳои шумо узвҳои Масеҳанд? Пас, оё узвҳои Масеҳро мегирам, то ки онҳоро узвҳои фоҳишае гардонам? Ҳошо ва калло! Оё намедонед, ки ҷисмҳои шумо маъбади Рӯҳулқудс аст, ки Он дар шумо сокин аст, ва Онро шумо аз Худо ёфтаед, ва шумо аз они худатон нестед? Зеро ки шумо ба нархи гарон харида шудаед. Пас, дар ҷисмҳои худ ва дар ҷонҳои худ Худоро ҳамду сано кунед, ки онҳо ба Худо тааллуқ доранд.*  1 Қӯринтиён 6:15, 19-20

Имондор бо ҳаёти ғуломона зиндагӣ намекунад, балки принсипҳои муайян дар ҳаёти ҳаррӯза ба ӯ ҳамчун раҳнамо хизмат мекунанд.

**Яке аз ин принсипҳо чунин аст:**

Чун ҷисм ибодатгоҳи Рӯҳулқудс аст, бо он бояд ғамхорӣ кард. Имондор бояд чизиеро, ки ба ҷисми ӯ осеб мерасонад, накунад.

**Дар бораи нӯшидани нӯшокиҳои алкоголӣ?**

Аз таъсири нӯшокӣ нисбат ба тамоми ҷангҳо одамон бисёртар мемуранд. Садамаҳои автомобилӣ яке аз ин мисолҳост, ки дар натиҷаи

он бисёр вақт одамони бегуноҳ ҷони худро аз даст медиҳанд. Натиҷаи он дар ҷангҳо аст, ки одамон худашонро назорат кардан наметавонанд ва якдигарро мекушанд. Он дар марги одамон аз касалиҳо дида мешавад, ки сабабаш алкогол аст. Бисёр касалиҳо натиҷаи бевоситаи нӯшокиҳои спиртӣ мебошад. Ин касалиҳо ба мисли саратон, касалиҳои дил, ҷигар, меъда ва дигарҳо мебошанд.

Баъзе омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки ҳар одами панҷум ки бори аввал даст ба нӯшокӣ мезанад, оқибат майзада мешавад. Зиндагӣ хароб мешавад. Хонаҳо хароб мешаванд. Кӯдакон азоб мекашанд.

Оё хуб аст, ки пулатонро барои харидани нӯшокиҳои алкоголӣ сарф мекунед? Аҷоиб аст, бисёр одамон арз мекунанд, ки зиндагиашон вазнин аст, вале бо вуҷуди ин онҳо пулашонро барои  хариди нӯшокиҳои алкоголӣ сарф мекунанд, ки ин ҷисми онҳоро хароб мекунад ва баъзе вақтҳо оилаи онҳоро низ вайрон мекунад.

Библия, онҳоеро, ки менӯшанд чунин ҳушдор додааст.

*Оҳ аз они кист? Воҳ аз они кист? Ситезаҳо аз они кист? Андӯҳ аз они кист? Ҷароҳатҳои бесабаб аз они кист? Чашмони сурхтоб аз они кист? Аз они онҳоест, ки пайваста шароб менӯшанд, ва барои чашидани шароби дорувордор меоянд. Ба шароб назар андӯз, ки чӣ гуна сурхча метобад, чӣ гуна дар қадаҳ мавҷ мезанад, чӣ гуна бемалол ба гулӯ меравад. Лекин оқибат мисли мор мегазад, ва мисли афъӣ заҳр мезанад. Чашмони ту манзараҳои аҷибу гарибе мебинад, ва дили ту ба каҷгуфторӣ моил мешавад. Ва ту мисли касе мешавӣ, ки дар миёнҷои баҳр хобида бошад, ва мисли касе ки бар сари сутуни киштӣ хобида бошад. Ва мегӯӣ: "Маро заданд, вале дардро ҳис накардам; маро кӯфтанд, вале нафаҳмидам. Вақте ки бедор шавам, боз ва боз ҳамон чизро ҷустуҷӯ мекунам".* Масалҳо 23:29-35

*Ва масти шароб нашавед, ки аз он фисқу фуҷур ба амал меояд.* Эфсӯсиён 5:18

Саволҳои охирон дар бораи нӯшидани нӯшокиҳои алкоголӣ чунин бояд бошанд: Оё зиндагиро беҳтар мекунад? Саломатиамро беҳтар мекунад? Оилаам аз ин фоида мегирад? Ба калисо ёрӣ медиҳад? Исоро ҷалол медиҳад? Ҷавоби саҳеҳ ба ҳамаи ин саволҳо маълум аст. Не!

**Дар бораи кашидани сигор?**

Ҳамаи гуфтаҳои боло, ки дар бораи нӯшокиҳои спиртӣ гуфтем, ба сигоркашӣ низ дахл доранд. Принсипҳо низ ҳамонҳо ҳастанд. Имондор бояд ягон кор накунад, ки ҷисмашро хароб кунад.

Дар байни табибон чунин андеша аст, ки сигоркашӣ ҳам онҳоеро, ки сигор мекашанд ва ҳам онҳоеро, ки дар наздашон истода дудашро нафас мекашанд, хароб мекунад.

Мувофиқи гузориши конгреси Иёлоти Амрико "Ҳар сигор панҷ дақиқаи ҳаёти сигоркашро кам мекунад. Ба ҳисоби миёна ба ҳар сигоркаш ин шаш ё ҳафт солро ташкил медиҳад". Мувофиқи омӯзишҳои Британиё 40 фоизи сигоркашҳо то 65 сола вафот мекунанд, ки ин дар муқоиса бо онҳое, ки сигор намекашанд 15 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи гузоришҳои вазорати ҳифзи оммаи Иёлоти Амрико доир ба таъсири сигор ба саломатии одам, сигоркашӣ сабаби асосии касалиҳо ва марги нобаҳангоми сигоркашҳо мебошад. Соли 1987, созмони байналмиллалии ҳифзи сиҳати омма гузориш дод, ки баъди ҳар сенздаҳ

сония як нафар аз касалиҳое вафот мекунад, ки сабабашон сигор мебошад.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ гирем, сигоркашҳо ба кор камтар мебароянд ва ин нишон аз онҳое, ки сигор намекашанд 45 фоиз зиёдтар аст, ва онҳо ба нӯшокиҳои алкоголӣ низ майл доранд.

Дар Япония, омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки занҳое ки сигор намекашанд, вале бо сигоркашҳо зиндагӣ мекунанд, ду баробар зиёдтар аз касалии саратони шуш мемуранд, нисбати он занҳое, ки шавҳарҳояшон сигор намекашанд. Ҳамчунин натиҷаҳо дар Юнон, Олмони Ғарбӣ ва Иёлоти Амрико ба чашм мерасанд.

Боз ҳамон саволҳои хулосавӣ чунин бояд бошанд: Оё сигоркашӣ зиндагиро беҳтар мекунад? Саломатии маро беҳтар мекунад? Дар кор ба ман ёрӣ медиҳад? Ин барои кӯдаконам хуб аст, ки дудро нафас мекашанд? Оё ин мувофиқи ақл аст, ки пулҳоеро, ки бо чунин мушкилӣ ба даст овардаам, бо чунин роҳ сарф намоям? Оё ин ба калисо ёрӣ медиҳад? Оё ин ба Исо ҷалол меорад? Ҷавоб боз ҳамон, - Не!

**Чаро одамон шароб менӯшанд ва сигор мекашанд?**

1. Онҳо ҳаёти худро комилан ба Исо додагӣ нестанд.

2. Онҳо бо сабабҳои гуногун сар карданд ва дар чанголи он монданд. Онҳо одат карданд. Онҳо ба чизҳое, ки ҳаёташонро хароб мекунад, ғулом шуданд. Танҳо онҳое, ки бас мекунанд, мефаҳманд, ки то чӣ андоза онҳо ғулом буданд.

3. Онҳо ба ҳаёт назари ноумедона доранд ва дар бораи худ ғамхорӣ намекунанд. Онҳо бемақсадона зиндагӣ мекунанд.

4. Баъзеҳо ин корро аз нофаҳмӣ мекунанд. Онҳо дар бораи чунин корҳо маълумот надоранд.

5. Баъзеҳо барои он сигор мекашанд ва нӯшокӣ истеъмол мекунанд, ки инро кори хуб ҳисоб мекунанд. Телевизион ва маҷаллаҳо дурӯғин ин чизҳоро бисёр зебо ва ҳамчун нишонаи комёбӣ тасвир мекунанд.

6. Дигарҳо барои он ин корро мекунанд, ки мехоҳанд аз дигарон фарқ кунанд.

**ЯГОНА ХУЛОСАИ МАЪҚУЛ ИН НАНӮШИДАН ВА СИГОР НАКАШИДАН АСТ!**

Агар касе худкушӣ кунад, албатта хуб нест, ва кори сигоркашу истеъмолкунандаи нӯшокӣ ин худкушист.

Ба оилаи худ осеб расондан ва воситаи сигоркашию нӯшокиҳо кори дуруст нест.

Одатҳои харобкунанда ба монанди сигоркашӣ, истеъмоли нӯшокиҳо, маводи мухаддар, пурхӯрӣ дар ҳаёти одаме, ки ӯро принсипҳои эҳтиром

ба нафси худ, муҳаббат ба дигарон, ва муҳаббат ба ҳузур доштани Рӯҳулқудс роҳнамоӣ мекунанд, ҷой надоранд. Ин принсипҳо ба мо ҳамчун роҳнамо дар он чӣ мо карда метавонем ва чӣ не хизмат мекунанд.

БОБИ 25

## БИБЛИЯ ДАР БОРАИ ГАП ЗАДАН БО ЗАБОНҲОИ ҒАЙР ЧӢ МЕГӮЯД?

Бисёр китобҳои Библия доир ба ҳарф задан бо забонҳои ғайр чизе зикр накардаанд. Дар бораи ин мавзӯъ танҳо дар якчанд порчаҳои Аҳди Ҷадид сухан ронда шудааст. Ин ҳолатҳое буданд, ки одамон бо забонҳои гуногун ҳарф мезананд, вале инҳо забонҳои маълум буданд.

### 1. Аъмол 2:1-11

Бисёриҳо, ки гап задан бо забонҳои гуногунро тарафдорӣ мекунанд, ин оятҳоро барои эътиқоди худ ҳамчун асос истифода мекунанд.

Ин дар Рӯзи Пантикост буд. Забони мардуми ҷамъшуда номаълум буд. Одамон халқияту миллатҳои гуногунро намояндагӣ мекарданд, ки забонҳояшон низ гуногун буд. Навишта мегӯяд: *Ҳамаашон аз Рӯҳулқудс пур шуданд, ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати такаллум бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд. Дар Ерусалим яҳудиён, одамони худотарсе, ки аз ҳар халқи зери осмон буданд, сукунат доштанд. Ҳангоме, ки он ғулғула баланд шуд, мардуми бисёре ҷамъ омада, дар ҳайрат афтоданд, зеро ки ҳар кас ба забони худаш сухани онҳоро мешунид. Ва ҳама моту мабҳут ва мутааҷҷиб шуда, ба якдигар мегуфтанд: "Оё ҳамаи инҳо, ки гап мезананд,*

*ҷалилӣ нестанд? Пас чӣ гуна ҳар яке аз мо сухани онҳоро ба забони зодгоҳи худ мешунавем?* Аъмол 2:4-8

Ин гап задан бо "забонҳои номаълум" набуд, балки одамон бо забонҳои ба худ маълум гап мезаданд. Ин забонҳо-забонҳои модарии онҳое буд, ки гӯш мекарданд. Ба ягон тарҷумон эҳтиёҷ набуд.

**2. Аъмол 10:44-48**

Ин дар Қайсария, дар хонаи Корнелиюс, афсари рум рӯй дод. Петрус ба гурӯҳи калони беимонон машғули мавъиза буд, ки Рӯҳулқудс бо он роҳе, ки дар Аъмол 2 нишон додашуда буд, фаромад. Дар ояти 47 Петрус гуфт: "*Оё касе метавонад ба онҳое, ки Рӯҳулқудсро мисли мо низ ёфтаанд, бо об таъмид гирифтанро манъ кунад?"* Дар Аъмол 11:15 Петрус мегӯяд, "*Вақте ки ба сухан огоз кардам. Рӯҳулқудс бар онҳо нозил шуд, мисли он ки дар ибтидо бар мо нозил шуда буд"*. Ин ба монанди Пентакост буд, ки одамон бо забонҳои гуногун гап мезаданд, вале пайғоми Петрусро бо забони худ мешуниданд. Баъзе олимони Библияшинос ин оятҳоро чунин тафсир медиҳанд, ки вақте одамон имон доранд ва бо Рӯҳулқудс пур ҳастанд онҳо Худоро бо забони модариашон ҳамду сано мекунанд.

**3. Аъмол 18:24-19:6.**

Дар Эфсӯс Павлус бо одамоне вохӯрд, ки танҳо пайғом ва таъмиди Яҳёи Таъмиддиҳандаро шунида буданд. Онҳо ҳатто дар бораи Рӯҳулқудс ҳеҷ чиз нашунида буданд. Павлус ба онҳо пайғомро мавъиза кард ва онҳо хурсандона имон оварданд. Пас аз он ки онҳо имон оварданд, онҳо ҳамчун шогирди Исо таъмид дода шуданд. Ҳангоми шодӣ ва ҳаёҷон онҳо бо забони модариашон ба ҳамду санои Худо сар карданд. (Дар Эфсӯс халқҳо ва миллатҳои бисёр бо забонҳои гуногун сокин ҳастанд). Баъзе аз ин забонҳо ғайр буданд ва ба Павлус номаълум буданд. Мо танҳо тахмин мекунем, ки он ҷо чӣ рӯй дода буд. Вале мо боварӣ дорем, ки онҳо бо

“забонҳои ғайр” гап назада буданд. Онҳо пайғоми Худоро бо забони инсонӣ мегуфтанд. Ин сабаби ҷудоӣ ва мухолифат байни мардумон нашуд, чунон ки дар байни гӯяндагони забонҳо дар калисои Қӯринтус рӯй дода буд.

## 4. Забонҳо дар калисои Қӯринтус

Павлус ба имондорони Қӯринтус навишта буд, чунки онҳо дар калисои Қӯринтус мушкилиҳои зиёде доштанд. Дар бораи забонҳои ғайр дар дигар калисоҳо, дар Аҳди Ҷадид ягон чиз навишта нашудааст. Ба мисли калисои Қӯринтус ҳеҷ калисои дигар заиф набуд. Ин калисо ҳамчун намуна ба калисоҳои дигар набояд хизмат кунад.

Ба мушкилиҳои онҳое, ки бо забонҳои гуногун гап зада буданд, нигоҳ кунед.

Боби 1- Пур аз ҷудоиҳо, пур аз ҷангу ҷидол.

Боби 3-“Шумо ҳанӯз ҷисмонӣ ҳастед”

Боби 4-“Баъзе аз шумо мағрур шудед”

Боби 5-“Дар байни шумо зино пайдо шудааст, он ҳам чунон

зино, ки ҳатто дар байни бутпарастон. Мағрур шудан барои шумо кори хуб нест”.

Боби 6- Даъво бо бародари масеҳӣ дар байни бутпарастон,

фосиқӣ – “Ба ман ҳама чиз кардан иҷозат дода шудааст”.

Боби 7- Мушкилиҳои заношӯӣ – бевафоӣ

Боби 10-Хатари алоқаи наздик бо парастиши бут.

Боби 11-Табдил додани Шоми Охирон ба зиёфати калон ва

шабнишинӣ бо нӯшокиҳои алкоголӣ.

Боби 12-Нофаҳмиҳо оид ба атои Рӯҳ.

Боби 14-Бенизомӣ дар кори калисо.

Ҳарф задан бо забонҳои ғайр мушкилии асосии калисои Қӯринтус буд. Натиҷаи он ҳавобаландӣ, бесарусомонӣ ва ҷудоӣ буд.

Павлус ҳарф задан бо забонҳои гуногунро тақдир накард. ӯ муқобили он буд. Ба баъзе суханҳои ӯ ки дар бобҳои 12, 13 ва 14, 1 Қӯринтиён омадаанд, диққат диҳед.

Баъди навишта додани баъзе бахшоишҳои Рӯҳ, ӯ мегӯяд, *Иштиёқманди бахшоишҳои бузургтар бошед, ва ман ба шумо Роҳи боз ҳам хубтарро нишон хоҳам дод* (12:31). Дар боби 13 Павлус дар бораи муҳаббат, сухан мекунад. ӯ мегӯяд, *Муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад, гарчанде ки нубувватҳо хотима хоҳад ёфт, забонҳо хомӯш хоҳад шуд ва дониш ботил хоҳад гашт* (13:8). Бисёр олимони Библия эътиқод доранд, ки вақте калисо инкишоф меёбад, гап задан бо забонҳои гуногун хотима хоҳад ёфт. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ин нома ба Қӯринтиён дар қатори аввали навиштаҳои Павлус буд.

Фақат нома ба Таслӯникиён барвақттар навишта шуда буд. Навиштаҳои Павлус дар бораи забонҳои гуногун баъди номаи 1 Қӯринтиён хотима ёфт. Дар номаи дуюм ба Қӯринтиён ё номаҳои дигар ба шахсони алоҳида ё калисоҳо, ӯ гап задан бо забонҳои гуногунро зикр накард.

Ба суханҳои Павлус дар бораи истифодаи забонҳо диққат диҳед.

**Бартарии аввал** 1 Қӯринтиён 14:1-6

*Дар паи муҳаббат бошед; иштиёқманди бахшоишҳои рӯҳонӣ, аллалхусус нубувват бошед.* Қӯринтиён 14:1

Дар муносибат ба мавъизаи  пайғоми Худо Павлус гуфт, *Касе ки бо забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо Сухан меронад, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад* (14:2).

*Касе ки ба забоне сухан меронад, вай худашро  обод мекунад; аммо касе ки нубувват мекунад, вай калисоро обод мекунад.* 1Қӯринтиён 14:4

*Ва акнун, эй бародарон, агар назди шумо биёям ва ба забонҳо сухан ронам, чӣ нафъе ба шумо мерасонам, магар ин ки бо ваҳйе, ё донише, ё нубуввате, ё таълиме ба шумо сухан ронам?* 1 Қӯринтиён 14:6

**Арзиши сухан рондан бо забонҳо**

*Ҳамчунин агар шумо суханони норавшане ба забон ронед, чӣ тавр мефаҳманд, ки шумо чӣ мегӯед? Шумо ба ҳаво сухан хоҳед ронд.* 1 Қӯринтиён 14:9

*Ҳамчунин шумо, ки иштиёқманди бахшоишҳои рӯҳонӣ ҳастед, саъю кӯшиш намоед, ки аз онҳо барои ободии калисо бой шавед.* 1 Қӯринтиён 14:12

*Зеро, агар ту бо рӯҳ баракат диҳӣ, бехабаре ки дар он ҷо истода бошад, дар вақти шукргузории ту чӣ тавр "омин" гӯяд? Зеро ӯ он чиро, ки ту мегӯӣ, намефаҳмад. Ту нагз шукргузорӣ мекунӣ, лекин каси дигар обод намешавад.*

1 Қӯринтиён 14:16-17

*Худоямро шукр мегӯям, ки ман бештар аз ҳамаи шумо ба забонҳо сухан меронам. Лекин дар калисо гуфтани панҷ калимаро бо ақли худ, то ки дигаронро насиҳат кунам, афзал медонам, аз он ки як олам калимаро ба забоне бигӯям. Эй бародарон! Дар ақл мисли кӯдакон набошед; нисбат ба шарорат чун навзодон рафтор кунед, лекин дар ақл болиг бошед.* 1 Қӯринтиён 14:18-20

Павлус гуфтанӣ нест, ки ӯ монанди Қӯринтиён бо он забонҳо гап зада буд. ӯ мегӯяд, "вале дар дуо гуфтан…" Шояд Павлус ба ҳолате аз ҳаёти ибодатии худ рӯ овардааст, ки фақат Рӯҳ ба Худо "нолаҳо" ё ҳиссиёти амиқи моро расонад, ки мо ин корро бо забони муқаррарии инсонӣ наметавонем ҳарф занем. Румиён 8:26

*Агар тамоми аҳли калисо дар як ҷо ҷамъ шаванд, ва ҳама ба забонҳо сухан ронанд, ва бехабарон ё беимонон дароянд, - оё онҳо намегӯянд, ки шумо девона шудаед? Аммо вақте ки ҳама нубувват мекунанд, ва каси беимоне ё бехабаре медарояд, вай ба воситаи ҳама маҳкум мешавад, ба воситаи ҳама доварӣ карда мешавад. Ва асрори дилаш ошкор мегардад; бинобар ин ӯ рӯй ба замин нихода, ба Худо саҷда мекунаду мегӯяд: " Ҳақиқатан Худо бо шумост".* 1 Қӯринтиён 14:23-25

**Низом ва сулҳу осоиш дар ибодат роҳи Худо аст.**

Павлус мегӯяд, *Ва арвоҳи анбиё ба фармони анбиё мебошанд.* 1 Қӯринтиён 14:32

Павлус давом медиҳад, *лекин ҳамааш бояд ба тартибу интизом ба амал ояд.* 1Қӯринтиён 14:40

**ХУЛОСА**

Ин бахшоиш танҳо дар калисои ҷавон дида мешавад. Калисои Қӯринтус хеле заиф буд ва дар имон хеле ноболиғ буд. Забонҳои номаълум дар дигар калисоҳои Аҳди Ҷадид дида намешаванд. Калисои Қӯринтус намунаест, ки онро ҳозир набояд пайравӣ кард. Истифодаи забонҳои ғайр сабаби мағрурӣ, ҷудоӣ ва бесарусомонӣ дар байни халқи Қӯринтус гардид. Он ба халқ дар наҷоти онҳо ёрӣ надод. Он калисоро инкишоф надод. Он ба Исо ҷалол наовард. Лозим аст бигӯем, ки истифодаи забонҳои номаълум ё ҳарфзании ваҷди дар динҳои ибтидоӣ хеле паҳншуда буд ва ин динҳо ҳатто Худоро эътироф намекарданд.

Бахшоиши гап задан бо забонҳои номаълум дар номгӯи бахшоишҳое, ки дар Рӯмиён 12:6-8 ё дар Эфсӯсиён 4:11 омадаанд, дида намешавад. Ин дар дигар номаҳои Павлус зикр нашудааст. Ин дар навиштаҳои Петрус, Яқуб, Юҳанно, ё инҷилҳои Матто ва Луқо ба чашм намерасад. Ягон сабти ҳарфзании ҳавврориён бо забонҳои номаълум вуҷуд надорад. Ягон навиштае нест, ки Исо бо забонҳои номаълум сухан карда бошад. ӯ аз Рӯҳулқудс пур шуда буд. (Луқо 3:21, 22; 4:1, 14, 18) Вале бо забонҳо гап назада буд. ӯ ба дигарон низ таълим надод, ки ин корро кунанд.

*Исо шогирдонашро фиристонд, "Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед. Ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам". Омин.* Матто 28:19-20

БОБИ 26

# МАН БОЯД Чӣ КУНАМ, ВАҚТЕ КИ ЯГОН КАС БА МАН МУОМИЛАИ БАД МЕКУНАД?

Барои беимон, вақте ки ягон кас ба ӯ муомилаи бад мекунад, ҷавоб гардонидан табиист. Ва ин табиӣ аст, ки ӯ ҷавоб мегардонад ё дар ҷустуҷӯи қасос мешавад. Ин роҳи он касест, ки аз олами боло таваллуд наёфтааст. Вале имондор ба ин назари нав дорад. Масеҳии ҳақиқӣ зиндагии талху нафратовар нисбати дигарон надорад. Вақте ки кас аз олами боло таваллуд меёбад, Исо Худованд (ҳукмрон)-и нави ӯ мебошад. Исо барои мо намуна аст. Мо бояд дорои муносибати ӯ нисбати дигарон бошем.

**Библия дар бораи муҳаббат ва омӯрзиш чӣ мегӯяд?**

Шумо метавонед бигӯед, "ӯ дар бораи ман суханҳои бад гуфт ва ман наметавонам дӯст дорам ва бахшам". Онҳо Исоро дар салиб чормех карданд, онҳо ба найза ба паҳлӯи ӯ заданд. Онҳо ӯро ҳақорат карданд, либосҳояшро кашиданд, аввал ба як даст ва баъд ба дасти дигараш мех кӯфтанд. Посухи ӯ чунин буд, *"Эй Падар! Инҳоро биомӯрз, зеро ки намедонанд, чӣ мекунанд".* Луқо 23:34. *Дар Библия омадааст, дар шумо низ бояд айни ҳамон ҳиссиёт бошад, ки дар Исои Масеҳ буд.* Филиппиён 2:5

Дар Эфсӯсиён 4:31-32 мо мехонем, *Ҳар гуна қудурат ва қаҳр, ва ғазаб ва фарёд, ва бадгӯӣ бигзор аз шумо бо ҳар навъ шарорат дур шавад. Балки ба якдигар меҳрубон ва дилсӯз бошед ва якдигарро авф намоед, чунон ки Худо низ моро дар Масеҳ авф намудааст.*

Аз ин оятҳо мо мебинем,  ки асос барои қобилияти бахшидани мо далеле аст, ки Худо моро бахшид. Имондорон низ қобил ҳастанд, бахшидани ҳақиқиро бифаҳманд. Тавассути таваллуд аз олами боло мо тафаккури нав,  андешаҳои нав ва муносибатҳои нав дорем. Павлус дар Эфсӯсиён 4:23-24 чунин мегӯяд, *Ва хиради шумо бояд дар Рӯҳ тоза шавад,  ва одами навро ,  ки шабоҳати Худо дар адолат ва қудсияти ростӣ офарида шудааст, дар бар кунед.*

Шумо метавонед бигӯед,  "бале,  ҳамаи ин дуруст аст,  вале ман бахшида наметавонам". Шумо рост гуфтед, шумо наметавонед;  вале бо ёрии Исо шумо метавонед. Ҳар як имондор бояд Филиппиён 4:13-ро аз ёд донад, *Ҳамааш аз дастам меояд,  бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад*.

**МАН БОЯД ЧӢ КУНАМ,  ВАҚТЕ КИ ЯГОН КАС БА МАН МУОМИЛАИ БАД МЕКУНАД?**

**Дар хотир дошта бош, ки парастиши ҳақиқӣ омурзишро талаб мекунад.**

Оятҳои зер аз Мавъизаи болои кӯҳ гирифта шудаанд. Ин пайғоми бузурги Исо ба шогирдонаш буд.

*Пас, ҳангоме ки қурбонии худро назди қурбонгоҳ меоварӣ ва дар он ҷо ба хотиратояд, ки бародарат аз ту норозист. Қурбонии худро дар он ҷо назди қурбонгоҳ бимон, ва рафта, аввал бо бародари худ мувосо кун, ва баъд омада, қурбонии худро тақдим кун.* Матто 5:23-24

Аз навиштаҳо мо меомӯзем:

1. Имондори ҳақиқӣ парастиш (ибодат) мекунад.

2. Тақдими бахшоиш қисми муқарарии парастиш аст.

3. Вақте ки мо назди Худо барои ибодат меоем, ба мо рӯҳи нобахшидани мо нисбати бародар хотиррасон карда мешавад.

4. Мо наметавонем ба таври ҳақиқӣ ибодат кунем, агар дар қалбҳои мо рӯҳи нобахшиданӣ вуҷуд дошта бошад.

5. Мо бояд аз ҷои ибодат рафта бо бародарамон муомилаи хуб кунем. Онро бояд бе ягон дармонӣ кунем. Хуб нест, агар мо гӯем, ки “баъдтар”.

6. Вақте ки бо бародарамон мушкилиҳоро ҳал кардем, мо бармегардем ва ба Худо бахшоишҳо ва ибодати худро тақдим мекунем.

**Тасмим бигиред, ки қасос нагиред, вақте ягон кас ба шумо муомилаи бад дорад.**

Дар Матто 5:38-39 Исо мегӯяд, *Шунидаед, ки гуфта шудааст: “Чашме дар ивази чашме, дандоне дар ивази дандоне”. Лекин Ман ба шумо мегӯям: ба бадӣ муқобилат накун. Балки агар касе ба рухсораи рости ту торсакӣ занад, дигарашро низ ба сӯи ӯ бигардон.*

Барои беимон қасосгирӣ кори муқаррарӣ аст. Вале ин барои имондор муқаррарӣ нест. Мо набояд қасос гирем; Мо бояд дӯст дорем.

*Ба ҳеҷ кас дар ивази бадӣ бадӣ накунед; пеши тамоми мардум дар паи некӣ бошед. Ба қадри имкон, то ҳадде ки ба шумо вобаста аст, бо ҳамаи одамон муросо кунед. Эй маҳбубон, интиқоми худро нагиред, балки ба ғазаби илоҳӣ вогузор кунед; зеро ки навишта шудааст:"Интиқом аз ҷониби Ман аст, Ман сазо хоҳам дод, мегӯяд Худованд". Пас, агар душманат гурусна бошад, шикамашро сер кун; агар ташна бошад, ба ӯ об деҳ; зеро ки бо чунин рафторат бар сари ӯ оташпораҳо фурӯ хоҳӣ рехт.* Румиён 12:17-20

**Барои онҳое, ки ба шумо муомилаи бад мекунанд, дуо кунед ва онҳоро дӯст доред.**

*Шунидаед, ки гуфта шудааст: "Ёри худро дӯст бидор ва аз душмани худ нафрат кун". Лекин Ман ба шумо мегӯям: душманони худро дӯст бидоред, барои лаънаткунандагони худ баракат бихоҳед, ба нафраткунандагони худ некӣ кунед ва барои озордиҳандагону таъқибкунандагони худ дуо гӯед. То ки фарзандони Падари худ, ки дар осмон аст, гардед; зеро ӯ офтоби Худро бар бадону некон тулӯъ мекунонад ва борон бар одилону золимон меборонад. Зеро ки агар дӯстдорандагони худро дӯст бидоред, чӣ мукофоте хоҳед ёфт? Оё боҷгирон низ чунин намекунанд? Ва агар танҳо ба бародарони худ салом гӯед, чӣ бартарие доред? Оё боҷгирон низ чунин намекунанд? Пас, комил бошед, чунон ки Падари шумо, ки дар осмон аст, комил аст". Матто 5:43-47*

Бутпарастон танҳо дӯстони худро дӯст медоранд. Имондорон ҳам дӯстон ва ҳам дӯшманони худро дӯст медоранд. Чӣ хел  мефаҳмем, ки мо душманони худро дӯст медорем? Исо гуфт, "Душманони худро дӯст бидоред ва барои онҳо дуо кунед". Вақте мо ба дуо кардан сар мекунем, ки Худо душманони моро баракат  диҳад, мо ҳақиқатан ҳам хоҳем фаҳмид, ки онҳоро дӯст медорем.

Бинобар ин, кифоя нест, ки мо фақат дӯст дорем,  ҳамчунин бояд дуо кунем, ки бо душманонамон корҳои хуб рӯй диҳанд. “*Баракат бихоҳед барои онҳое, ки шуморо таъқиб мекунанд: баракат бихоҳед вале лаънат нахоҳед*”. Румиён 12:14.

**Чӣ хеле ки Исо ба мо дуо карданро ёд дод, ҳамон хел дуо карданро тавонед.**

*Пас ба ин мазмун дуо гӯед: “Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! исми Ту муқаддас бод. Малакути Ту биёяд, иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд. Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ. Ва қарзҳои моро бибахш, чунон ки мо низ ба қарздорони худ мебахшем. Ва моро ба озмоиш дучор накун, балки моро аз иблис раҳоӣ деҳ, зеро ки Малакут ва қувват ва ҷалол то абад аз они Туст. Омин”*. Матто 6:9-13

Аз ин оятҳо мо баъзе ҳақиқатҳои бузургро меомӯзем:

1. Худо бо ҳурмату эҳтироми бузург нишон дода шудааст. ӯ ҳамчун Падар, Муқаддас ва Подшоҳ шинохта шудааст.

2. Имондор хоҳиш дорад, ки Малакути Худо ҳақиқат гардад, ҳатто дар замин, ҳатто дар ин зиндагӣ.

3. Ҳукмронии Худо ва иродаи ӯ аз хӯроки одам муҳимтар аст. (оятҳои 10-11)

4. Имондор норасоиҳо ва хатогиҳои худро эътироф кунад ва омурзишро илтимос кунад (ояти 12).

5. Баъд аз ин имондор қобил аст онҳоеро, ки ба ӯ муомилаи бад кунанд, бахшад (ояти 13).

**Ман метавонам лаънат ё баракатро интихоб кунам.**

*Зеро, агар шумо ба мардум ҳатоҳошонро бибахшед, Падари шумо, ки дар осмон аст, ба шумо низ хоҳад бахшид. Ва агар шумо ба мардум набахшед, Падари шумо низ хатоҳои шуморо ба шумо нахоҳад бахшид.* Матто 6:14-15

**1. *Лаънат* (ояти 15)**

Ин оят ба таври рӯшан мегӯяд, ки агар шумо дигарҳоро набахшед, вақте ки онҳо ба шумо муомилаи бад мекунанд, Худо гуноҳҳои шуморо намебахшад. Бисёр одамон хастаю бесарусомон ҳастанд, чунки онҳо гуноҳҳои набахшандаи худашонро бо худ кашида истодаанд. Онҳо ин хел мекунанд, чунки касонеро, ки ба онҳо бадӣ кардаанд, намебахшанд. Ин амал ба бемории фикрӣ ва шикасти ногаҳонии ҳиссӣ оварда мерасонад.

**2. Баракат (ояти 14)**

Баракат ин озодӣ ва сулҳу осоиш аст, ки аз тарафи Худо меояд, вақте ки Худо одамро барои ҳамаи хатогиҳояш мебахшад. Ин танҳо он вақт меояд, ки одам худро аз тамоми ҳиссиётҳои талх ва нафратангез нисбати онҳое, ки ба ӯ бадӣ карданд, тоза кунад. Танҳо он вақт Худо имондорро мебахшад.

**ХУЛОСА**

Ман бояд чӣ кунам, вақте ки касе ба ман бадӣ мекунад?

Ман бояд чӣ кунам, вақте ки касе дар бораи ман гапи ноҳақ мегӯяд?

Ман бояд чӣ кунам, вақте ки касе мехоҳад ба ман осеб расонад?

Дар бораи он ки имондори ҳақиқӣ чӣ бояд кунад, ягон савол нест. Мо бояд ин одамро дӯст дорем, бахшем ва барои ӯ дуо кунем. Ин кори осон нест, вале бо ёрии Худо мо метавонем инро кунем. Мо қобил ҳастем ин корро кунем, чунки мо халқи махсуси Худо ҳастем. *Пас, ҳамчун баргузидагони муқаддас ва маҳбуби Худо, марҳамат, меҳрубонӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ ва пурсабриро дар бар кунед. Ва ба ҳамдигар илтифот намуда, якдигарро авф кунед, агар касе аз дигаре ранҷида бошад: чӣ тавре ки Масеҳ шуморо омурзидааст, шумо низ ҳамин тавр кунед.* Қӯлассиён 3:12-13

Имондори ҳақиқӣ интихоби дигар надорад. Агар мо дар худ табиати Масеҳ дорем, мо бояд дӯст дорем ва бахшем.

**ВАЛЕ ҲОЗИР МАН Чӣ КОР КУНАМ?**

1. Ба Худо эътироф кунед, ки шумо гуноҳкор ҳастед ва ба кӯмак эҳтиёҷ доред. Фӯрӯтанӣ ҳама вақт нуқтаи беҳтарин барои сар кардан.

2. Аз Худо Илтимос намоед, ки шуморо барои доштани назари нафратангез нисбати каси дигар бубахшад. Ҳарчанд агар шумо ба ӯ ҳеҷ бадӣ накарда будед, шумо барои доштани назари нафратангез нисбат ба ӯ гунаҳкор ҳастед.

3. Аз Худо илтимос кунед, ки ба шумо дар дӯст доштани ин одам ёрӣ диҳад.

4. Аз Худо илтимос кунед, ки ба шумо хирад ва муҳаббат диҳад, вақте ки шумо ба пеши ин одам равона ҳастед.

5. Дар фурӯтанӣ ва муҳаббат, назди ин одам равед, ва бигӯед, “Маро бубахшед, ки ман нисбат ба шумо назари бад ва нобахшиданӣ доштам. Илтимос маро бубахшед”.

Шумо метавонед бигӯед, “Вале ин сустӣ аз тарафи ман мешавад? ӯ бояд аввал ба пеши ман биёяд”. Не, ин сустӣ нест. Ин қуввате аст, ки аз тарафи Масеҳ омадааст ва дар шумо сокин аст. Шояд он касе ки шуморо хафа карда буд, аз кардаи худ бехабар буд. Шояд ӯ бохабар буд, вале ӯ ба қадри кофӣ қувват надорад, ки хатогияшро эътироф кунад.

Бинобар ин боқувват, пирӯз ва ташаббускори мусолиҳа бош. Амали шумо ҳамаро баракат медиҳад. Шумо аз кори худ хушҳол хоҳед буд.

Навиштаҳои дигар доир ба ин мавзӯъ:

Матто 18

1Қӯринтиён 13

## БОБИ 27

## ИЗДИВОҶИ МАСЕҲӣ ЧИСТ?

Издивоҷи масеҳӣ танҳо барои онҳое имконпазир аст, ки аз олами боло таваллуд ёфтаанд. Ин Масеҳ дар издивоҷ аст, ки онро масеҳӣ мекунад. Танҳо он вақт издивоҷи масеҳӣ вуҷуд дошта метавонад, ки Исо Наҷотдиҳанда ва Худованди ҳам шавҳар ва ҳам зан бошад.

Издивоҷ бунёди инкишофи оила мебошад. Агар бунёд заиф бошад, оила низ заиф мешавад. Масеҳ бояд қисми муҳими муносибати издивоҷӣ бошад, агар оила-оилаи масеҳӣ ҳаст. Бисёр одамон фикр мекунанд, ки онҳо оилаи масеҳӣ доранд, вале дар ҳақиқат Масеҳ сарвари оилаи онҳо нест.

Заношӯии масеҳӣ бояд Библияро ҳамчун раҳнамо дар хона эътироф кунад. Дар ҳар куҷое мухолифат бошад, Библия бояд аз анъанаҳои фарҳангӣ болотар бошад.

**Нуқтаи назари ғайрибиблиявии заношӯӣ маъмул аст.**

1. Барои баъзеҳо заношӯӣ муносибати 1+1=2 мебошад.

Ин муносибати байни зану шавҳар мебошад. Шавҳар дунёи худро дорад, ки дар он зиндагӣ мекунад, чизҳои худро дорад ва зан низ дунё ва чизҳои худро дорад. Касбу корашон бо ҳам муносибат надорад. Ҳар кас пулҳои худро бо хости худ сарф мекунад. Ин ба монанди ду роҳи оҳан, ба ҳам наздик ҳастанд, вале ҳеҷ гоҳ омехта намешаванд.

2. Нуқтаи назари дигари ғайрибиблиявии занушӯи 1+1=3 аст.

Инҳо шавҳар, зан ва нафари сеюм ҳастанд. Нафари сеюм метавонад хешу табори онҳо, дӯст ё дугонаи онҳо бошад. Ноқобилии одам дар кандани иртибот бо волидайн яке аз омилҳои вайронкунии бисёр оилаҳо мебошад.

**Назари масеҳӣ ба издивоҷ чист?**

1+1=1 формулаи муносиб барои издивоҷи масеҳӣ мебошад.

*Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст, ва ҳар ду як тан хоҳанд буд.* Эфсӯсиён 5:31

Ҳар ду як тан хоҳанд буд. Ин ҳамаи тарафҳои ҳаётро дар бар мегирад. Ин ду бо ҳамдигар беш ҳастанд, аз он ки бе ҳамдигар дар алоҳидагӣ. Ин худро қурбонӣ кардан нест:

Ин ҳамаи он чизе ҳаст, ки Худо мехоҳад, инсон бо ҳамроҳаш ба воситаи муносибат дошта бошад.

Ин секунҷа ба мо дар фаҳмидани муносибатҳои заношӯии масеҳӣ кӯмак мекунад.

**ШАВҲАР**

**МАСЕҲ**




Шавҳар ва зан ҳаёташонро бо ҳам мебинанд-заифӣ ва пурқудратӣ. Шавҳар бо Масеҳ муносибат дорад, ки ин ба ӯ қувват мебахшад, то ки ӯ шавҳари беҳтарини масеҳӣ шавад. Бо чунин тарз зан ҳам бо Масеҳ муносибат дорад ва аз он обрӯи эътибор мегирад. Чун ҳарду – ҳам шавҳар ва ҳам зан ба Исо бештар монанд мешаванд, ва онҳо ин намуди ҳаёти навро бо ҳам мебинанд. Ҳар яке қобил аст дигарашро ба таври бояду шояд дӯст дорад, чунки Исо онҳоро дӯст медорад.

Ин заношӯии масеҳӣ аст. Кӯдакон дар даруни ин секунҷа буда, айният ва гармиро меёбанд. Чун онҳо ба воя мерасанд, аз муносибати махсус огоҳӣ меёбанд. Онҳо қимати оилаи масеҳиро мефаҳманд ва саъю кӯшиш мекунанд, ки онро дар ҳаёти худ низ ба кор баранд.

Биёед ба баъзе ҷанбаҳои муҳими ҳаёт назар андозем, ки ҳар як зану шавҳар бо онҳо сару кор доранд. Ин санҷишро аз назар гузаронед ва баъд дар бораи онҳо баҳс мекунем.

САНҶИШ

1. То чӣ андоза шумо бо якдигар то издивоҷ шинос будед?_____

2. Волидайнатон издивоҷи шуморо маъқул донистанд?____

3. Оё шумо вазъияти иқтисодии волидайнатонро ба эътибор гирифтед:
А. Табақаи болоӣ_____ Б. Табақаи миёна__________ В. Табақаи поёнӣ__________

4. Маълумоти шумо чист? Коллеҷ___________

Маълумоти миёна _________ Маълумоти ибтидоӣ________

**1. ХУСУРУ ХУШДОМАН**

(1) Шумо худро бо хусуру хушдоман хуб ҳис мекунед?
Ҳа______________________ Не________________________

(2) Шумо ранҷидед, вақте ки ҳамсаратон ба хонаи падару модараш рафта буд?

Ҳа______________________ Не________________________

(3) Оё ҳамсарат бо волидайнаш вақти зиёдеро мегузаронад?

Ҳа______________________ Не________________________

(4)Оё хусуру хушдоманат ба оилаи шумо бисёр дахолат мекунанд?

Ҳа______________________ Не________________________

(5)Оё шумо ва ҳамсаратон дар бораи хусуру хушдоман баҳс мекунед?

Ҳа______________________ Не________________________

**2. ДИН**

(1) Шумо бо асосҳои ақидаи Библия розӣ ҳастед?

Ҳа______________________ Не______________________

(2) Шумо бо ҳамсаратон дуо мекунед?

Ҳа______________________ Не______________________

(3) Шумо бо ҳамсаратон ба калисо меравед?

Ҳа______________________ Не______________________

(4) Шумо дар бораи интизоми фарзандон баҳс мекунед?

Ҳа______________________ Не______________________

(5)Шумо ва ҳамсаратон дар бораи мақсади Исо дар ҳаёт гуфтугӯ кардед ва чӣ хел шумо ба ин нақша муносиб ҳастед?

Ҳа______________________ Не______________________

**3. ПУЛ**

(1) Оё шумо дар масъалаи молиявӣ ягон таъсир ё фишор ҳис мекунед?

A. Ҳар рӯз_____ B. Тез-тез______ C. Кам-кам______

(2) Оё ҳамсарат пули зиёде сарф мекунад?

Ҳа______________________ Не________________________

(3) Оё шумо мувофиқи буҷои оилавӣ пулро сарф мекунед?

Ҳа______________________ Не________________________

(4) Оё шумо барои пул баҳс мекунед?

Ҳа______________________ Не________________________

Агар Ҳа: Тезутунд________ Миёна______ Дӯстона_______

(5) Оё шумо даромади худро аз они худ ҳисоб мекунед ва онро бо майли худ сарф мекунед, ва даромади ҳамсаратонро аз они ӯ ҳисоб карда, розӣ ҳастед он чӣ хеле ки майл дорад, сарф намояд?

Ҳа______________________ Не______________________

**4. АЛОҚАИ ҶИНСӣ**

(1) Чун шумо ба воя расидед, фикр кардед, ки алоқаи ҷинсӣ як кори бад ё ифлос ҳаст?

Ҳа______________________ Не______________________

(2) Назари ҳозираи шумо ба алоқаи ҷинсӣ чӣ хел ҳаст?

А. Вазифа_____________ Б. Изҳори муҳаббат____________

В. Худхурсандкунӣ________ С. Тоб меорем_____________

(3) Оё ҳамсарат ҳиссиёти шаҳвонии шуморо медонад?

Ҳа________________________ Не_______________________

(4) Шумо доир ба алоқаи ҷинсӣ ягон норозигӣ доред?

А. Зуд-зуд_______ Б. Баъзе вақтҳо______ В. Гоҳ-гоҳ______

А. Тезутунд______Б. Миёна___________ В. Осон________

(5) Шумо рашкманд ҳастед?

А. Зуд-зуд_________ Б.Гоҳ-гоҳ_______ В. Ҳеҷ гоҳ________

(6) Шумо дар бораи рашк баҳс доштед?

А. Тезутунд _______________ В.Миёна_________________

---

**ХУСУРУ ХУШДОМАН**

Дар ибтидои офариниш, баъд аз он ки Худо Одаму Ҳаворо офарид, ӯ гуфт, *Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст; ва як тан хоҳанд буд.* Ҳастӣ 2:24

Вақте ки ду кас издивоҷ мекунанд, онҳо бояд падару модари худро тарк кунанд. Ин он маънӣ надорад, ки падару модарашонро дигар ҳурмату эҳтиром накунанд. Рӯшан аст, ки як хона барои ду оила – волидайн ва фарзандони оиладори онҳо кофӣ нест – агар ҳар оила мехоҳад шодию хурсандӣ ва инкишофи бештаре дошта бошад.

**ДИН**

Муҳим аст, ки зану шавҳар як дин дошта бошанд. Агар дар ин масъала ҷудоӣ аст, фаъолияти хуб дар ҷанбаҳои дигари ҳаёт душвор аст. Библия мегӯяд. *Зери юғи бегона бо якҷоягии беимонон сар хам накунед. Зеро ки адолат бо шарорат чӣ алоқае дорад? Ва нур бо зулмот чӣ умумияте дорад? Масеҳ бо бидъат чӣ созгорӣ дорад? Ё имондор бо беимон чӣ ширкате дорад?* 2 Қӯринтиён 6:14-15

Агар яке аз ҳамсарон аз олами боло таваллуд ёфт, ӯ бояд саъю кӯшиш кунад, ки ҳамсарашро наҷот диҳад. Фақат он вақт онҳо оилаи масеҳӣ метавонанд дошта бошанд, агар ҳар ду аз олами боло таваллуд ёбанд. Вақте ки дар дин бо ҳам розӣ нестанд, барои фарзандон хеле душвор аст, ки як роҳи рӯҳонӣ дошта бошанд.

**ПУЛ**

Оилаи масеҳӣ бояд он пулҳоеро, ки мегиранд хирадмандона сарф кунанд. Аз болои пулҳо бояд хоҷа шуд, на ин ки пул хоҷаи шумо шавад.

Баъзе нуқтаҳо доир ба комёбиҳои пулии оила инҳо ҳастанд:

1. Аз даҳ як қисмро ба Худо бахшед (Дар Библия онро даҳяк меноманд).

2. Буҷаро тартиб диҳед ва онро риоя намоед.

Мувофиқи даромади худ зиндагӣ кунед. Вақте ки кас аз даромад дида зиёдтар сарф мекунад, ин сабаби мухолифатҳо дар муносибати оилавӣ мешавад.

**АЛОҚАИ ҶИНСӣ**

*Бигзор шавҳар вазифаи заношӯиро нисбат ба зани худ ба ҷо оварад; ҳамчунин завҷа нисбат ба шавҳари худ. Завҷа бар ҷисми худ ихтиёрдор нест, балки аз они шавҳар аст; ҳамчунин шавҳар бар ҷисми худ ихтиёрдор нест, балки аз они завҷа аст. Аз якдигар канорагирӣ накунед, магар ба муддате, бо ризогии ҳар ду, то ки ба рӯзаву дуо шугл кунед ва аз нав якҷоя шавед, то ки шайтон шуморо, ба сабаби худдорӣ карда натавонистанатон, ба васваса наандозад.*

1 Қӯринтиён 7:3-5

Нисбати алоқаи ҷинсӣ ду нуқтаи назари ифротӣ мавҷуд ҳастанд, ки дар оила нооромӣ ба вуҷуд меорад. Яке аз ин фикрҳо чунин аст, ки алоқаи ҷинсӣ кори бад аст ва онро ҳамчун вазифа иҷро кунем ва ба он тоқат кунем. Дар бисёр фарҳангҳо ин бештар фикри занҳо мебошад. Инсон бо чунин нуқтаи назар наметавонад пурра муҳаббати худро ба ҳамсараш изҳор кунад. Нуқтаи назари дигари ифротӣ нисбати алоқаи ҷинсӣ он аст, ки он ҳамчун воситаи қонеъ кардани ҳиссиёти шаҳвонии худ мебошад. Ин фикр бисёртар дар байни мардҳо роиҷ аст. Ин фикрҳо алоқаи ҷинсиро паст мекунад ва ба ҳамсар ҳамчун ба як чиз барои қонеъ гардондани ҳисси шаҳвонӣ муносибат мекунад. Ин худпарастист. Ин роҳи изҳори муҳаббат нест.

Алоқаи ҷинсӣ ин атои Худододагӣ аст. Он муқаддас аст. Худо муносибати ҷинсиро дода буд, то ин ки одамони оиладор тавонанд бо роҳӣ нисбатан маҳрамона бигӯянд “ Ман туро дӯст медорам”. Ҳамчунин алоқаи ҷинсӣ барои он дода шудааст, ки насли одамият зиёд шавад.

Дар хотима ин  порчаи зер аз Библия хулосаи зебои муносибати оилавӣ мебошад.

*Дар тарси Худо мутеи якдигар шавед. Эй занон, мутеи шавҳарони худ шавед, мисли он ки ба Худованд бошад. Чунки шавҳар сари зан аст, чунон ки Масеҳ сари Калисо ва Наҷотдиҳандаи бадан аст.* Эфсӯсиён 5:21-23

Вақте  дар чор ҷанбае, ки дар ин ҷо омадааст бо муқобилият рӯ ба рӯ мешаванд, муҳим аст, ки зану шавҳар ин мушкилиҳоро бо дуоҳо паси сар намоянд. Баъзе одамони оиладор фикр мекунанд, ки издивоҷ ҳамаи мушкилиҳоро ҳал мекунад, вале бисёр вақт мушкилиҳои нав пайдо мешаванд. Дар ҳар ҷанбае, ки дар ин дарс зикр шудаанд, мухолифатҳо ногузир ҳастанд, вале ин мухолифатҳо набояд ба муносибати оилавӣ осебе расонанд. Дар ҳар муносибати оилавӣ гӯш кардан, фаҳмидан ва тезӣ зарур аст. Зану шавҳар метавонанд заношӯии масеҳиро дошта бошанд, вақте ки Исо сарвари оила аст.

## БОБИ 28

## ЧӢ ХЕЛ МАН БОЯД ФАРЗАНДОНАМРО ҶАЗО ДИҲАМ?

Аз ҳама пеш ин бояд чунин фаҳмида шавад, ки барои фарзандон чӣ хел ҷазо зарур аст.

Боинтизом кардани фарзандон вазифаи волидайн аст.

Кӯдакони беинтизом бисёр вақт калонсолони беинтизом мешаванд.

Интизом чизҳои зерро дар бар мегирад: омӯзондан

ислоҳ кардан

ҷазо додан

танбеҳ додан

инкишоф

тарбият

**Библия дар бораи интизоми кӯдакон чӣ мегӯяд?**

*Ва ту Худованд Худои худро бо тамоми дили худ, ва бо тамоми ҷони худ, ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор. Ва ин суханон, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, бигзор бар дили ту бошад. Ва онҳоро ба писаронат талқин бикун, ва ҳангоми нишастанат дар хонаи худ, ва ҳангоми роҳ рафтанат, хобиданат ва бархостанат дар бораи онҳо гуфтугӯ намо.* Такрори шариат 6:5-7

Якчанд ҳақиқатҳои муайян ҳастанд, ки падару модар бояд ба кӯдаконаш таълим диҳанд. Ин маънои онро дорад, ки падару модар бояд донанд, ки Библия чӣ таълим медиҳад, агар онҳо мехоҳанд, фарзандонашонро дар роҳи дуруст  тарбия кунанд. Порчаи болоӣ аз Навишта мегӯяд, ки

таълимоти рӯҳӣ, ҳақиқатҳои Библия, хурсандии ҳаррӯза ва ҳама ҷои оила мебошад. Волидон хато мекунанд, агар ин вазифаро ба гардани калисо бор кунанд.

*Эй фарзандон, ба падару модари худ дар Худованд итоат намоед, зеро ки ин аз рӯи инсоф аст. Ва шумо, эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, балки онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед.* Эфсӯсиён 6:1,4

Аз ин оятҳо мо меомӯзем ки:

1. Кӯдакон бояд ба падару модар итоат кунанд.

2. Падару модар бояд кӯдаконро қаҳрӣ накунанд.

3. Падару модар бояд кӯдаконро бо интизом ва дастурҳои масеҳӣ ба воя расонанд.

Яъне падару модар бояд кӯдакони худро мувофиқи меъёрҳои Библия роҳнамоӣ кунанд ва кӯдаконро ба фаҳмиш ва пазируфтани таълимотҳои Библия ҳидоят кунанд.

Ҳар падару модар вазифадор аст, на танҳо Каломи Худоро барои худ омӯзад, балки ҳамчунин барои некӯаҳволии кӯдакони худ аз худ кунад. Падаре, ки Библияро нахондааст, он хел падаре, ки будан мехоҳад, нахоҳад шуд.

Навиштаҳои иловагӣ нисбати интизом:

*Писари бохирад насиҳати падарро қабул мекунад, вале масхарабоз итобро намешунавад. Касе ки чӯбро дареғ дорад, писари худро дӯст намедорад, вале касе ки ӯро дӯст дорад, аз бачагиаш ҷазо медиҳад.* Масалҳо 13:1, 24

*Бачаро бо роҳе, ки ба ӯ мувофиқ аст, тарбият намо, пир шавад ҳам, аз он дур намешавад. Беақлӣ ба дили навҷавон баста шудааст, чӯби адаб онро аз вай дур мекунад.*

Масалҳо 22 : 6,15

*Аз бача ҷазоро дареғ надор, агар ӯро бо чӯб занӣ, намемирад. Ту ӯро бо чӯб мезанӣ, ва ҷони ӯро аз дӯзах халос мекунӣ.* Масалҳо 23:13-14

*Чӯби адаб ҳикмат мебахшад, вале бачаи беназорат модари худро нангин мекунад.* Масалҳо 29:15

**Баъзе кӯмакҳо дар интизом:**

1. Падар ва модар бояд дар чӣ хел боинтизом кардани кӯдак бо ҳам розӣ бошанд.

2. Интизом бояд барвақт сар шавад.

3. Падару модар бояд кӯдакро назорат кунанд. Кӯдак бояд падару модарро назорат накунанд.

Чӣ хел кӯдакон падару модарро назорат мекунанд? Онҳо бадқаҳру хашмгин мешаванд, агар мувофиқи хости онҳо кор накунанд. Агар падар ё модар суст ҳастанд, кӯдакон медонанд, ки бо гиряву нолаи баланд метавонанд ба мақсади худ расанд. Кӯдак бо ҷаҳидан ба болою поён ва фарёдкунӣ ба муқобили ҳокимияти падару модар мебарояд. Ӯро бояд бо суботкорӣ ва эътибори худ ором намуд. Зӯрӣ ва ғазабҳои ҳиссии зӯрӣ ва ғайриназорат бисёртар дар байни калонсолон ва наврасон дида мешавад, ки назорат кардани ҳиссиёти худро омӯхтагӣ набуданд, вақте ки онҳо хурдсол буданд.

4. Интизом бояд бо муҳаббат омӯхта шавад.

Падар ё модар бояд кӯдакро назанад, агар қаҳр ҳам карда бошад. Ӯ бояд кӯдакро тарсонад ва  баъд қаҳрашро хомӯш кунад. Баъди қаҳрро фурӯ бурдан, падар ё модар бояд ба кӯдак фаҳмонад, ки барои чӣ задани кӯдак лозим аст ва бо сахтгирӣ кӯдакро ба роҳи рост дарорад. Кӯдаке, ки бояду шояд адаб дода шуда бошад, ба ҷазои тез-тез эҳтиёҷ надорад. Як ҷазои сахт хуб аст, аз он ки кӯдакро кам ҷазо медиҳӣ, ки маънои ҳеҷ чизро дорад, бо вуҷуди ӯро дӯст доштан, шумо ӯро ҷазо хоҳед дод.

5. Ҷазои хуб бояд суботкорона бошад.

Тез-тез кӯдакро бо рӯзнома задан фақат хашмгин мекунад. Ин ҷазо нест.

Вақте ки падар ё модар ба кӯдак иҷро кардани чизеро фармояд, ӯ бояд иҷро кунад. Агар кӯдак ба муқобили волидон барояд ва он чизеро, ки падар ба ӯ гуфта буд иҷро накард, падар бояд бо ҳокимият ва сахтгирона амал кунад. Кӯдак бояд аз синни хурдсолӣ ба волидайн итоат кунад, агар ӯ ҳамчун шаҳрванди мутеъи қонун ба воя расад.

6. То чӣ андоза ман кӯдакро ҷазо диҳам.

То он андоза сахтгирона, ки ӯро маҷбур созад то кори фармударо иҷро кунад. (вале сабаби захмӣ шудан нашавад). Ҷазо – ҷазо ҳисоб намешавад, агар он ҷо дард бошад. Агар волидон ба кӯдак гӯянд, ки дар шоҳроҳи сермошин бозӣ накунад ва кӯдак ба гапашон гӯш накунад, волидон бояд ӯро ҷазо диҳанд, то он андозае сахтгирона, ки агар кӯдак бори дигар он ҷо бозӣ карданӣ шавад, ӯ ҷазоро ба хотир оварда аз раъяш гардад. Ана ин ҷазои таъсирбахш аст.

*Писари худро ҷазо деҳ, ҳанӯз ки умеде ҳаст, ва аз гиряи ӯ ҷони худро накоҳон.* Масалҳо 19:18

БОБИ 29

КАДОМ УНВОНҲОРО МО БОЯД ИСТИФОДА КУНЕМ, ВАҚТЕ КИ БА САРВАРОНИ ДИНӣ МУРОҶИАТ МЕКУНЕМ?

Исо ба оммаи халқ ва ба шогирдонаш дар бораи сарварони динии он давраина чунин гуфт, *Ҳамаи корҳои худро барои он мекунанд, ки ба мардум нишон диҳанд: дуо-қуттичаҳои худро васеътар мекунанд ва пӯпакҳои ридоҳои  худро калонтар месозанд. Ва дӯст медоранд, ки дар зиёфатҳо болонишин бошанд ва дар курсиҳои аввали куништҳо ҷойгир шаванд. Ва дар кӯчаю бозорҳо мардум ба онҳо таъзим кунанд ва онҳоро "Устод! Устод!" гӯянд. Лекин шумо набояд устод хонда шавед, зеро ки устоди шумо якест, яъне Масеҳ аст, ва ҳамаи шумо бародаронед. Ва ҳеҷ касро бар замин падари худ нахонед, зеро ки Падари шумо якест, ки дар осмон аст. Ва набояд роҳнамо хонда шавед, зеро ки Роҳнамои шумо якест, яъне Масеҳ аст. Бузургтарини*

*шумо хизматгори шумо бошад. Зеро ҳар кӣ худро баланд кунад, паст гардад; ва ҳар кӣ худро фурӯтан созад, сарафроз гардад.* Матто 23:5-12

Исо муқобили сӯъистифода аз унвонҳои динӣ буд. Ин нодуруст аст, ки сарвари диниро падар, ҳазрат, усқуф, кардинал, роҳиб ва ё бо дигар унвонҳое, ки одамро боло мебардоранд, ном барем. Одам набояд ҷалол дода шавад. Танҳо Исо сазовори таҷлилу ситоиш мебошад.

Ин маънои онро надорад, ки мо сарварони диниро ҳурмату эҳтиром накунем. Мо бояд онҳоро ба мисли дигар бародарон ва хоҳарони дар имон ҳурмат кунем.

Одамонеро, ки эҳтиром ва эътирофи махсусро талаб мекунад, қобили таассуф аст. Рӯҳи онҳо аз Масеҳ нест.

Кори роҳиби вазифаи Худододагӣ аст ва имондор бояд фаҳмад, ки Худо одамони муайянеро даъват кардааст, ки кори роҳибиро пеш баранд. Мо бояд кори ӯро кам накунем, вале роҳиб набояд худро бо истифода аз унвони худ аз дигар аъзоёни калисо баланд гирад.

**Илова ба суханҳои Исо, Библия дар бораи истифодаи унвонҳо барои сарварони рӯҳонӣ боз чӣ мегӯяд?**

“Бародар”- истилоҳе буд, ки дар Аҳди Ҷадид ҳангоми муроҷиат ба ҳаммазҳабон ба кор бурда мешуд. Баъд аз он ки Павлус гаравид, ба ӯ ҳамчун ба “Бародар” муроҷиат мекарданд. Дар Аъмол 9:17 чунин омадааст, Ҳанониё рафта, ба он хона даромад ва даст бар ӯ гузошта, гуфт: *“Эй бародар Шоул! Исои Худованд, ки дар роҳе ки меомадӣ, бар ту зоҳир шуд, маро фиристод, то ки боз бино гардӣ ва аз Рӯҳулқудс пур шавӣ”.* Аъмол 9:17

Павлус худро бародари дигар шогирдони Исо ҳисоб мекард. Дар 1 Қӯринтиён 3:1, Павлус ба имондорони Қӯринтӯс мегӯяд, *Ва ман, эй бародарон…* Боз ӯ дар 1 Қӯринтиён 14:6 мегӯяд, *Ва акнун, эй бародарон, агар назди шумо биёяд…* Дар Филиппиён 2:29, Павлус дар бораи шахсе, ки ӯро назди имондорони Филиппӣ фиристода буд, чунин мегӯяд, *Пас ӯро ҳамчун бародар дар Худованд бо камоли хурсандӣ пазироӣ намоед, ва чунин одамонро қадрдонӣ кунед…* Дар тамоми навиштаҳои Павлус ӯ калимаи "бародар"-ро ҳангоми муроҷиат ба имондорони дигар истифода бурд.

Павлус  ҳеҷ гоҳ унвони диниро истифода намекард. ӯро ҳеҷ гоҳ "Падар Павлус", ё "Ҳазрати Павлус", ва ё "Роҳиб Павлус" ном набурданд.

Ҳеҷ кас аз шогирдони Исо унвонҳои диниро ба кор намебурданд. Яъқуб роҳиби калисои Иерусалим буд, вале мо дар Библия "Ҳазрати Яъқуб" намехонем.

Кофӣ аст гуфтан, ки Библия истифодаи унвонҳои махсусро барои сарварони динӣ таълим намедиҳад ва тақдир намекунад. Исо муқобили ин буд.

**ЧАРО ИН МУҲИМ АСТ?**

Вақте ки Исо чунин истифодаи унвонҳои диниро дар Матто 23 овардааст, ӯ хатари истифодаи чунин унвонҳоро медонист. Омӯзиши ин боб ошкор мекунад, ки ин хатарҳо кадомҳоянд.

Исо дар бораи ҳисси бартарӣ онҳоеро, ки аз ном бурдани “Падар” лаззат мебурданд, навишта буд. Исо хатари ҳавобаландиеро, ки одам худро бо доштани чунин унвонҳои махсус аз дигарон боло мегирад, дид. Ӯ хатари канда шудани алоқаи сарварони динӣ ва оммаи халқро дид. Ин он вақт рӯй медиҳад, ки байни сарварон ва аъзоён рахнае вуҷуд дорад. Ин рахна бузургтар мешавад, агар як одам худро аз болои одамони дигар боло мегирад.

**Истифодаи “Бародар” дар Аҳди Ҷадид ва ҳозир.**

Сарварони динӣ дар Аҳди Ҷадид ин истилоҳро барои муроҷиат ба дигар имондорон ба кор мебурданд. Дар истифодаи ин истилоҳ ҳеҷ хатаре нест, чунки он ба мо дар бораи муносибати махсуси байни имондор нақл мекунад, аз сабаби Исои Масеҳ имконпазир гашт.

Ҳозир, вақте ки мо сухани “бародар”-ро истифода мебарем, он муносибати махсуси байни имондоронро тасвир мекунад. Ин муносибати махсус ба воситаи меҳрубонӣ ва фазилат ба миён намеояд. Дар ин ҷо ҳеҷ чиз барои мағрурӣ нест, ба ғайр, аз табиати нав, ки ба воситаи имон ба Исо имконпазир гашт. Бинобар ин вақте ки имондор имондори дигарро “бародар” ном мебарад, ин дар бораи муносибат гап мезанад, ва ҳамду сано фавран ба Исои Масеҳ мерасад, ки ӯ сарчашмаи муносибат аст.

Барои он касе, ки инро мефаҳмад, аз ин ҳурмату эҳтироми олӣ нест, чунки мо барои ҷалоли Исо зиндагӣ мекунем. Ба касе бо унвонҳои Падар ё Ҳазрат муроҷиат кардан, таҳқири калонест барои он касе, ки танҳо як Нафарро – Исоро интихоб кардааст.

Шумо метавонед бигӯед, “Истифодаи унвон фарҳанг аст”. Имондор набояд бар тибқи меъёрҳои фарҳангӣ зиндагӣ кунад; ӯ бояд бо меъёрҳои Каломи Худо зиндагӣ кунад.

**Роҳиби худамонро чӣ хел ном барем?**

Дар миёни имондорон онҳоро бо ном ё “Бародар_________” ном баред. Агар шумо дар байни беимон ҳастед, ӯро “Ҷаноб________” ном баред. (Танҳо имондорон истилоҳи Библиявии “Бародар”-ро мефаҳманд ва қадр мекунад”. Онро миёни беимонон истифода бурдан бефоида аст. Дар тамоми ҷаҳон “Ҷаноб” (мг.) унвони қабулшудаи дунявӣ барои эҳтиром мебошад.

Агар шумо роҳиби худро ба гурӯҳи имондорон муаррифӣ мекунед, шумо метавонед бигӯед, “ Ман ба шумо Бародар Хуан Реесро шинос мекунам, ки роҳиби калисои __________ мебошад”.

Ин муаррифӣ муносибати махсусеро, ки Исоро баланд мебардорад, ошкор мекунад ва дар айни замон бахшоиши кореро, ки роҳиб ба ҷо меорад, баланд ва ошкор мекунад.

Агар роҳибро ба гурӯҳи беимонон муаррифӣ мекунед, чунин бигӯед, “Ман ба шумо Ҷаноби Хуан Реес, роҳиби калисои____________шинос мекунам”.

**ХУЛОСА**

Агар мо бар тибқи Библия кунем, мо бояд рутбаҳои динии инсон сохтаро инкор кунем ва унвонҳои диниро истифода набарем. Мақому манзалатҳо дар дини Масеҳии Аҳди Ҷадид ҷо надоранд. Ин мақому манзалатҳо он вақт пайдо шуданд, ки сарварони динӣ мақому ҳамду санои баландро талаб мекарданд, ва он ба қудрати берун аз назорат ва ба ҷамъ кардани сарват аз ҳисоби одамони оддӣ оварда расонд. Чӣ хел хуб

аст дидани одами фурӯтан, ки ягон унвони махсусро талаб намекунад. Ин одам ҳақиқатан ҳам дар Исо озод аст.

## БОБИ 30

## КАЛИСО ЧИСТ?

Исои Масеҳ гуфт, *"Ман калисои Худро бино мекунам, ва дарвозаҳои дӯзах бар он голиб нахоҳад шуд"*. Матто 16:18. Эҳтимол тасвири бузургтарини калисо дар китоби Эфсӯсиён дида мешавад. Павлус калисоро ҳамчун ҷисми зинда ва пурқудрати Исо тасвир мекунад.

Калисо ин ташкилот мебошад, вале он бештар аз ташкилот аст. Одам наметавонад калисоро созмон диҳад ё нигоҳдорӣ кунад, танҳо ба василаи Исои Масеҳ ин кор имконпазир аст.

Калисо на танҳо асли Худоӣ дорад, балки оянда ва мақсадҳояш чунин ҳастанд.

Калисо метавонад дар ҷое, ки одам сохтааст ҷамъ шаванд, вале калисо бештар аз иморатест, ки он ҷо вохӯриҳо баргузор мегарданд.

Вақте ки дар бораи калисо сухан мекунем, мо мафҳуми калисоро мувофиқи Аҳди Ҷадид дар назар дорем. Мафҳуми Калисо мувофиқи Аҳди Ҷадид чист?

КАЛИСО ҲАМЧУН ҶИСМИ МАСЕҲ

(Дар асоси Номаи Павлус ба Эфсӯсиён.)

**1. Калисо ба нақшаи ҷовидонии Худо муносибат дорад.**

Худо барои олам ва ҳамаи одамон нақша дорад. Дар бораи ин мо дар Эфсӯсиён мехонем. *Чунон ки моро пеш аз таъсири ҷаҳон дар ӯ  баргузидааст, то ки ба ҳузури ӯ дар муҳаббат муқаддас ва беайб бошем. Моро пешакӣ муайян намудааст, ки ба василаи Исои Масеҳ бар тибқи салоҳдиди иродаи Худ, ба фарзандӣ қабул кунад, ки онро ӯ ба мо ба фаровонӣ ато намудааст, ҳамроҳи ҳар ҳикмат ва хирадмандӣ. Сирри иродаи Худро ба мо маълум кардааст, бар тибқи салоҳдиди Худ, ки пештар дар ӯ барқарор намуд. Вақте ки пуррагии замонҳо муяссар гардад, Худо ҳама чизро, хоҳ дар осмон бошад, хоҳ бар замин, зери сардории Масеҳ, яъне дар ӯ ҷамъ хоҳад кард. Мо низ дар ӯ, ки ҳама чизро бар тибқи азми иродаи Худ ба амал меоварад, мувофиқи таъиноти ӯ пешакӣ муайян шуда будем. То мо, ки пештар ба Масеҳ умед бастаем, барои ҳамду санои ҷалоли ӯ вуҷуд дошта бошем.* Эфсӯсиён 1:4-5, 8-12

Ҳамчунин дар Эфсӯсиён 3:9-11 мо мехонем, *Ва ба ҳама равшан намудан мехоҳам, ки чист ваколати сирре, ки аз азал ниҳон буд дар Худое, ки ҳама чизро ба василаи Исои Масеҳ ба вуҷуд овард. То ки ҳоло ба воситаи Калисо ба сарварон ва ҳукуматдороне ки дар афлоканд, ҳикмати гуногуншакли Худо маълум гардад. Мувофиқи таъиноти азалӣ, ки онро ӯ дар Худованди мо Исои Масеҳ ба амал овардааст.*

Идеяи калисо нав нест; ин аз бисёр таърихи заминӣ қадимтар аст. Ин қисми нақшаи ҷовидонии Худо барои офариниш мебошад. Ба калимаҳои нақша, ҷовидонӣ, мақсад ва ба воситаи калисо, ки дар оятҳои болоӣ зикр шудаанд, диққат диҳед. Калисо дар мақсади Худо хеле муҳим аст. Худо медонад, ки таърих ба куҷо меравад. Ӯ медонад халқҳо ба куҷо

мераванд. ӯ ибтидо ва интиҳои инсоният ва заминро медонад. Калисо як қисми ин нақша аст.

**2. Масеҳ сари калисо аст.**

*Болотар аз ҳар сарварӣ, ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат, ва салтанат, ва ҳар номе, ки на танҳо дар ин олам, балки дар олами оянда низ хонда мешавад. Ва ҳама чизро зери пойҳои ӯ тобеъ намуд, ва ӯро чун сари ҳама чиз ба Калисо дод. Ки он Бадани ӯст, пуррагии ӯст, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад.* Эфсӯсиён 1:21-23

Ҳамчунин дар Қӯлассиён 1:18 чунин омадааст, Ва ӯ сари бадан, яъне Калисост, ӯ навбар ва нахустзода аз мурдагон аст, то ки дар ҳама чиз ӯ аввалин бошад". Исо ташкилкунанда, тарроҳ ва меъмори калисо мебошад.

**3. Калисо сарчашмаи чунин амалҳои калисо:**

**Омурзиш**

Эфсӯсиён 2:1-10-ро хонед. Ояти якум мегӯяд, "*Шумо ба сабаби хатоҳо ва гуноҳҳои худ як вақте мурда будед". Ояти чор чунин мегӯяд, Аммо Худои пур аз марҳамат…"*

**Осоиштагӣ**

*Зеро ки ӯ осоиштагии мост…* Эфсӯсиён 2:14

**Қудрат**

*Ва бузургии қудрати ӯ дар мо, ки имон дорем, чӣ гуна аз ҳад берун аст. Он қудрат аз рӯи амали қуввати азими ӯст. Ки дар Масеҳ амал кардааст, вақте ки ӯро аз мурдагон эҳё намуд ва ба ямини Худ дар афлок шинонд.* Эфсӯсиён 1:19-20

**4. Калисо як бадан бо бисёр қисмҳои корӣ**

**Як бадан**

Павлус дар бораи як бадан ва ваҳдати ин бадан сухан мекунад. *Ва саъю кӯшиш кунед, ки ягонагии Рӯҳро дар иттифоқи осоиштагӣ нигоҳ доред. Як Бадан ҳаст ва як Рӯҳ, чунон ки шумо низ ба як умеди муайян даъват шудаед.*

Эфсӯсиён 4:3-4

*Павлус имондоронро тақдир мекунад, ки ваҳдатро ҳифз намоянд ва асрори онро мегӯяд. Бо тамоми мулоимат ва фурӯтанӣ ва пурсабрӣ якдигарро дар муҳаббат таҳаммул намоед.* Эфсӯсиён 4:2

Доир ба қисмҳои корӣ Павлус дар Эфсӯсиён 4:7,16 менависад. *Аммо ба ҳар яке аз мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида шудааст. Аз ӯ тамоми Бадан, ба воситаи ҳар навъ пайвандҳои тақвияткунанда мустаҳкам ва пайваст шуда, бо амали ҳар андоми ҷудогона ба андозаи хоси он, афзоиш меёбад, то ки худро дар муҳаббат бино кунад.*

**5. Ҳар аъзои калисо кори махсусеро дорад, ҳамчун як қисм аз ҳаёти умуми калисо**

Нисбати калисо Павлус мегӯяд, *Аз ӯ тамоми Бадан, ба воситаи ҳар навъ пайвандҳои тақвияткунанда мустаҳкам ва пайваст шуда, бо амали ҳар андоми ҷудогона ба андозаи хоси он, афзоиш меёбад, то ки худро дар муҳаббат бино кунад.* Эфсӯсиён 4:16

**Калисо чист?**

Ин оилаи Худои имондорон аст. Ин иҷрокунии кори Масеҳ – бадани Масеҳ мебошад.

Оё ҳамаи одамон аъзои ин оила ҳастанд? Не. Библия мегӯяд. *ӯ назди мансубони Худ омад, ва мансубонаш ӯро қабул накарданд. Лекин ба онҳое, ки ӯро қабул карданд ва ба исми ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд.* Юҳанно 1:11-12

Ин оятҳо нишон медиҳанд, ки баъзе одамон қисми ин оила ҳастанд ва баъзеҳо нестанд. Ҳамчунин ин таълим медиҳад, ки онҳое ба ӯ имон оварданд ва ӯро қабул карданд, фарзандони Худо ҳисоб мешаванд. Барои қисми калисо ё бадани Масеҳ будан, кас бояд ба Исо ҳамчун ба Наҷотдиҳанда ва Худованд дар ҳаёти ҳаррӯза имон орад.

КАЛИСОИ МАҲАЛЛӣ

(Мувофиқи Аъмоли Ҳаввориён)

Нуқтаи назари Эфсӯсиён дар бораи калисо ба нуқтаи назари Аъмол мухолиф нест. Эфсӯсиён назари дурре аз таърих тақдим мекунанд ва дар бораи он ки чӣ хел ҳамаи имондорон ба Масеҳ ва Малакути Худо

муносибат доранд, нақл мекунад. Аъмол назари наздикро дар бораи гурӯҳи маҳаллӣ (як минтақаи ҷуғрофӣ)-и имондорон, ки як қисми бадани Масеҳ ҳастанд, маълумот медиҳад. Китоби Аъмол ба монанди дигар китобҳои Аҳди Ҷадид, диққати ибтидоиро ба калисои маҳаллӣ медиҳад.

**Он панҷ ҳақиқате, ки ба калисо ҳамчун бадани Масеҳ дахл дорад, ба калисои маҳаллӣ низ дахл дорад.**

Калисои маҳаллӣ, ки дар асоси принсипҳои Аҳди Ҷадид аст, ба абадият муносибат дорад. Ин қисми нақшаи Худо барои олам аст. Ин гурӯҳи имондорон мебошад, ки вазифадоранд дар Малакути васеъшудаи Худо ба воситаи бо беимонон бо ҳам дидани имони худ ширкат варзанд.

Калисои маҳаллӣ **Исоро ҳамчун сарвари гурӯҳ** эътироф мекунад.

Калисои маҳаллӣ мефаҳмад, ки **Исо ягона сарчашмаи омурзиш, осоиштагӣ ва қудрат мебошад.**

Калисои маҳаллӣ дар байни аъзоён ягонагӣ ва муттаҳидӣ дорад, ҳарчанд дар байни аъзоён одамони дорои маҳорату малакаи гуногун ҳастанд.

Калисои маҳаллӣ мефаҳмад, ки ҳамаи қисмҳои бадан – ҳар аъзо – бояд амал кунад, ва барои аъзогии пурра барои рушд кори худро кунад.

Аз омӯзиши бобҳои аввали Аъмоли Ҳаввориён мо мебинем, ки калисои маҳаллӣ ин:

Гурӯҳи одамоне, ки аз гуноҳҳои худ рӯ гардонданд ва пурра ба Исо ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд имон оварданд. Баъд онҳо бо ғута задан дар об таъмид ёфтаанд. Ин одамон ҳамчун аъзоёни оилаи Худо мунтазам вомехӯранд. Онҳо дар дуо, ҳамду сано, ва омӯзиши Библия барои мақсадҳои муайяни ҷалолдиҳии Масеҳ ва васеъкунии Малакути ӯ рафоқат мекунанд. Ин Калисо аст.

**Ин гурӯҳе, ки калисо номида мешавад бештар аз ташкилоти иҷтимоӣ мебошад. Он махсус аст, барои он ки:**

1. Рӯҳулқудси Худо гурӯҳи одамонро ҷамъ кард. Аъзоёни гурӯҳро “ даъватшудаҳо” бо мақсади махсус меноманд. (Калимаи юнонии Аҳди Ҷадид барои онҳое, ки калисои аввалинро бунёд карданд, Экклесиа”, яъне “даъватшудагон” мебошад).

2. Дар байни аъзоён иттиҳоди махсусе мавҷуд аст, ки ба воситаҳои ғайритабиӣ меояд. Койнониа – калимаи юнонӣ мебошад, ки ин муносибати махсусро байни имондорон тасвир мекунад. Ин муносибати Масеҳӣ аст.

3. Садоқати умумӣ вуҷуд дошт. Дар Аъмол мо мебинем, ки асрори қудрати калисои аввалин садоқати онҳо ба инҳо буд:

*Худованди зинда (Аъмол 1:3)

Дар байни имондорон шубҳа набуд, ки Масеҳ эҳё шуд ва зинда буд.

*Мавҷудият ва қудрати Рӯҳулқудс (Аъмол 1:4-5)

Онҳо бахшоиши ваъдакардаи Худо-Рӯҳулқудсро пазируфтанд.

* Баргашти дуюмбораи Исои Масеҳ (Аъмол 1:10-11)

Ин се ҳақиқати бузург бунёди ақидавии калисои аввалинро ташаккул медиҳанд ва онҳо дар китоб Аъмол чанд бор зикр шудаанд. Имондорон мувофиқи инҳо амал мекарданд, чунки онҳо ба ин се ҳақиқат боварии мустаҳкам доранд. Онҳо идеологияи умумӣ, фалсафаи умумиро оид ба ҷои халқи Худо дар рушди таърих доранд. Зиндагӣ ин бештар аз мавҷуд будан, бештар аз зиндагӣ кардан, бештар аз доштани оилаи заминӣ аст: ин будани як қисми оилаи ҷовидонии Худо мебошад.

4. Онҳо вазифаи умумӣ доштанд. Онҳо барои зиндагӣ кардан ва агар лозим шавад, барои мурдан сабаб доштанд. Аъмол 1:8 ба мо дар бораи ин вазифаи зиндагӣ чунин мегӯяд. *"Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд"*

Ба ҳам дидани Худованди зинда дар қудрати Рӯҳулқудс барои онҳо сабаби зиндагӣ шуд. Ин вазифаи онҳо дар зиндагӣ буд. Ҳамаи он чизеро, ки онҳо карда буданд, ба ин вазифа муносибат дошт. Онҳо вохӯрданд, то ки бо ҳам бинанд. Онҳо вохӯрданд, то ки дуо кунанд. Онҳо вохӯрданд, то ки омӯзанд. Онҳо вохӯрданд, то ки бо ҳам кор кунанд. Ҳамаи вохӯриҳо ва ташкилотҳои онҳо ба истифодаи самараноки Хабари Хуши Худованди Зинда муносибат доранд. Баёни далеронаи Хабари Хуш ҳамеша натиҷаи дуо ва бародарӣ аст. Калисо қобил буд тез васеъ шавад, чунки аъзоёни он бештар бо дигарон бо ҳам дидани имон банд буданд, ба оне ки ин

ташкилотҳо оҳиста-оҳиста фаъолият кунанд. Онҳо бар хилофи гуфтаи як роҳибе буданд, ки гуфта буд:________________________

________________________________________________________________________
__________________________________

Калисои Аҳди Ҷадид ба мисли рӯшание дар торикӣ буд. Ҳар куҷое, ки аъзоён мераванд, онҳо нури Инҷилро бо худ мегиранд ва торикиро бартараф мекунанд. Калисо ба хонаҳо мерафт; калисо назди дини бутпарастон мерафт; калисо ба дарбори шоҳон мерафт; калисо назди камбағалон мерафт; дили одамонро ба воситаи қудрати Калом тағйир медиҳад.

**ХОТИМА**

Калисои маҳалии ҳозира монанди калисои Аҳди Ҷадид мебошад, ки дар боло сухан дар бораи он рафт. Калисо гурӯҳи имондороне ҳастанд, ки бо Рӯҳулқудс пур шудаанд ва вазифаи аз торикӣ ба рӯшанӣ ҳидоят кардани одамонро доранд. Калисо ба дохили ҷамоат дохил мешавад ва шамшери ӯ – Каломи Худо, ки пурқудрату муқаддас аст. Ин калисо пирӯзманд аст. Ҳар калисо бояд ҳама вақт ба асосҳои дуо, бародарӣ ва хурсандӣ мувофиқи Калом диққат диҳад. Инҳо сарчашмаи ҳаёт барои калисо мебошанд.

## БОБИ 31

КАЛИСОИ "БУМӣ" ЧИСТ?

Маънои калимаи "бумӣ"- хонагӣ, миллӣ, маҳаллӣ мебошад. Ин хел калисоҳо дар миқёси фарҳанги алоҳида ба миён меоянд ва рушд мекунад. Бо калисо корҳои хоҷагии қишлоқро пеш бурдан хоси Филиппин аст.

Калисои бумӣ, калисоест, ки асосан аз миллатҳои алоҳида созмон дода мешавад. Он метавонад дар дохили ҳамон фарҳанге, ки пайдо мешавад, рушд ёбад. Ин намунаи рушди калисо зери сарварии Рӯҳулқудс, ки одамонро озод мекунад ва онҳо чӣ хеле ки Худо хоҳад бояд бошанд ва амал кунанд. Ин маънии озодӣ аз асорати вобастагӣ ба маблағҳои беруна ва одамони алоҳидаро дорад. (Наметавонем бигӯем, ки ҳамаи кӯмакҳо берун аз ҷамоат нодуруст аст).

**Мо ба панҷ "худ"-и калисои бумӣ назар мекунем.**

Вақте ки мо ба калимаи "худ" дар саҳифаҳои баъдӣ тез-тез вомехӯрем, бояд ҳамеша дар хотир нигоҳ дошта бошем, ки бе Исо, одам ё калисо ҳеҷ кор карда наметавонад. Навиштае, ки барои ҳамеша дар хотир нигоҳ доштан сазовор аст, дар 2 Қӯринтиён 3:4-6 омадааст. *Ин чунин аст, Чунин аст эътимоди мо ба Худо ба василаи Масеҳ. На ба он сабаб, ки мо лаёқат дорем чизеро аз худ фикр кунем, ки он гӯё аз мо бошад, балки лаёқати мо аз Худост. Ки ӯ ба мо лаёқат бахшидааст, ки хизматгузорони Аҳди Ҷадид бошем, на бар тибқи ҳарф, балки бар тибқи Рӯҳ, зеро ки ҳарф мекушад, аммо Рӯҳ зинда мекунад.*

**1. Калисои бумӣ худ-идоракунанда мебошад.**

Аз Қӯлассиён 1-17-18 мо мехонем: *Павлус, ки бо иродаи Худо ҳаввории даъватшудаи Исои Масеҳ аст, ва бародари мо Сӯстинис. Зеро Масеҳ маро нафиристодааст, ки таъмид диҳам, балки башорат диҳам, на дар ҳикмати калом, то ки салиби Масеҳ ботил нашавад. Зеро паёми салиб барои гирифторони ҳалокат ҷаҳолат аст, вале барои мо, ки дар роҳи наҷот ҳастем, қуввати Худост.* Қӯринтиён 1-17-18

**Худ-идоракунанда** маънои онро дорад, ки калисои маҳаллӣ қобил аст, ки зери Худовандии Исои Масеҳ ба як қарори муайян биёянд. Калисои маҳаллӣ бояд зери назорати ягон ташкилот ё шахси хориҷӣ набошад. Калисоӣ маҳаллӣ метавонад ихтиёрӣ бо чунин гурӯҳҳо ҳамкорӣ кунад, вале ҳеҷ гоҳ гурӯҳҳои беруна набояд аз болои калисои маҳаллӣ қудрати худро ҷорӣ кунанд. Калисо бояд қобилият дошта бошад, ки худаш фикр кунад ва худашон амал кунанд. Ин махсусан дар мамлакатҳои сусттаraққӣ хеле душвор аст, вақте ки тавлиғгарон, хусусан хориҷиҳо фикрҳо ва барномаҳои худро ба калисо ё иттиҳоди калисоҳо меоранд ва аз одамон талаб мекунанд онро қабул кунанд. Чун яке аз намояндагони ин мамлакатҳо гуфта буд: "Чӣ хел ман ба таблиғгари америкоӣ не гӯям?"  ӯ боз гуфт. "Мо бо пешниҳодоти ӯ норозием, вале мо ҳа мегӯем. Аз аввал калисои маҳаллӣ бояд дар муайян кардани вақти вохӯрӣ, ҷои вохӯрӣ  ва онҳо ҳангоми вохӯриҳо чӣ кор мекунанд, озод бошанд. Аз рӯзи аввали ташкилшавӣ калисоӣ маҳаллӣ бояд қарор кунад, ки роҳибаш сарвараш кӣ бошад, чӣ хел ба онҳо маблағ диҳанд ва ғайра. Калисои маҳаллӣ бояд ба қарор ояд, ки кай ва дар куҷо калисои хурди нав сохта шавад.

Калисои маҳаллӣ метавонад ба гуфтаҳои таблиғгарон, хоҳ хориҷӣ бошанд хоҳ худӣ гӯш диҳад, вале ҳеҷ гоҳ ба онҳо имкон надиҳад, ки аз номи калисои маҳаллӣ қарор барорад, ё калисоро дар чунин ҳолат гузорад, ки он ба пешниҳодоти номувофиқ не гуфта натавонад.

## 2. Калисои бумӣ бояд худ-таъмин бошад.

**Худ-таъмин** маънои онро дорад, ки калисои маҳаллӣ хароҷотҳои молиявии худро ба воситаи даҳяк ва харияҳои аъзоёни он пӯшонад. Аз аввали саршавии калисо ин имконпазир аст.

Бояд ба хотир овард, ки калисои нав масъулияти калисои кӯҳнаро ба гардан намегирад. Чун калисо рушд меёбад, салоҳияти он ҳам дар маблағгузории барномаҳо ва зарурияҳо инкишоф меёбад. Баъзе халқҳои мамолики сусттараққӣ ба вобастагӣ будан ба кӯмаки хориҷӣ чунин одат кардаанд, ки барои калисо масъалаи худ-таъминкунӣ як инқилобе мебошад. Бо ёрии Худо инро бисёр калисоҳо ба ҷо меоранд. Ин калисоҳо рӯҳи солим доранд ва онҳо медонанд, ки онҳо кистанд ва бо ёрии калисо чӣ кор кардан метавонанд. Онҳое ки мегӯянд "мо наметавонем", лоиқи таасуф ҳастанд. Онҳо ки инро мегӯянд, ҳеҷ гоҳ ба таври шояду бояд кӯшиш накардаанд.

Худ-таъминкунӣ дар ҳаёти калисо хеле барвақт сар мешавад. Пеш аз оне ки калисо тавлид меёбад, одамон онро бо ҷой, чароғ ва мизу курсӣ таъмин мекунанд. Баъди тавлиди калисо аъзоён ҷои вохӯриро бо китоби сурудҳо, Библияҳо ва ғайраҳо таъмин кардан давом медиҳанд.

Одатан, саравввал барои калисо иморат зарур нест. Ин масъала вазифаи дури аъзоёни гурӯҳ мебошад. Онҳо ҷойро интихоб мекунанд ва ба ҷамъ кардани пул сар мекунанд. Дар аввал ба калисо лозим намешавад, ки роҳибро аз ҷои дигар ё аз семинария даъват кунад. Калисо бояд донад, ки Худо метавонад аъзоёнро даъват кунад ва қудрат медиҳад ва аз байни онҳо чанд касро муваққатан барои бурдани хизматгузориҳои ибодатӣ ва иҷрокунии вазифаи роҳиб интихоб мекунад. Калисо хароҷотҳои сарваронро барои иштирок кардан дар семинарияҳо мепӯшонад. Калисо ҳамаи ин хароҷотҳоро барои омӯзиш ба гардан мегирад. Чун калисо ва сарварон инкишоф меёбанд, онҳо метавонанд як одамро ҳамчун роҳиб интихоб намоянд ва дигарҳо ба ӯ дар пеш бурдани кори роҳибӣ кӯмак мекунанд. Чун роҳиб беш аз беш вақти худро барои кори калисо сарф мекунад, калисо метавонад ба ӯ ҳар ҳафта маблағи муайян ҷудо кунад.

Вақте ки калисо инкишоф меёбад, имконпазир аст, ки калисо ба роҳиби доимо кор кунанда эҳтиёҷ дошта бошад ва калисо барои ӯ моҳона ҷудо мекунад.

### 3. Калисои бумӣ худ-ифодакунанда аст.

Ин маънои онро дорад, ки калисои маҳаллӣ дар интихоби рӯз ва соати ибодат озод аст. Як калисо метавонад ҷадвали вохӯриҳои тамоман дигаргун аз калисои ҳамсоя дошта бошад. Ин ҳамчунин маънои онро дорад, ки калисои маҳаллӣ дар ибодату парастиш озодии баёнкунӣ дорад.

### 4. Калисои маҳаллӣ бояд худомӯз бошад.

Яъне ҳамаи аъзоён бояд ҳамдигарро таълим диҳанд. Набояд фақат роҳиб ё якчанд одамони интихобшуда таълим диҳанд. Павлус гуфт, *Худи ман ҳам, эй бародарон, бар шумо эътимод дорам, ки шумо низ пур аз файз ва саршор аз ҳар гуна дониш мебошед ва якдигарро насиҳат карда метавонед*. Румиён 15:14, Ҳамчунин дар 1 Қӯринтиён 14:26,31 Павлус дар бораи якдигарро таълим додани аъзоён сухан мекунад. Чӣ хел ин кор ба амал оварда мешавад, боби охирони ин китобро омӯзед, ки бо вақти ҳисоботдиҳии хондани Библия сару кор дорад.

### 5. Калисои бумӣ бояд худафзоянда бошад.

*Ва Исо наздик омада, ба онҳо гуфт: "Ба Ман тамоми қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст: Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед. Ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам". Омин.* Матто 28:18-20

Худафзоянда маънои онро дорад, ки калисо бояд дар ташкилкунии калисоҳои нав иштирок кунад. Ин муқаррарист, ки калисои пур аз умед ва хурсандӣ имони худро дар байни одамони дигар паҳн кунад.

Худидора, худ-таъминкунӣ, худифодакунӣ ва худомӯзӣ аз аввали оғози ҳаёти калисо сар мешаванд. Худафзоянда ин хел тез ба миён намеояд. Барои ташкил кардани калисои нав вақти муайян лозим аст. Вале аз аввал онҳо бояд барои ташкил кардани калисои нав саъю кӯшиш кунанд. Аъзо ё аъзоён метавонанд ба шаҳр ё ҷамоати ҳамсоя раванд ва дар хонаи дӯст ё хеш ба омӯзиши Библия пардозанд. Ва дар он ҷо имондорони нав пайдо мешаванд, ки майли пайравии Худовандро доранд ва ҳамин тавр калисои нав тавлид мегардад.

Дар тавлиди калисои нав, Худо метавонад фермерҳо, хонанишинҳо, коркунони касбӣ, корчалонҳо, донишҷӯён ва дигарҳоро ки ба ӯ пурра таслим шудаанд, истифода барад. Ба шахс барои ташкили калисои нав хондани мактаби Библия ё ягон семинария зарур нест. Калисои бумӣ метавонад, бо ин роҳу восита калисои дигарро ташкил диҳад.

БОБИ 32

## САРВАРИ КАЛИСО КИСТ?

Вақте ки имондор дар бораи калисо фикр кунад, ӯ бояд калисои Аҳди Ҷадидро ба мисли гуфтаҳои Библия пеши назар орад. Калисои Аҳди Ҷадид чунин калисоест, ки асл ва таълимоти он дар асоси Библия буда, Исо ҳамчун сарвари он мебошад. Дар байни калисоҳои ҳозира ва Аҳди Ҷадид фарқияти бузурге аст. Фарқияти калон он вақт дида мешавад, ки вақте мо ба саволи “Сарвари калисо кист?”, ҷавоби Библиявӣ медиҳем.

**Библия дар бораи сарвари калисо чӣ мегӯяд?**

Дар Эфсӯсиён 1:21-23, Павлус мегӯяд, *Болотар аз ҳар сарварӣ, ва ҳукуматдорӣ, ва қудрат, ва салтанат, ва ҳар номе, ки на танҳо дар ин олам, балки дар олами оянда низ хонда мешавад. Ва аз ҳама чизро зери пойҳои ӯ тобеъ намуд, ва ӯро чун сари ҳама чиз ба Калисо дод. Ки он Бадани ӯст, пуррагии ӯст, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад.*

Аз Қӯлассиён 1:15-18 мо мехонем. *Ки ӯ сурати Худои нонамоён ва нахустзодаи тамоми махлуқот аст. Чунки ҳама чиз дар осмон ва бар замин, ҳар чизи намоён ва нонамоён, дар ӯ офарида шудааст: хоҳ тахтҳо, хоҳ салтанатҳо, хоҳ сарвариҳо ва хоҳ ҳукуматдориҳо, - ҳамааш ба воситаи ӯ ва барои ӯ ба вуҷуд оварда шудааст. Ва ӯ пеш аз ҳама чиз аст, ва ҳама чиз дар ӯ вуҷуд дорад. Ва ӯ сари бадан, яъне Калисост; ӯ навбар ва нахустзода аз мурдагон аст, то ки дар ҳама чиз ӯ аввалин бошад.*

Дар Қӯлассиён 2:19, Библия мегӯяд, *Инҳо робитаи худро аз сари бадан буридаанд, аз саре ки тамоми бадан ба воситаи бугумҳо ва бандҳо қуввати ҳаётбахш гирифта ва пайваст гардида, нашъунамо меёбад ба нашъунамое ки аз Худост.*

Баъди хондани ин оятҳо ба мо рӯшан мешавад, ки Исо сарвари калисо аст. ӯ ягона сазовори ин мақом аст. Ҳеҷ кас сазовори гирифтани ҷои Исо ҳамчун сарвари бадан, калисо нест. Гуфтани он ки фақат одам сарвари калисо ҳаст, бутпарстӣ мебошад ва дур аз таълимоти Масеҳ аст. Вақте ки каси дигар ба ғайр аз Масеҳ сарвари калисо ҳисоб карда шавад, он гоҳ ин калисои Аҳди Ҷадид нест. Роҳиб сарвари калисои маҳаллӣ нест. ӯ ҳам хизматгор зери сарварии Масеҳ мебошад.

Масеҳ бунёдкунанда, сарвар ва пуштибони калисост.

БОБИ 33

# КАЛИСО БОЯД МАҶЛИСҲОИ КОРИРО ЧӢ ХЕЛ ГУЗАРОНАД?

Ҳар калисоро зарур аст, барои ҳал кардани корҳое, ки бо ибодату парастиш як нестанд, вақти муайяне ҷудо кунад. Ин вақти баҳсу қарорбарорӣ доир ба корҳои калисо мебошад. Ҳарчанд он қисми муҳими ҳаёти калисо, он барои калисои боқувват лозим аст, онро одатан маҷлиси корӣ меноманд.

**Калисо маҷлисҳои кориро кай бояд гузаронад?**

Маҷлисҳои корӣ бояд мунтазам баргузор гарданд. Бисёр калисоҳо дар як моҳ як бор маҷлиси корӣ мегузаронанд. Ҳафтаи аввали моҳ вақти хеле хуб мебошад. Вохӯриҳоро метавон дар рӯзи кории ҳафта ё рӯзи дигар баъди хизмати ибодатии якшанбе гузаронд.

**Маҷлисҳои кориро кӣ бояд гузаронад?**

Одатан роҳиб ё сарвари калисо маҷлисҳоро идора мекунад. Агар дар он ҷо роҳиб набошад, калисо метавонад як касро барои бурдани маҷлис интихоб кунад.

Сарвар бояд аъзои фаъол ва соҳиби обрӯю эҳтироми калисо бошад. Сарвар ҳангоми мусоҳиба ва ба қарор омадан калисоро роҳнамоӣ мекунад.

**Фазои маҷлиси корӣ чӣ хел аст?**

Калисо бояд ин вақтро дар ҳолати ҷиддӣ ва пурдуо гузаронад. Ин вақте аст, ки оиди ҳаёт ва фаъолияти калисо баҳс карда мешавад.

**Кӣ метавонад дар маҷлисҳои корӣ иштирок кунад?**

Одатан танҳо аъзоёни калисо бояд дар ин маҷлисҳо иштирок кунанд. Ин маҷлис барои беимонон ва онҳое, ки аъзои калисо нестанд, нест. Агар ғайри-аъзоён ҳузур доранд, онҳо бояд дар баҳсҳо ширкат накунанд ва наметавонанд ягон чиз пешниҳод кунанд ё дар овоздиҳӣ иштирок кунанд.

Агар маҷлиси корӣ баъди хидматгузории мунтазами ибодатӣ ё омӯзиши Библия баргузор гардад, хидматгузорӣ бояд чун ҳарвақта ҷавоб дода шавад. Баъди анҷоми хидматгузорӣ бояд танаффуси кӯтоҳе дода шавад, ки аъзоёни калисо бо меҳмонон вохӯранд ва ҳамчунин ба меҳмонон имкон диҳанд, то саршавии маҷлиси корӣ аз хона берун шаванд.

**Кворум чист? (кворум аксарияти лозим барои гузарондани маҷлис).**

Кворум ин миқдори аъзоёнест, ки ҳатман бояд дар маҷлиси кории калисо  иштирок намоянд. Калисо бояд барои миқдори кворум ба як қароре биёяд. Он аз панҷоҳ фоизи аъзоёни фаъоли калисо бояд бошад.

**Кӣ бояд қарорҳои маҷлиси кории калисоро сабт кунад?**

Котиби калисо бояд ҳамаи қарорҳоро, ки дар маҷлиси корӣ қабул мешаванд, ба таври муфассал сабт намояд. Калисо барои котиб як дафтари доимии сабткуниро ташкил мекунад.

Ҳамчунин мумкин аст, ки қарорҳои маҷлисро дар дафтарчаи алоҳида сабт намояд. Дар маҷлиси оянда ҳисоботи котиб аз ин дафтарча хонда мешавад. Баъди аз тарафи калисо маъқул донистани ҳисобот, онро дар дафтари доимӣ сабт менамоянд.

**Дар ҳолатҳои фавқулодда калисо бояд чӣ кор кунад?**

Маҷлисҳои махсуси корӣ барои ҳал кардани вазъиятҳои фавқулодда даъват карда мешаванд. Инҳо ҳолатҳое ҳастанд, ки барои ҳалли онҳо наметавон то маҷлиси кории моҳона интизор шуд. Дар маҷлисҳои фавқулодда кворум зарур аст. Агар имконпазир аст, ҳамаи аъзоёнро дар бораи вақти маҷлиси фавқулодда пешакӣ огоҳӣ мекунанд.

**Дар маҷлисҳои корӣ ин низомро бояд пайравӣ кард.**

1. **Ибодат** – ин хондани Навишта, ва баъд дуо кардан барои роҳнамоии Худо дар вақти маҷлис. (Агар маҷлис баъди хидматгузории ибодатӣ сар мешавад, ба хондани Навишта ҳоҷат нест).

2. **Хондани гузориш (протокол)-** Котиб аз дафтарчаи муваққатии худ ҷараёни маҷлиси гузаштаро мехонад. Раиси маҷлис чунин мегӯяд: "Шумо гузориши маҷлиси гузаштаро шунидед. Оё шумо ягон илова ё ислоҳ доред? Агар шумо ягон илова надоред, гузоришро чӣ хел, ки хонда шуд, қабул мекунем". Агар ба гузориш ягон илова дохил шавад, он бо шоваҳояш қабул мешавад.

3. **Ҳисоботи хазиначӣ-** Хазиначии калисо, агар имконпазир бошад, ҳисоботро дар тахтаи синф менависад, то ки ҳама онро бубинанд (Баъзе

калисоҳо нусхаҳо доранд ва онро ба аъзоён тақсим мекунанд). Ҳисобот чунин мешавад:

(1) Ҳисобу китоби (баланс) моҳи пеш.

(2) Миқдори хайрияҳои ҳарҳафтаина.

(3) Ҷамъбасти хайрияҳо барои як моҳ.

(4) Ҳамаи хароҷотҳо бо навиштаҳои ҷузъ ба ҷузъ ва ба таври кӯтоҳ маънидод шуда.

(5) Ҳисобу китоби ҳозира баъди тарҳ карда баровардани хароҷотҳо.

Раис мегӯяд: "Оё шумо ба ҳисоботи хазиначӣ ягон ислоҳ ё илова доред? Ягон суол доред?

Барои саволҳо вақт дода мешавад. Баъд раис мегӯяд, "Оё шумо ягон пешниҳоде доред, ки ҳисоботи хазиначӣ қабул карда шавад?" Ягон кас пешниҳод мекунад, "Ман пешниҳод мекунам, ки ҳисобот қабул карда шавад". Дигаре мегӯяд, "Ман пешниҳодро тарафдор, мекунам". Раиси маҷлис мегӯяд, " Ҳамаи онҳое, ки ҳисоботи хазиначиро қабул карданд, даст бардоранд. Касе, ки муқобил аст, даст бардорад".

**4. Ҳисоботи сарварони омӯзиши Библия.**

**5. Ҳисоботи Мактаби Якшанбе.**

**6. Ҳисоботҳои дигар.**

7. **Корҳои нотамом**. Ин масъалаҳое мебошанд, ки дар бораи онҳо дар маҷлиси кории гузашта баҳс карданд ва лозим аст оиди онҳо баҳс давом дода шавад.

8. **Кори нав.** Ин дар кори калисо тағйиротҳои нав ворид мекунад – муаллимҳои нав, коркунони нав, ташкилотҳои нав, проблемаҳо, дастурҳо, қабул кардани аъзоёни нав ва ғайраҳо мебошанд. Ҳар чизе, ки дар ҳаёти калисо рӯй медиҳад, кори калисо ҳаст.

9. **Анҷомдиҳӣ.** Баъд аз он ки оиди ҳама масъалаҳо хулосаи даркорӣ бароварда шуд, як кас пешниҳод мекунад, ки маҷлис пӯшида шавад. Баъд оиди ин масъала овоз медиҳанд.

10. **Дуои хотимавӣ.** Маълум аст, ки маҷлисҳои корӣ вақте баргузор мешаванд, ки ҳар аъзои калисо метавонад бо ҳамдигар самимона бошанд. Ин ҷои баҳсу мунозираҳои тезутунд нест. Ҳамаи он чизеро ки ба ҷо меоранд, бояд бо донистани он карда шавад, ки Руҳулқудс ҳаёти калисоро назорат мекунад ва Исоро бояд дар ҳама чиз ҷалол диҳем.

## БОБИ 34

## САЛОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНАДОРИ КАЛИСО КАДОМҲОЯНД?

Баъди созмондиҳии калисо яке аз кормандони он ҳамчун хазинадор интихоб мешавад. Ин зарур аст, чунки як қисми хидматгузории ибодатӣ додани даҳяк ва хайрияҳо мебошад. Касе бояд ба таври расмӣ

масъулияти сабти дурусти ҷамъи хайрияҳо ва амнияти пулро ба гардан гирад.

## САЛОҲИЯТИ ХАЗИНАДОРИ КАЛИСО

Аз 1 Тимотиюс 3:8-13 мо номгӯи салоҳиятҳои коркунони калисоро, аз он ҷумла хазинадорро ки Павлус додааст, мехонем. *Лозим аст, ки дяконҳо низ ҳалолкор бошанд, на дузабона, на шавқманди шаробнӯшӣ, на тамаъкор. Балки сирри имонро дар виҷдони пок нигоҳ доранд. Валекин онҳо ҳам бигзор аввал озмуда шаванд ва баъд, агар беайб бошанд, хизмат кунанд. Ҳамчунин занонашон бояд ҳалолкор бошанд, на ғайбаткунанда, балки ҳушёр ва аз ҳар ҷиҳат мӯътамад. Дяконҳо бояд соҳиби як зан бошанд, фарзандон ва хонаву ҷои худро ба хубӣ идора кунанд. Зеро онҳое ки нағз хизмат карда бошанд, барои худ мартабаи олӣ ва ҷуръати азим дар имоне, ки дар Исои Масеҳ аст, муҳайё мекунанд.*

**Ба ин номгӯй нигоҳ кунед.**

1. Бояд табиатан хуб ва ҳалолкор бошад.

2. Шаробнӯш набошад. Бисёр кормандони тиббӣ ва майхӯрони аноним (номаълум) мегӯянд, ки истеъмоли ҳар нӯшокии алкоголӣ хуб нест.

3. Барои пул ҳирсу тамаъкор набошад. Библия мегӯяд, ки дӯст доштани пул решаи (сababи) ҳамаи корҳои бад мебошад.

4. Сирру имонро дар виҷдони пок нигоҳ доранд.

5. Болиғ бошад.

6. Занаш ё шавҳараш суханчину хабаркаш набошад.

7. Бояд ҳушёр ва аз ҳар ҷиҳат росткор бошад.

8. Соҳиби як зан бошад.

9. Оилаи худро ба хубӣ идора кунад.

10. Имони худро далерона паҳн кунад.

Баъзе аз сифатҳои болоӣ метавонанд бо тарзи дигар зикр шаванд.

**Хазинадор бояд:**

1. Аз олами боло таваллуд ёбад.

2. Аъзои фаъол ва содиқи калисои маҳаллӣ бошад.

Ҳеҷ кас бояд ба ин мақом то он вақте, ки расман аз тарафи калисо ба аъзогӣ қабул нашудааст, интихоб нашавад.

3. Дар калисо мунтазам ҳузур дошта бошад. Шахс наметавонад корашро ба ҷо орад, агар ӯ он ҷо набошад.

4. Ростгӯ бошад.

5. Қобил аст, ки навиштаҳоро кушоду равшан сабт кунад.

6. Суханчин набошад. Чизе ки одамон медиҳанд, дар байни ӯ ва Худо аст ва маҳрамона бошад.

7. Ҳар моҳ ба калисо ҳисобот диҳад.

**ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНАДОР**

1. Баъди хидматгузории ибодатӣ маблағи даҳякҳо ва хайрияҳоро ҳисоб кунад. Ёрдамчии хазинадор бояд ҳамеша ҳузур дошта бошад ва ҷамъбасти маблағро тасдиқ кунад.

2. Баъд аз он ки хазинадор ва ёрдамчии ӯ хайрияро ҳисоб карданд, ин маблағ бояд дар китоби хазинадор сабт шавад. Ёрдамчӣ бояд зери маблағи воридшуда имзо гузорад. Вақте ки бо пул кор мекунанд, аъзоёни калисо наметавонанд он қадар бодиққат бошанд. Онҳо бояд бе ягон гумони бад бошанд. Истифодаи меъёрҳои амният маънои онро надорад, ки шахс бевиҷдон аст. Ин ёрӣ медиҳад, ки ҳар гуна васвасаҳои имконпазир ва ҳар гуна бадгумониҳои аъзоёнро дур созад.

3. Хазинадор ва ёрдамчии хазинадор бояд дар бонк аз номи калисо ҳисоби пасандоз ё ҳисоби ҷории бонкӣ кушоянд.

4. Пулро бояд ҳар ҳафта ба бонк бурд. Хуб нест, ки пулро дар хона ё хазинаи худ нигоҳ дошт.

5. Бе иҷозати калисо хазинадор ё ёрдамчии ӯ ҳақ надоранд, ки барои ягон хароҷот пул диҳанд. Иҷозатро дар маҷлисҳои кории мунтазам баргузоргардида ва ё маҷлисҳои кории фавқулодда медиҳанд.

6. Хазинадор ё ёрдамчиаш наметавонанд аз пули калисо ба касе қарз бидиҳанд – ҳатто ба аъзоёни калисо, ва ҳатто дар ҳолатҳои фавқулодда.

7. Дар ҳар маҷлисҳои корӣ хазинадор ҳисобот медиҳад. Хазинадор аз ҳисоботдиҳии балансӣ (ҳисобу китоб) аввали моҳ сар мекунад. Баъд ҳисобот маблағи ҳар ҳафта дохилшударо нишон медиҳад. Сипас хароҷотҳои фардии ҳисобот дода мешаванд. Ҳисоботдиҳӣ бо баланси маблағи мондагӣ дар бонк ва пули нақд анҷом меёбад. Сабтҳои хазинадор бояд барои ҳамаи аъзоёни калисо намоён бошад. Хазинадор

набояд аз саволҳои аъзоёни калисо дар бобати корҳои молиявии калисо ҳаросад.

**САЛОҲИЯТИ ЁРДАМЧӢ** ҳам ба монанди салоҳияти хазинадор аст.

Ин коркунон бояд дар интихоботи солонаи ҳамаи коркунон, муаллимон, ва ғайраҳо интихоб шаванд. (Дар бисёр калисоҳо ин маҷлисҳо дар аввали январ баргузор мегарданд). Хазинадор ва ёрдамчиашро метавонанд аз сари нав интихоб кунанд, агар онҳо кори худро хуб иҷро намоянд. Агар онҳо ба талаботҳои асосӣ ҷавоб намедиҳанд ва вазифаашонро хуб иҷро намекунанд, онҳоро иваз мекунанд. Ин ивазкуниро ҳамчунин метавон дар миёнаи сол ё дар интихоботҳои солона ба ҷо овард.

БОБИ 35

## САЛОҲИЯТҲО ВА ВАЗИФАҲОИ КОТИБИ КАЛИСО КАДОМҲОЯНД?

### САЛОҲИЯТҲОИ КОТИБИ КАЛИСО?

Салоҳиятҳои асосии хазинадори калисо ба котиб ҳам дахл доранд. Ба салоҳиятҳои хазинадори калисо нигоҳ кунед ё Тимотиюс 3:8:13-ро хонед.

1. Котиби калисо бояд аъзои фаъоли калисои маҳаллӣ бошад.

2. Котибро бояд калисо интихоб кунад. Ин корро дар интихоботи ҳарсолаи муаллимон ва коркунон, ё он вақте ки ин вазифа холӣ мешавад, амалӣ мекунанд.

3. Котиб бояд тавонад дар маҷлисҳои кории калисо иштирок кунад.

4. Котиб бояд дар бораи ҳамаи он чизе, ки дар ҳаёти калисо ва маҷлисҳои корӣ рӯй медиҳад, сабт намояд. Навиштаҳои ӯ бояд тозаю покиза ва осонфаҳм бошанд.

## ВАЗИФАҲОИ КОТИБИ КАЛИСО

1. Вақте ки калисо маҷлисҳои ҳармоҳаро мегузаронад, котиб бояд ҳамаи чизҳои зарурииро оид ба ҳамаи масъалаҳо сабт намояд. Ҳар пешниҳодро бояд навишт ва баъд зикр кард, ки ин пешниҳод қабул шуд ё инкор шуд.

2. Дар ҳар маҷлисҳои корӣ котиб бояд сабтҳои худро (гузориш, протокол) оиди рафт, маҷлиси кории охирон хонад.

3. Котиб бояд сабтҳои хуб ва ҳаррӯзаи ҳузури аъзоёни калисоро дошта бошад.

4. Котиб номи аъзоёнро танҳо бо иҷозаи калисо илова ё дур мекунад.

5. Котиб китобҳои сабтро тоза нигоҳ медорад.

6. Чун сабтҳои пурра ва муфассал моҳ ба моҳ ва сол ба сол сабт мешаванд, котиб таърихи калисоро тартиб медиҳад.

## БОБИ 36

# САЛОҲИЯТҲОИ РОҲИБ КАДОМҲОЯНД?

Бисёр салоҳиятҳои сарвари калисо дар 1 Тимотиюс 3:1-7 омадаанд.

*Чунин сухан амин аст, ки агар касе усқуфиро орзу кунад, кори хубе орзу мекунад. Аммо усқуф бояд беайб, соҳиби як зан, ҳушёр, боисмат, боодоб, меҳмоннавоз ва омӯзгор бошад. На моили шаробнӯшӣ, на ҷангара, на тамаъкор, балки сокит ва сулҳҷӯ, на зарпараст. Хонаву ҷои худро ба хубӣ идора кунад, фарзандонашро бо камоли ҳалолкорӣ дар итоат нигоҳ дорад. Зеро, кас агар хонаву ҷои худро идора карда натавонад, оё вай дар бораи Калисои Худо гамхорӣ карда метавонад? Аз ҷумлаи навимонон набошад, мабодо магрур шуда, зери ҳукми иблис афтад. Ва ҳамчунин аз ҷониби онҳое ки дар берунанд, ӯ бояд шаҳодати нек дошта бошад, то ки ба мазаммат ва доми иблис гирифтор нашавад.*

## САЛОҲИЯТҲОИ РОҲИБ

1. ӯ бояд аз олами боло таваллуд ёбад.

2. ӯ бояд бе ягон шубҳа донад, ки Худо ӯро барои кори роҳибӣ даъват кардааст. Дар Библия мо бисёр мисолҳои аз тарафи Худо даъват кардани одамонро мебинем.

**Мӯсо** – "*Ва алҳол биё, ки туро назди фиръавн бифиристам, то ки қавми Ман – бани Исроилро аз Миср берун оварӣ*". Хуруҷ 3:10

**Самуил** – *Ва Худованд омада, биистод ва, мисли дафъаҳои пеш, хонд: "Эй Самуил, Самуил!" Ва Самуил гуфт*: "*Бигӯй, зеро ки бандаат мешунавад*". 1 Подшоҳон 3:10

**Омӯс** – *Ва Худованд маро аз хизмати гӯсфандон гирифт, ва Худованд ба ман гуфт: "Рафта, ба қавми Ман Исроил нубувват намо".* Омӯс 7:15

**Ишаъё** – *Ва ман овози Худовандро шунидам, ки мегуфт: "Ман киро бифиристам? Ва кист, ки барои Мо биравад?" Ва ман гуфтам: "Инак ман ҳозирам, маро бифирист".*

Ишаъё 6:8

**Ирмиё** – *Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт: "Пеш аз он ки туро дар батн ба вуҷуд оварам, Ман Туро шинохтам, ва пеш аз он ки ту аз шикам берун оӣ, туро тақдис намудам, туро барои халқҳо набӣ таъин кардам". Ва ман гуфтам: "Ё Худоё Худовандо! Ман, охир, наметавонам сухан ронам, зеро ки амраде ҳастам". Вале Худованд ба ман гуфт: "Нагӯ: "Ман амраде ҳастам", балки сӯи ҳар касе ки туро бифиристам, хоҳӣ рафт, ва ҳар чиро, ки ба ту амр фармоям, хоҳӣ гуфт. Аз онҳо натарс, зеро Ман бо ту ҳастам, то ки туро халосӣ диҳам", - гуфт Худованд.* Ирмиё 1:4-8

**Ҳизқиёл** – *Ва ба ман гуфт: "Эй писари одам! Ман туро назди банӣ-Исроил мефиристам, назди сибтҳои исёнгаре, ки ба Ман осӣ шудаанд; онҳо ва падаронашон пеши Ман то худи имрӯз гуноҳкор мебошанд. Ва ин мардум рӯйнатан ва сахтдил ҳастанд, ва Ман туро назди онҳо мефиристам, то ки ба онҳо бигӯӣ: "Худованд Худо чунин мегӯяд!" Ва онҳо хоҳ бишнаванд ва хоҳ аз шунидан рӯй тобанд, - зеро ки онҳо хонадони исёнгар мебошанд, - вале хоҳанд донист, ки набие дар миёни онҳо буд.* Ҳизқиёл 2:3-5

**Павлус** – *Аммо Худованд ба вай гуфт: "Ту бояд биравӣ, зеро ки ӯ зарфи баргузидаи Ман аст, то ки исми Маро пеши халқҳо ва подшоҳон ва банӣ-Исроил эълон намояд.* Аъмол 9:15

Ҳамчунин дар Ғалотиён 1:15 Павлус мегӯяд, *аммо ҳангоме ки Худо, ки маро аз батни модарам баргузида, бо файзи Худ даъват кардааст, таваҷҷӯҳ намуд.*

3. Роҳиби хуб бояд сарсупурда бошад – сарсупурдаи мавъизаи Инҷил, ва нигоҳбони рама бошад.

4. Агар ӯ дар роҳи бузург бошад, бояд одами ибодатӣ бошад.

5. Роҳиби хуб бояд донишҷӯи Каломи Худо бошад. ӯ бояд он чиро, ки Библия гуфтааст, омӯзад. Аз 2 Тимотиюс 2:15 мо мехонем, *Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳӣ, ҳамчун коркуне, ки ҳиҷил намешавад ва каломи ростиро дуруст мавъиза мекунад.*

6. Аз Навиштаҳои пештар дар ин дарс додагӣ, мо салоҳиятҳои дигари роҳибро мебинем.

(1) ӯ бояд танҳо соҳиби як зан бошад.

(2) ӯ бояд ҳушёр, худдор, дақиқ бошад.

(3) ӯ бояд бегонаҳоро ба хонааш хуш пазирой кунад. ӯ бояд одамонро дӯст дорад.

(4) ӯ бояд тавонад таълим диҳад.

(5) ӯ бояд майзада набошад, зӯрӣ накунад, балки мулоим ва ором бошад.

(6) ӯ бояд пулпараст набошад. (Ин маънои онро надорад, ки ӯ камбағал ва бе эҳтиёҷоти пулӣ бошад.

(7) ӯ бояд аз таъмини оилаи худ барояд ва ба ҳурмату эҳтироми фарзандон соҳиб шавад.

(8) ӯ бояд дар имонболиғ бошад. (Ин он маъно надорад, ки роҳиб одами пир бошад).

(9) ӯ бояд соҳиби ҳурмату эҳтироми одамони берун аз калисо бошад.

Дар бораи роҳиби калисои нав?

Фавран баъди тавлиди калисо бояд ба хидматгузории ибодатӣ ва омӯзиши Библия бипардозад. Оё калисо аз беруни гурӯҳ роҳиби болиғро даъват кунад? Ин аз қудрати калисо вобастагӣ дорад. Оё роҳиб барои тамоми рӯз лозим аст? Чанд пулро калисо аз аъзоён бигирад, то ки барои маоши роҳиб сарф намояд? Бисёр калисоҳо барои роҳиби "касбӣ" тайёр нестанд. Аз як тараф ин хуб аст, чунки ин аъзоёнро водор мекунад, масъулиятҳои сарвариро ба гардан гиранд ва рушд ёбанд. Албатта омӯзишҳои сарвариро барои нав имондорон ташкил бояд дод.

Роҳиб / сарварро бояд тайёр кард. Баъзеҳо қисме аз ин тайёриҳоро аз омӯзишҳои расмӣ дар мактаби Библия ё семинария мегиранд. Баъзеҳо ба монанди Павлус меомӯзанд. Аз боби дуюми Ғалотиён мо дар бораи ваколати Павлус ва салоҳиятҳои ӯ ҳамчун воизи Инҷил мехонем.

Танҳо ба василаи Худо, даъвати ӯ, роҳнамоии ӯ, қудрати ӯ, каломи ӯ одам воизи бузурги Инҷил мешавад.

Дар аввал ба даъвати роҳиб эҳтиёҷ нест. Аъзоёни калисое, ки ба ҳамаи ин салоҳиятҳо ҷавоб медиҳанд, метавонанд вазифаи сарвариро ба дӯш гиранд. Се ё чор нафар ҳар якшанбе бо навбат хидматгузории ибодатиро мегузаронанд. Онҳоро ҳамчун роҳибҳо наменоманд. Баъди як сол бо чунин корбарии роҳибӣ, як ё ду нафар аз ин аъзоён бо даъвати Худо кори роҳибиро давом медиҳанд. Ин фикрро бо аъзоёни калисо бояд

гуфт. Аъзоёни калисо бояд аз Рӯҳулқудс таасуроти он, ки ба кӣ атои роҳибӣ дода шудааст, дошта бошанд.

БОБИ 37

## ЧӢ ХЕЛ КАЛИСО РОҲИБРО ИНТИХОБ МЕКУНАД?

Якчанд омил дар гирифтани роҳиб ба калисо таъсир мерасонанд.

Миқдори аъзоёни калисо.

Нерӯи молиявии аъзоёни калисо.

Синну соли калисо.

Ин фикри барғалат аст, ки калисо роҳибро берун аз калисо гирад. Худо метавонад, ва бисёр вақт, одамонро аз худи ҳамон калисо даъват мекунад, то ки ҳамчун роҳиб / сарвар хидмат кунад. Дар ҳама вақт Рӯҳулқудс калисоро дар мавриди даъвати ягон кас ба роҳибӣ, роҳнамоӣ кунад.

Акнун мо ба ду ҳолате, ки ба калисо зарур аст роҳибро интихоб намояд, назар меандозем.

### Чӣ хел калисои нав бо миқдори ками аъзоён ва захираҳои маҳдуди молию пулӣ роҳибро интихоб кунад?

Калисо метавонад аз як ё якчанд аъзоён илтимос намояд то хидматгузории калисоро пеш баранд. Ин одамон мавъиза мекунанд, таълим медиҳанд, роҳнамоӣ мекунанд. Барои ин одамон зарур аст дарсҳои омӯзиши сарвариро як бор дар як ҳафта ташкил намоянд. Дар

ин дарсҳо бояд ба чизҳои муҳим ва ба ҷанбаҳои амалии кори роҳиб диққат дод. Ҳамчунин диққати худро бояд ба чӣ хел тайёр кардани ваъз ва ба ҷо овардани дигар вазифаҳои роҳиб нигаронд. Бояд тазаккур дод, ки усулҳои анъанавии ибодат на ҳама вақт лозим аст, хусусан вақте ки калисо ҷавон аст ва сарваронаш таҷрибаи кофӣ надоранд. Хондани суруд аз тарафи яке аз аъзоён баъди хондан ва баҳси аз болои боб аз Библия, ба монанди сурудани се суруди анъанавӣ ва мавъиза самаранок аст. Ҳар ду ҳам самаранок ҳастанд.

Иштироки васеъи аъзоёни калисо қобили қабул аст. Як одам набояд ҳам суруд хонад, ҳам гитара навозад, дуо кунад, таълим диҳад, ва мавъиза кунад.

Одатан дар вақтҳои аввала сарвари калисоро ҳамчун роҳиб ҳисоб набояд кард. Ин баъди муддате, вақте ки сарварон ва аъзоёни калисо боварӣ ҳосил мекунанд, ба кӣ атои роҳибӣ дода шудааст, муайян мешавад. Агар сараввал панҷ нафар бо навбат кори сарвариро пеш мебаранд, баъди чанд моҳ ин миқдор то ду нафар кам мешавад. Ҳар ду нафар метавонанд ба таври доимӣ роҳиб шаванд. Хуб мешуд якеро ҳамчун роҳиб ва дигарашро ёрдамчии ӯ фаҳмид. Доштани ду ё зиёда роҳиб, ки ҳамчунин соҳиби ду касб ҳастанд, хеле судманд аст. (Соҳиби ду касб будан маънои онро дорад, ки сарварони калисо дар баробари пеш бурдани зиндагии худ бо дарсдиҳӣ, кор дар замин ва ғайраҳо дар калисо низ хидмат мекунанд). Бори масъулият сабуктар хоҳад шуд, агар ду ё зиёда ин вазифаро бар гардан мегиранд. Тайёр кардани як ё ду мавъиза дар як ҳафта барои масеҳии навимондор бо таҷрибаи кам хеле мушкил аст ва ин кори сангин метавонад сабаби рӯҳафтодагии ӯ шавад.

Мақоми роҳиб / сарвар одатан дар зарфи як соли ташкилкунии калисо интихоб мешавад. Ҳарчанд ин одамон зиндагии худро бо кори худ пеш мебаранд, калисо низ бояд ба онҳо пули ҳафтаина ҷудо кунад. Бо рушди

калисо ин маблағ низ рушд хоҳад ёфт. Хароҷотҳои дигар ба монанди ҳузур дар семинарҳо, дарсҳои махсус, омӯзиши маводҳо, ва хароҷоти роҳро бояд калисо пӯшонад.

Ин одамон аз он роҳибони таҷрибадоре, ки рӯзи дароз дар калисо хидмат мекунанд, камтар нестанд.

Чун калисо инкишоф меёбад ва қодир аст пурра пули роҳибро диҳад, хуб мешуд дар бораи роҳибе, ки пурра дар калисо хидмат мекард андеша кард. Яъне он шахсе, ки дар калисо нопурра кор мекард, кори берунаро монад ва пурра ба хидматгузорӣ дар калисо пардозад.

**Чӣ хел калисои калонтар ва аз ҷиҳати молиявӣ қавӣ роҳибро мегирад?**

1. Баъди дуои зиёде, аъзоёни калисо ба як қароре меоянд, ки роҳиби доимокоркунанда лозим аст ва ба воситаи даҳяк ва хайрияҳои аъзоён ба ӯ маблағи муайян дода мешавад.

2. Аъзоёни калисо кумитаи ҷустуҷӯиро иборат аз се то панҷ нафарро барои ҷустани роҳиб интихоб мекунанд. Ин кумита барои пешниҳодот аз тарафи аъзоён оид ба он ки чӣ хел роҳиб онҳо мехоҳанд, кушода аст.

3. Баъзе ҷойҳо ҳастанд, ки кумитаи ҷустуҷӯӣ метавонад он ҷо роҳиби навро ҷӯяд. Онҳо метавонанд одамоне, ки мактаби Библияро тамом кардаанд, ҷӯянд, ё тамомкунандагони семинарияҳо, ё роҳибҳои калисоҳои дигарро даъват кунанд.

Кумита метавонад дар бораи роҳибҳои ояндадор тавассути гуфтугӯ бо устодон, ҳамсабақон, аъзоёни калисо ва роҳбароне, ки онҳоро мешиносад, ахбор гирад.

4. Инҳо баъзе ахборҳое, ки кумита дар бораи роҳибҳои ояндадор хоҳад гирифт:

Оё ӯ даъвати возеҳи Худоро барои мавъиза дорад?

Оё ӯ хоҳиши беандозаи мавъиза карданро дорад?

Оё ӯ имон дорад, ки Библия Сухани Худост?

Оё ӯ Суханро бо нерӯи хос мавъиза мекунад?

Оё ӯ мунтазам шаҳодат медиҳад?

Оё ӯ ахлоқан хуб аст?

Оё ӯ меҳнатдӯст аст?

Оё ӯ даҳяк медиҳад?

Оё ӯ қарзҳои худро бармегардонад?

Ба кумита лозим аст ба миқдори зиёди одамон ва бо таблиғкунанда гуфтугӯ кунад, то ки ҳамаи ахборро гирад. (Боби 36, "Салоҳиятҳои роҳиб кадомҳоянд?" дар ин нуқта муфид аст).

5. Кумита бояд мавъизаи ӯро як бор шунавад. Агар мавъизаи ӯ ба кумита маъқул афтад, ӯро барои кор ба калисои худашон даъват мекунанд.

Агар маъвизакунанда оиладор аст, муҳим аст, ки оилаи ӯ низ дар калисо ҳангоми мавъиза ҳузур дошта бошанд. Хуб мешуд барои ӯ дар рӯзи Якшанбе ду маротиба мавъиза карданро тайёр кунанд. Вақти махсус, ба монанди ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ дар рӯзи Якшанбе, вақте ки ҳамаи аъзоён он ҷо ҳузур доранд, барои шиносшавӣ бо мавъизакунанда хеле муфид аст.

6. Кумита метавонад бо роҳиби оянда вохӯрии кӯтоҳе дошта бошад, то ин ки бо ӯ оиди чунин масоил ба монанди ақида, музд, маблағ, вазифаҳо ва ғайраҳо сӯҳбат кунанд.

7. Якшанбеи оянда маҷлиси махсус баргузор хоҳад гардид, ки он ҷо аъзоён дар бораи роҳиби оянда фикрҳои худро баён мекунанд. Баъд калисо овоз медиҳад, ки ӯро қабул кунанд ё не. Овоздиҳӣ одатан ба тарзи пӯшида сурат мегирад, ва ҳар аъзо дар коғаз фақат “ҳа” ё “не” менависад. Хуб аст агар аъзоён якдилона овоз диҳанд. Агар натиҷаи овоздиҳӣ 51% “ҳа” ва 49% “не” даъват кардани роҳиб ғайриоқилона мебуд. Калисо бояд ба қарор ояд, ки пеш аз даъват кардан аз се ду ҳиссаи аъзоён ба тарафдории ӯ овоз диҳанд. Калисо масъулияти калон бар дӯш дорад, вақте касеро талаб мекунад, ки онҳоро роҳнамоӣ кунад. Пеш аз даъвати роҳиб калисо бояд дуои бисёр кунад ва ӯро аз ҳар ҷиҳат омӯзад.

## БОБИ 38

## ОЁ РОҲИБИ МО ТАЪИН КАРДА МЕШАВАД?

Аввал ба мо зарур аст маънои “таъин карданро” бифаҳмем. Аз луғат мо якчанд маънои онро меёбем.

1. Фармон додан, ҳукм кардан.

2. Бо амр таъин кардан.

3. Пешакӣ таъин кардан.

4. Додани вазифаҳои рӯҳонӣ

Гурӯҳҳои гуногуни динӣ дар бораи аҳамият ва роҳҳои таъинкунӣ фикрҳои мухталиф доранд.

**Нуқтаи назари Библия дар бораи таъинкунӣ чист?**

Ҳамаи одамони бузурги Худо дар Библия ҳиссиёти онро доштанд, ки Худо онҳоро таъин кардааст, ки онҳо корҳои муайянеро ба ҷо биёранд, пайғомҳои муайянеро мавъиза кунанд, ба ҷойҳои муайяне бираванд. Ҳамин ҳисси таъинкунӣ (амрдиҳӣ, интихобӣ будан) буд, ки ин одамонро таҳрин кард, ҳаёташонро барои Худо, ки онҳоро вазифадор кард, дар хатар монанд.

Таъинкунии Библия асосан ва аз ҳама муҳим, ин муносибати махсус байни Худо ва одам буда, ки бар асари он Худо ба ин одам масъулияти муқаддас месупорад. Ин масъулият одатан ба ҳама расондани пайғоми доварӣ, умед, ва озодӣ ба василаи имон ба Худо мебошад.

Ба баъзе мисолҳои аз тарафи Худо таъин кардани одамон барои иҷрои вазифаҳои махсус диққат диҳед.

**Мӯсо**

Исроилиҳо дар зери дасти мисриён буданд. Худо ба Мӯсо гуфт, *Ва алҳол биё, ки туро назди фиръавн бифиристам, то ки қавми Ман – бани – Исроилро аз Миср берун оварӣ".* Хуруҷ 3:10.

Мусо бо чунин роҳи пурмаъно таъин шуд. Худо ӯро шахсан даъват кард. Мусо рафт ва халқи худро аз асорат наҷот дод.

**Ирмиё**

Пайғамбар Ирмиё дар охирҳои садсолаи ҳафт ва аввали садсолаи шаш пеш аз милод умр ба сар бурдааст. Исроил дар ҳолати гуноҳ муқобили Худо буд. Аз Библия мо мехонем, ки чӣ хел Худо Ирмиёро таъин кард, ки халқро аз омад-омади ҷазои Худо огоҳӣ кунад.

*Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда, гуфт: "Пеш аз он ки туро дар батн ба вуҷуд оварам, Ман Туро шинохтам, ва пеш аз он ки ту аз шикам берун оӣ, туро тақдис намудам, туро барои халқҳо набӣ таъин кардам". Ва ман гуфтам: "Ё Худоё Худовандо! Ман, охир, наметавонам сухан ронам, зеро ки амраде ҳастам". Вале Худованд ба ман гуфт: "Нагӯ: "Ман амраде ҳастам", балки сӯи ҳар касе ки туро бифиристам, хоҳӣ рафт, ва ҳар чиро, ки ба ту амр фармоям, хоҳӣ гуфт.* Ирмиё 1:4-7

Ирмиё вазифадор шуд, интихоб шуд, амр дода шуд ва таъин шуд. Ӯ рафт ва пайғоми Худоро ба ҳама расонд. Ин таъинкунӣ аст.

**Ҳизқиёл**

Ин пайғамбар дар бадарға дар Бобил, дар давраи пеш ва баъди заволи Ерусалим соли 586 қабл аз милод зиндагӣ кардааст. Пайғоми ӯ огоҳӣ, тавба ва умед буд. Ин он вақт сар шуд,  ки Худо ӯро вазифадор кард.

*Чунон ки намуди рангинкамон дар абр дар рӯзи борон мешавад, намуди дурахш гирдогирдаш ончунон буд; ин – намуди сурати ҷалоли Худованд буд; ва*

*ҳамин ки онро дидам, бар рӯи худ афтодам, ва овози ӯро шунидам, ки сухан меронд. Ва ба ман гуфт: "Эй писари одам! Ман туро назди банӣ-Исроил мефиристам, назди сибтҳои исёнгаре, ки ба Ман осӣ шудаанд; онҳо ва падаронашон пеши Ман то худи имрӯз гуноҳкор мебошанд. Ва онҳо хоҳ бишнаванд ва хоҳ аз шунидан рӯй тобанд, - зеро ки онҳо хонадони исёнгар мебошанд, - вале хоҳанд донист, ки набие дар миёни онҳо буд.* Ҳизқиёл 1:28-2:3,5

Ҳизқиёл аз тарафи Худо таъин шуд, ки ба назди халқи муайян бо пайғоми махсус биравад. ӯ рафт ва Худо ӯро баракат дод.

**Павлус**

Дар рӯзҳои Аҳди Ҷадид одаме буд, ки ба муқобили масеҳиён мубориза мебурд. Ин одам Павлус буд ва таҷрибан гаравишеро, ки ҳаёташро дигар кард, аз сар гузаронд. Баъди чанд рӯзи масеҳиятро қабул кардани Павлус Худо Ҳанониёро ба пеши ӯ фиристод. *Аммо Худованд ба вай гуфт: "Ту бояд биравӣ, зеро ки ӯ зарфи баргузидаи Ман аст, то ки исми Маро пеши халқҳо ва подшоҳон ва банӣ- Исроил эълон намояд. Аъмол 9:15*

Павлусро Худо таъин кард, ба ӯ фармон дод, вазифадор кард ва ин кофӣ буд, ки ӯ фавран баъди қабули масеҳият ба мавъиза сар кунад. *Дарҳол аз чашмони ӯ чизе монанди пулакча афтода, бино шуд, ва бархоста, таъмид гирифт. Ва хӯрок хӯрда, қувват гирифт. Якчанд рӯз Шоул бо шогирдон дар Димишқ монд. Дарҳол дар куништҳо дар ҳаққи Исо мавъиза кардан гирифт ва гуфт, ки ӯ Писари Худост. Ҳар кӣ суханонашро мешунид, дар ҳайрат афтода, мегуфт: "Магар ин ҳамон касе нест, ки дар Ерусалим касонеро, ки ин исмро ба забон меоварданд, несту нобуд мекард? Оё ба ин ҷо низ ӯ барои он наомада буд, ки онҳоро бандӣ карда, назди саркоҳинон барад?" Аммо Шоул дар мавъизаи худ торафт бештар қувват мегирифт ва яҳудиёни сокини*

*Димишқро дар ҳайрат андохта, исбот мекард, ки ҳамин Исо Масеҳ аст.* Аъмол 9:18-22

Дар бораи даъвати худ, Павлус гуфт, *Павлуси ҳавворӣ, ки на аз ҷониби одамон ва на ба воситаи одамизод аст, балки ба василаи Исои Масеҳ ва Худои Падар, ки ӯро аз мурдагон эҳё кардааст.* Ғалотиён 1:1

Павлус аз тарафи Худо таъин шуд, интихоб шуд ва вазифадор карда шуда буд. Дар асоси ин таъинкунӣ ӯ нирӯмандона мавъиза кард.

Бисёр тасвирҳо дар Аҳди Ҷадид ва Қадим мавҷуд ҳастанд, ки аз тарафи Худо даъват кардани одамро нишон медиҳанд. Барои ин одамон, ин даъват кофӣ буд, ки ба пеш раванд ва кори Худо фармударо иҷро кунанд.

Шумо хоҳед гуфт, ки дар ҳаёти ин одамон, таъинкунии лозимӣ аз тарафи Худо омад, на аз тарафи одам. Ҳамаи ин одамон эътироф карданд, ки Худо онҳоро барои рӯҳонияти махсус таъин кард. Онҳо пеш аз сар кардани рӯҳонияти худ амр ё маъқул донистани одамро надоштанд.

**Аҳди Ҷадид дар бораи таъинкунӣ чӣ мегӯяд?**

*На шумо Маро баргузидаед, балки Ман шуморо баргузидаам ва шуморо таъин кардам, ки шумо биравед ва мева оваред, ва меваи шумо бимонад, то ки ҳар чӣ аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо ато кунад.* Юҳанно15:16

*Дар ҳар калисо барои онҳо пиронро таъин карданд ва бо дуо ва рӯза онҳоро ба Худованде, ки ба ӯ имон оварда буданд, супурданд.* Аъмол 14:23 Калимаи “таъин кардан”-ро ( appoint), ки ҳамчун “ordained” таъин кардан тарҷума

шудааст, он вақт истифода бурданд, вақте ки  Павлус ва Барнаббо ҳангоми бозгашт аз дидани калисоҳо дар сафари рӯҳонии якуми худашон одамони муайянро интихоб карданд. Калимаи юнонии дар ин ҷо истифодашуда маънои  " интихоб тавассути даст бардоштан"-ро дорад.

Дар Аҳди Ҷадид тасвири расмии таъинкунӣ нест. Дар он вақт русуми эътирофи онҳое,  ки аз тарафи Худо даъват шудаанд, вуҷуд дошт. Бинобар ин хидматгузории расмиро метавон бештар аз эътирофи таъинкунӣ ҳисоб кард. Калисо ва калисоҳо ба таври умум эътироф мекунанд, ки онҳо боварӣ доранд, одам аз тарафи Худо барои рӯҳониёти махсус таъин шудааст. Онҳо тасдиқ мекарданд, ки ба он чӣ онҳо боварӣ доштанд аллакай рӯй дод.

**Масъулияти калисо дар хидматгузории шиносоӣ.**

1. Калисо бояд вақт дошта бошад, то  ин одамро мушоҳида карда бинад, ки оё кори роҳибӣ / мавъиза карданро, ки  аз тарафи Худо ба ӯ дода шудааст иҷро карда метавонад ё не. Калисо бояд салоҳиятҳои сарвари калисоро бар тибқи Библия, ки дар 1 Тимотиюс 3:1-7 ва Титус омадаанд, имтиҳон кунад.

2. Калисо хидматгузории шиносоиро ба нақша медарорад.

3. Калисо метавонад калисоҳои дигарро дар хидматгузории шиносоӣ ширкат варзанд.

**Хидматгузории Шиносоӣ**

Ин вақти махсус ва муқаддас, пур аз тантана ва хурсандӣ аст. Тартиби хидматгузорӣ метавонад чунин бошад.

1. Пазирой, суханҳои кушодашавӣ, дуо.

2. Мусиқии мувофиқ.

3. Шиносоии мавъизакунанда, ки таъин шуда буд.

4. Вақт барои шӯро ё кумита, то ки ба мавъизакунанда баъзе суолҳо диҳанд. Ин саволҳо метавонанд чунин бошанд: Кай ӯ аз олами боло таваллуд ёфтааст, кай ӯ даъват шуд, ки мавъиза кунад, нуқтаи назари ӯ оиди он ки Библия каломи Худост, чист ва дигарҳо.

5. Шӯро метавонад якчанд дақиқа барои машварат ҷудо кунад. Ва баъд онҳо ба як хулосаи даркорӣ меоянд. Онҳо метавонанд қарор кунанд: a. ҳамчун таъиншуда шинос кунанд; b. ҳамчун таъиншуда шинос накунанд;

c. хулосаро ба вақти баъдтар монанд.

6. Шӯро дастурҳои худро ба калисо медиҳад.

7. Одами обрӯманди Худо ваъз мегӯяд.

8. Дуо ва сипосгузорӣ ва илтимос кардани баракати Худо.

9. Амале, ки дар 1 Тимотиюс 4:14 дида мешавад, бо гузоштани дастҳои пирон бар сари мавъизакунанда ба ҷо оварда мешавад.

10. Муаррифии мавъизакунанда бо шиносоии пурраи таъинкунӣ.

11. Дуои пӯшидашавӣ.

Баъзе калисоҳо ба мавъизакунанда китоби хуби сифатноки Библия медиҳанд.

Баъзе одамон мепурсанд:

Оё воиз бе ин хидматгузории расмӣ кор карда метавонад?

Бале, бе шубҳа.

Инсон метавонад пеш аз мавъиза кардан хидматгузории расмӣ дошта бошад? Албатта не; ба Павлус нигаред.

Мавъизакунанда ё роҳиб метавонад бе хидматгузории расмии шиносоӣ хидматгузории таъмидро ба ҷо орад? Бале, ӯ метавонад. Библия инро манъ намекунад.

Оё роҳиб метавонад дар хӯроки Шоми Охирон сарварӣ кунад, агар ӯ хидматгузории расмии шиносоӣ надошта бошад? Ҳа.

Оё ягон роҳе ҳаст, ки бар тибқи он хидматгузории шиносоӣ гузаронда шавад. Не. Дар бораи маросими гузарондани хидматгузории шиносоӣ дар Библия хеле кам гуфта

шудааст.

Оё кас метавонад роҳиби доимо коркунанда бошад, агар ӯ хидматгузории шиносоиро надошта бошад? Ҳа.

**ХУЛОСА:**

Лозим ба ёдоварист, ки даъвати одам бояд аз тарафи Худо бошад. Қудрати ӯ бояд аз тарафи Худо бошад. Пайғоми ӯ бояд аз тарафи Худо бошад. Ҳокимияти ӯ бояд аз тарафи Худо бошад. Одам метавонад ё

наметавонад мӯҳри тасдиқи худро аз болои он одаме, ки Худо даъват кардааст, гузорад. Онҳоеро, ки баракати хидматгузории шиносоӣ надошта бошанд, аз онҳое ки чунин хидматгузорӣ доштанд, набояд камтар ҳисоб кард. Ғамангез аст, ки баъзе гурӯҳҳои динӣ одамро ба мақоми баланд бардошта, ба ӯ унвони "ҳазрат" мебахшанд. Ин мухолифи таълимоти Библия аст.

Хидматгузории шиносоӣ ҳодисаи хеле зебо ва пурмаъно дар ҳаёти воиз ва калисо аст. Ин бохирадона аст, ки баъди вақти муайяни рӯҳониёт ва озмоиш, одам бояд эътирофи умумро аз тарафи калисо пазироияд. Ин мавридест, ки калисо метавонад фахрмандона дар пеши ҳама дасти воизро фишорад ва гӯяд; "Мо бо шумоем, ва боварӣ дорем, ки Худо шуморо барои рӯҳонияти махсус даъват кардааст".

## БОБИ 39

## ОЁ РОҲИБ МЕТАВОНАД КОРИ ДИГАРРО ҲАМ ДОШТА БОШАД?

Роҳиб метавонад кори роҳибиро пеш барад ва дар баробари он аз ягон кори дигар даромад гирад? Ҷавоб ба ин савол аз эҳтиёҷоти пулию молии оилаи роҳиб, ҳамчунин аз қобилияти калисо дар додани маблағи пурра вобастагӣ дорад.

Калисоҳо бо миқдори аъзоёни кам бисёр вақт наметавонанд ба роҳиб музди мувофиқе бидиҳанд. Дар чунин ҳолат дуруст аст, ки роҳиб дар ягон ҷои дигар ҳам кор кунад, то ин ки эҳтиёҷоти оилаашро таъмин кунад. Он одамоне, ки чунин мекунанд, онҳоро "роҳибони ду касба" меноманд. Фисади зиёди калисоҳои ҷаҳонро роҳибоне сарварӣ мекунанд, ки касби дигар ҳам доранд. Роҳибе, ки кори дунявиро хуб ба ҷо меорад,

ва вақте ки ягон эҳтиёҷот пайдо мешавад, кори роҳибиро он қадар хуб иҷро намекунад.

Қадру қиммат дар кор аст, ҳатто дар меҳнати ҷисмонӣ. Он касе, ки мегӯяд: "Худо маро даъват кард, ки мавъиза кунам, бинобар ин, барои ман ба ҷо овардани корҳои дигар дуруст нест" қадру қиммат надорад. Агар роҳиб барои пӯшондани эҳтиёҷоти оилаи худ пули кофӣ нагирад, ӯ набояд дар як ҷо истода интизори мӯъҷиза ё садақае шавад; ӯ бояд барои худ кор ҷустуҷӯ кунад, ҳатто кори муваққатӣ. Павлус чунин гуфт, Аммо агар касе ба хешу табораш ва алалхусус ба аҳли хонааш ғамхорӣ накунад, вай тарки имон кардааст ва аз беимонон бадтар аст. 1 Тимотиюс 5:8

Павлус мисоли барҷастаи мавъизакунандаи бузурги Инҷил буд, ва дар айни замон ӯ барои пеш бурдани ҳаёташ корҳои дигарро иҷро мекард. Дар Аъмол 18:1-4 Библия мегӯяд.

Баъд аз ин Павлус Атиноро тарк карда, ба Қӯринтус омад. Дар он ҷо Акило ном марди яҳудӣ, ки зодгоҳаш Понтус буда, ба қарибӣ бо ҳамсараш Прискила аз Италия омада буд, - зеро Клавдиюс фармон дода буд, ки ҳамаи яҳудиён аз Рум бираванд, - ва Павлус бо онҳо шиносоӣ пайдо кард ва назди онҳо омад. Ва азбаски монанди онҳо ҳунари хаймадӯзӣ дошт, назди онҳо монда, ба кор машғул шуд. Ҳар рӯзи шанбе ӯ дар куништ сухан ронда, саъю кӯшиш менамуд, ки яҳудиён ва юнониёнро мӯътақид гардонад.

**ХУЛОСА**

Барои одам фароҳам овардани имконияти мавъизаи Инҷил хуб аст. Хоҳиши будани роҳиби доимокоркунанда муқаррарист.

Барои одам таъмин накардани эҳтиёҷоти оила кори носолим аст. Одам ягон паёмро набояд мавъиза кунад, агар ӯ ба оилааш ба таври бояду шояд ғамхорӣ накунад. Агар калисо ба роҳиб музди мувофиқ дода наметавонад, ӯ бояд барояш ягон кори дигар ёбад. Худо кори берун аз калисои роҳибро ба монанди кори ӯ дар дохили калисо баракат медиҳад.

## БОБИ 40

## ЧӢ ХЕЛ МАН ВАЗЪРО ТАЙЁР КУНАМ

1. Аз аввали тайёрӣ ба вазъ то анҷоми он, шумо бояд пур аз дуои ҷиддӣ бошед.

2. Шумо бояд огоҳ бошед, ки вазъ кардан вазифаи хеле ҷиддист. Ин дилхушӣ нест.

3. Кӯшиш кунед ҳар рӯз барои Худо зиндагӣ кунед. Шумо бояд намунаи хуб бошед.

4. Шумо бояд донишҷӯи Библия бошед. Ин маънои онро надорад, ки ҳамаи он чиро, ки дар Библия аст донед, вале шумо бояд ҳамеша онро хонед. (Ин ҳамчунин маънои онро надорад, ки шумо бояд таълимоти расмии Библия дошта бошед).

5. Шумо бояд дар талаби рафтори инсонӣ бошед.

6. Шумо бояд сарчашмаи дониши худ ва қудрати худро донед. Ин Рӯҳулқудсест, ки шуморо роҳнамоӣ мекунад ва ба шумо қувва мебахшад.

Вақти тайёрӣ

Донед, ки ҳадафи шумо кист. Бифаҳмед, киро шумо мавъиза мекунед. Ду навъ ҳаст; наҷотёфтаҳо ва наҷотнаёфтаҳо.

Наҷотнаёфтаҳо

Агар ҳадафатон наҷотнаёфтаҳо ҳастанд, пайғоматон бояд инҷилӣ бошад. Ин ба одамон мегӯяд, ки чаро ба онҳо зарур аст, наҷот ёбанд ва чӣ хел онҳо метавонанд наҷот ёбанд. Библия пур аз порчаҳоест, ки ба наҷотнаёфтаҳо бахшида шудаанд. Баъзе аз онҳо чунинанд: Аъмол 16; Аъмол 2; Румиён 3-5,10; Юҳанно 1,3,5; Эфсӯсиён 2; Ғалотиён 2; Марқӯс 8,10.

Наҷотёфтаҳо

Ин ҳадафи онҳоест, ки аз олами боло таваллуд шудаанд. Ҳама вақт дар хидматгузориҳои ибодатӣ онҳое иштирок мекунанд, ки аз олами боло таваллуд ёфтаанд. Вале дар байни ин қадар бисёр эҳтиёҷотҳое ҳастанд, ки навъҳои гуногуни вазъро талаб мекунанд.

Ин маънои онро дорад, ки чӣ қадар бисёртар мавъизакунанда дар бораи вазъиятҳои рӯҳонии одамон медонад, ҳамон қадар беҳтар ӯ ба ҳадафҳои худ мерасад. Бо гуфтани “ба ҳадаф расидан” мо мавъизаеро дар назар дорем, ки вазъ ҷавобгӯи эҳтиёҷоти одамон бошад. Дар байни ҳадафи умумӣ – имондорон, ба мавъизакунанда лозим аст, ки ба эҳтиёҷотҳои муҳими гурӯҳ ҳассос бошад.

Байни имондорон мавъизакунанда эҳтиёҷотҳои муайянеро мебинад, ки онҳоро бояд иҷро кунад. Баъзе аз ин эҳтиёҷотҳо чунин ҳастанд:

- Дилгармии монанди содиқ.

Библия пур аз порчаҳост барои чунин вазъ. Намунаҳои хуб инҳо ҳастанд: Ибриён 11, 12; Ғалотиён 5; Қӯлассиён 3; Филиппиён 3; Еҳушаъ.

•□□□□□□□ Аз нав изҳор кардани садоқати худ барои онҳое, ки руҳан он қадар хуб рушд наёфтанд (тавба кардан ва бозгаштан).

Намунаҳо дар: Забур 51; Луқо 15; Румиён 12; Забур 32, 139

•□□□□□□□ Диллдорӣ дар вақтҳои ғамгинӣ

Оятҳо дар ин бора инҳоянд: Забур 23; Юҳанно; Юҳанно 10; 2 Қӯринтиён 4.

•□□□□□□□ Омӯхтани таълимоти мазҳабӣ. Одамон ҳама вақт ба донишҳои бузурги таълимоти Библия эҳтиёҷ доранд. Ин таълимотҳоро ақидаҳо (доктрина) меноманд ва онҳо қариб дар ҳар боби Библия вомехӯранд. Баъзе аз ин порчаҳо инҳо ҳастанд:

Муҳаббат – 2 Қӯринтиён 13; Гуноҳ – Румиён 3, 6, 7;

Марг – 1 Қӯринтиён 15, 2 Қӯринтиён 4,5; Бозгашти дуюми Исо – 1 Таслӯникиён 4, Аъмол 1; Таъмид – Аъмол 8, Матто 3; Салиби Исо – Луқо 23, 1 Қӯринтиён 2; Амнияти имондорон – Румиён 8.

•□□□□□□□ Илҳом. Одамон ҳама вақт барои доштани ҳаёти масеҳӣ ба илҳом эҳтиёҷ доранд. Филиппиён 1-4; 1 Таслӯникиён 5; Румиён 5, Аъмол 2,3,4, Наҳамё 6; Еҳуша 24; Матто 28:18-20; Матто 5-7.

Ба воситаи дӯстию бародарӣ бо одамон, мавъизакунанда метавонад баъзе эҳтиёҷоти гурӯҳро ошкор кунад. Аз ин дониши он ки одамон дар сафари рӯҳонии худ дар куҷо ҳастанд мавъизакунанда метавонад аз Худо пайғомеро талаб кунад, ки ба эҳтиёҷоти гурӯҳ хубтар наздик аст.

Дар хотима мо мебинем ки:

1. Мавъизакунанда бояд шахсан ба мавъиза кардан тайёр бошад. Ин садоқати шахсӣ ба Исо, зиндагии пок, донишҷӯи Библия будан ва одами дуо будан маънӣ дорад.

2. ӯ бояд ҳадафи худро донад (онҳое, ки ӯро мешунаванд).

3. ӯ бояд ба ҳадафаш расида, эҳтиёҷотҳои махсусеро, ки ҳангоми мавъизаи пайём вомехӯранд муайян кунад.

4. ӯ бояд бо дуоҳояш дар ҷустуҷӯи пайғоми Худо аз Библия бошад, ки ҷавобгӯи эҳтиёҷоти шунавандаҳо бошад.

Чӣ хел пайғомро тайёр мекунанд

Бисёре аз тайёриҳо он вақт мешаванд, ки чор марҳилаи аввалро, ки дар бораи онҳо дар боло зикр кардем, ба ҷо оварда шаванд. Вале тайёрии беш дар пеш аст.

Аз Навиштаҳо порчаеро бояд ёфт, ки дар он Худо дар бораи эҳтиёҷоти одамон сухан мекунад. (Аз ҳама хуб барои мавъизакунанда он аст, ки ҳар рӯз Библияро хонад, аққалан 20 боб дар як ҳафта ва агар ӯ вақт дошта бошад, бигузор бисёртар хонад. Аққалан дар як сол як бор хондани Библия барои мавъизакунанда аз ҳар омӯзишҳои махсус беҳтар аст. Вақте ки мо Библияро мехонем мо медонем, ки ҳангоми ҷавоб додан ба эҳтиёҷоти мардум кадом ҷои Навиштаро истифода барем).

Вақте ки шумо матнро – Навиштаеро, ёфтед ки ҳамчун асос барои вазъ истифода хоҳед бурд – шумо онро чандин бор хоҳед хонд. Онро калима ба калима ва оят ба оят таҳлил кунед. Барои худ қайд кунед. Калимаҳои муҳимро ёбед. Ҳақиқатҳои муҳими матнро ёбед. Порчаҳои дигари Библия, ки ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд, ёбед ва оятҳоро дар вазъи худ истифода баред. Ҳикояҳои Библияро барои тасвири ҳақиқатҳои бузурге, ки дар матн ёфтед, истифода баред.

Порчаро хонед, ва ҳама вақт аз Худо хирад ва нирӯ талаб кунед. Баъд вақте ки мавриди мавъиза мерасад, дили шумо аз ҳаяҷон дар бораи пайғоми Худо, ки шумо ба мардум мерасонед, ба изтироб меояд.

Панҷ нуқтае дар бораи мавъиза аст, ки кас мехоҳад омӯзад, вале вақте ӯ корҳои дар боло зикршударо ба ҷо меорад, ӯ метавонад нерӯмандона мавъиза кунад. Ҳаёти одамҳо дигар мешавад, вақте ки Каломи Худо мавъиза мешавад. Дар хотир дошта бошед, ки калид ба сӯи муваффақиятҳо одами содиқ зери сарварии Рӯҳулқудс Каломи Худоро мавъиза мекунад.

**БОБИ 41**

ЧӢ ХЕЛ МАН ДАЪВАТНОМАРО ТАҚДИМ КУНАМ?

Баъд аз вазъ одатан даъваткунӣ оғоз меёбад. Даъваткунӣ мавридест, ки шунавандаҳо фурсат доранд доир ба пайғоми маъвизашуда фикру мулоҳизаи худро баён кунанд. Ҳама вақт маъвизакунанда бояд фикру мулоҳизаҳоро ба паём интизор бошад. Ин изҳори фикр на ҳама вақт маънои хулосабарории умум баъди вазъро дорад. Ҷавобҳои амиқ ва хомӯш баъзе вақтҳо бе додани ягон даъватномаҳо ба амал оварда мешаванд. Вале бисёр вақт дар байни шунавандаҳо одамоне ҳастанд, ки

онҳо ба хулосабарории умум эҳтиёҷ доранд. Ин маънои онро дорад, ки ба маъвизакунанда зарур аст ин хел одамонро даъват кунад, ки фикрҳояшонро кушоду равшан изҳор намоянд.

**Чаро баъзе роҳибон даъватномаҳои умумро намедиҳанд?**

1. Онҳо пайғоми фаврӣ надоранд.

2. Онҳо аз шароитҳои гумроҳии одам огоҳӣ нестанд.

3. Онҳо шармгин ҳастанд, ва он ҷасурие, ки аз тарафи Худо меояд, надоранд, ҷасурие ки бояд хоси ҳар маъвизакунанда бошад.

4. Онҳо дар чӣ хел додани даъватнома таълимот нагирифтаанд.

Ба худ одамеро бо мошини боркаши пур аз хӯрок тасаввур кунед. ӯ одамони бисёреро, ки аз гуруснагӣ азоб мекашанд, ҷамъ кард ва ба онҳо мегӯяд, ки ӯ хӯроки бисёр дорад. ӯ хӯрокҳоро хеле муфассал тасвир мекунад; одамон дар интизори лабҳои худро мелесанд. Ин одам мегӯяд, ки хӯрок барои ҳама бепул аст. ӯ ба онҳо муфассал мегӯяд чӣ хел онҳо бояд хӯрокро гиранд. Баъд чун ҳамаи одамон мунтазир ҳастанд, ӯ ба мошин даромада рафт. ӯ нагуфт, ки биёед ва бихӯред.

Ин тасвири одамест, ки дар бораи роҳҳои ҳаёти ҷовидонӣ маъвиза мекунад ва ҳаргиз намегӯяд, ки "Биёед". "Биёед" ин даъват аст. Он кореро, ки одами хӯрокдор карда буд хеле нохуб буд. Барои маъвизакунанда бадтар аст, агар ӯ сулҳу осоиш, хурсандӣ ва мақсади ҳаёти навро тасвир карда ба одамон барои қабул кардан ва пайравии Масеҳ даъвати рӯшан намедиҳад.

Худо ба маъвизакунанда паём медиҳад, то ки бо он одамонро барои пайравӣ даъват кунад.

Исо одамонро даъват кард, ки ӯро пайравӣ кунанд. *Пас аз он ки Яҳё таслим карда шуд, Исо ба Ҷалил омад ва Инҷили Малакути Худоро мавъиза кард. Ки вақт расидааст ва Малакути Худо наздик аст: "Тавба кунед ва ба Инҷил имон оваред". Ва чун аз канори баҳри Ҷалил мегузашт, Шимъӯн ва бародараш Андриёсро дид, ки дар баҳр тӯр меандохтанд, зеро ки сайёди моҳӣ буданд. Ва Исо ба онҳо гуфт: "Маро пайравӣ кунед, ва Ман шуморо сайёди мардум гардонам". Дарҳол онҳо тӯри худро монда, аз паи ӯ равона шудаанд.* Марқӯс 1:14-18

Исо роҳашро давом дода Яъқуб ва Юҳанноро дид. *Ва дарҳол онҳоро даъват намуд. Онҳо падари худ Забдойро дар қаиқ бо коргарон гузошта, аз паи ӯ равона шуданд*. Марқӯс 1:20

Мо инро дар ҳолати дигар мехонем. *Ва боз ба канори баҳр рафт; мардум ба назди ӯ омаданд, ва ӯ онҳоро таълим медод. Ҳангоми рафтанаш Левӣ ибни Ҳалфойро дид, ки дар боҷгоҳ нишастааст, ва ба вай гуфт: "Аз паи Ман биё". Вай бархоста, аз паи ӯ равона шуд.* Марқӯс 2:13-14

Шумо мебинед, ки Исо хабари хуши Малакути Худоро маъвиза кард, ва баъд ӯ одамонро даъват кард, ки ӯро пайравӣ намоянд. Ҳамчунин шумо мебинед, ки он ҷо одамони зиёде буданд, вале Исо аз даъвати одамон дар ҳиҷолат набуд. ӯ бахшиш напурсид. Даъвати ӯ бепарда буд; он кушоду равшан буд; он бевосита ба мардум нигаронда шуда буд. Тамоми халқ, дӯстон, аъзоёни оила ин паёмро шуниданд вале фақат якчанд нафар дар пеши ҳама ӯро пайравӣ намуданд. Нисбати хулосабарорӣ дар пеши ҳамагон Исо гуфт, *Пас, ҳар кӣ Маро дар назди мардум эътироф кунад, Ман низ ӯро дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, эътироф хоҳам кард. Лекин*

*ҳар кӣ Маро дар назди мардум инкор кунад, Ман низ ӯро дар назди Падари Худ, ки дар осмон аст, инкор хоҳам кард*. Матто 10:32-33

Чун шумо аз Инҷилҳо омӯхтед, шумо хоҳед дарёфт, ки Исо пайғомро бевосита ба дили одамон маъвиза мекунад, ва баъд ӯ онҳоро даъват кард, ки хулоса бароранд.

**Чӣ хел маъвизакунанда бояд даъват кунад?**

1. Аввал, ӯ бояд ба хулосае биёяд, ки баъди ҳар пайғоми маъвизакарда даъвати рӯшан ва пурмаъно диҳад.

2. ӯ бояд бифаҳмад, ки даъваткунӣ ин қисми вазъ аст.

ӯ набояд вазъро анҷом дода, даъватро ба он илова намояд. Даъват қисми хотимавии вазъ аст. Ин маънои онро дорад, ки мавзӯи вазъ маълум мекунад, ки кадом хел даъват бояд дода шавад. Агар маъвиза дар бораи даҳякдиҳӣ бошад, пас даъват низ барои одамоне ҳамст, ки оид ба даҳяк ба хулосае биёянд. Агар маъвиза дар бораи дуо бошад, пас даъват барои Масеҳиён аст, ки барои дуо вақти бисёр ҷудо кунанд. Агар ӯ ба гурӯҳи аъзоёни хеле содиқи калисо маъвиза кунад, албатта ӯ онҳоро барои таваллуд аз олами боло даъват намекунад. Даъват метавонад барои содиқияти бештаре ба Исо бошад.

3. Чун даъват қисми вазъ аст, вақте ки ӯ онро тайёр мекунад, ӯ ҳамчунин қисми охири вазъ – даъватро низ тайёр мекунад.

4. Хондани суруд ҳамчун қисми даъват ҳамеша қобили қабул аст.

Суруди даъват қисми вазъ аст. Маъвизакунанда бояд сурудро интихоб кунад. Интихоби суруд бо якҷоягии он касе, ки ба мусиқӣ масъул аст ба амал оварда мешавад. Онҳо ин корро пеш аз саршавии хидматгузории ибодатӣ мекунанд. Суруд бояд барои ҳама маълум бошад. Ҳамаи аъзоёни калисо одатан суруди даъватро мехонанд. Баъзе вақтҳо танҳо суруди хор хонда мешаванд.

5. Маъвизакунанда бояд баёни муфассали он, ки одамон бояд чӣ кунанд, дошта бошад – даъват бояд кушоду равшан бошад.

Гуфтани он, ки "Агар хоҳед Исоро пайравӣ кунед ба пеш биёед" кофӣ нест. ӯ бояд шарҳ диҳад, ки чаро онҳо ба пеш биёянд. ӯ бояд ба онҳо гӯяд, ки вақте ки онҳо ба пеш меоянд, чӣ кор хоҳанд кард. Одамони наҷотнаёфта тарсончак ва безобита ҳастанд. Онҳо фикр мекунанд, ки он рӯзе, ки агар онҳо ба ҷустуҷӯи Масеҳ мебароянд, онҳоро таъмид хоҳанд дод.

6. Маъвизакунанда набояд одамонро бо ҳила ба як қарор омадан водор кунад.

Агар маъвизакунанда аз одамон талаб мекунад, ки дастро бардошта нишон диҳанд, ки онҳо ба наҷот эҳтиёҷ доранд, ӯ набояд ҳар касеро, ки даст бардошт ба пеш даъват кунад. Ин бо ҳила водоркунии одамон аст.

7. Даъват бояд фардӣ бошад.

Маъвизакунанда бояд ҳангоми даъват аз тиреза ба берун нигоҳ накунад. ӯ набояд ба минбар ё китоби сурудҳои динӣ нигоҳ накунад. ӯ бояд амиқ ба дили одамон нигоҳ кунад, чун ӯ рӯи онҳо ва чашмони онҳоро бинад. (Ин маънои онро надорад, ки муддати дарозе ба чашмони як одам нигоҳ кунад). Ҳангоми даъвати фардӣ маъвизакунанда бояд ҷонишинҳои

шахсиро ба монанди оилаи шумо, ҳаёти шумо, мо, аз они мо, ман, ва ғайраҳоро ба кор барад.

8. Маъвизакунанда бояд байни суханҳои хотимавии пайғом ва суруди даъват пайвастагӣ дошта бошад.

## БОБИ 42

## ВАЗИФАҲОИ (РОЛ) РОҲИБ ВА АЪЗОЁНИ КАЛИСО КАДОМҲОЯНД?

Чӣ хел роҳиб ва аъзоёни калисо ба нақшаи Худо барои калисо мувофиқ меоянд? Сараввал, биёед ба нақшаи Худо барои калисо назар андозем. Оё Худо барои инсоният нақшаи ҷовидонӣ дорад, то ки халқи ӯ онро фаҳмад? Албатта, Библия ба мо ошкор мекунад, ки Худо дар гузашта чӣ кард, ба мо тасвири он ки ҳозир мо чӣ кор мекунем ва дар оянда чӣ кор хоҳем кард.

Мо медонем, ки дар гузашта инсон гуноҳ кард ва аз Худо ҷудо шуд. Барои кашидани инсон ба сӯи Худ, Худо одамони бузургеро истифода мебарад, ки ба василаи имон бо ӯ муносибат доранд. Сипас ӯ халқи яҳудиро интихоб кард ва тавассути кор бо онҳо муҳаббати Худро нишон дод. Худо пайғомбаронро фиристод то аз номи ӯ гап зананд. Охир, Худо Худаш ба замин дар ҷисми Писари Худ, Исо омад. (Юҳанно 1:14) Исо тавбакунӣ ва бахшишро мавъиза кард ва одамон ӯро куштанд. Дар марги Худ Исо барои озод шудан инсон аз гуноҳ қурбонӣ ё музде шуд, - агар онҳо ба василаи имон ин қурбониро пазироянд.

Агар касе Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд қабул кунад ӯ бо Исо ҳамкор мешавад ва аъзои гурӯҳи Худо барои дигар кардани ҷаҳон мешавад.

Библия мегӯяд, *Зеро ҳар киро, ки  ӯ пешакӣ шинохтааст, онҳоро низ пешакӣ муайян кардааст, ки ба сурати Писараш монанд шаванд, то ки ӯ дар миёни бародарони бисёр нахустзода бошад. Ва ҳар киро, ки ӯ пешаки муайян кардааст, онҳоро низ даъват намудааст; ва ҳар киро, ки даъват намудааст, онҳоро низ сафед кардааст; ва ҳар киро, ки сафед кардааст, онҳоро низ ҷалол додааст.* Румиён 8:29-30

Исо дар бораи ҳаёти шогирдони Худ чунин гуфт, *"То даме ки нур бо шумост, ба нур имон оваред, то ки писарони нур гардед". Ин суханонро гуфта, Исо аз пеши онҳо рафт ва пинҳон шуд*. Юҳанно 12:36

Исо калисоро созмон дод, ки барои паҳн кардани Хабари Хуш масъулиятдор аст.

*Ва ба ҳама равшан намоям, ки чист ваколати сирре ки аз азал ниҳон буд дар Худое ки ҳама чизро ба василаи Исои Масеҳ ба вуҷуд овард. То ки ҳоло ба воситаи Калисо ба сарварон ва ҳукуматдороне ки дар афлоканд, ҳикмати гуногуншакли Худо маълум гардад. Мувофиқи таъиноти азалӣ, ки онро ӯ дар Худованди Мо Исои Масеҳ ба амал овардааст.* Эфсӯсиён 3:9-11

*Ки онро ӯ ба мо ба фаровонӣ ато намуда, ҳамроҳи ҳар ҳикмат ва хирадмандӣ. Сирри иродаи Худро ба мо маълум кардааст, бар тибқи салоҳдиди Худ, ки пештар дар ӯ барқарор намуд. Вақте ки пуррагии замонҳо муяссар гардад, Худо ҳама чизро, хоҳ дар осмон бошад, хоҳ бар замин, зери сардории Масеҳ, яъне дар ӯ ҷамъ хоҳад кард. Мо низ дар ӯ, ки ҳама чизро бар тибқи азми*

*иродаи Худ ба амал меоварад, мувофиқи таъиноти ӯ пешакӣ муайян шуда будем. То мо, ки пештар ба Масеҳ умед бастаем, барои ҳамду санои ҷалоли ӯ вуҷуд дошта бошем.* Эфсӯсиён 1:8-12

Калисо пирӯз хоҳад шуд. Исо гуфт, Ва Ман ба ту мегӯям, *"Ту Петрус ҳастӣ, ва бар ин сахра Ман калисои Худро бино мекунам, ва дарвозаҳои дӯзах бар он ғолиб нахоҳад шуд".* Матто 16:18

Калисои Аҳди Ҷадид аз ҳисоби онҳое ташкил мешавад, ки аз олами боло таваллуд шудаанд ва Исоро дар таъмидкунӣ пайравӣ мекунанд. Дар Аъмол онҳоро ҳамчун одамони Роҳ меноманд. Онҳоро имондорон меноманд. Худо барои ин одамон нақшаи рӯшани пирӯзӣ дорад.

Павлус дар Эфсӯсиён, дар бораи бахшоишҳои гуногуне, ки Худо ба халқи Худ – ҳар аъзои калисо сухан мекунад. Ҳар бахшоиш бояд барои рушди ҷисм, калисо истифода бурда шавад. Калисо он вақт рушд меёбад, вақте ки рӯҳан болиғ мешавад ва аъзоёни нави он зиёд мешаванд. Чунин аст васеъшавии Малакути Худо дар замин.

Дар давраи фаъолияти заминӣ, калисо ҳеҷ гоҳ қувваи асосӣ нахоҳад шуд, вале таъсири он ҳис карда мешавад ва он ба қувваҳои иблис дар тамоми ҷаҳон таҳдид мекунад. Исо сари ин ҷисм ва сарчашмаи ҳаёти ин ҷисм аст, ва ӯ барои ин ҷисм нақшаи муайян дорад.

Биёед ба андешаи бахшоишҳои гуногуни ба аъзоён додашуда баргардем. Ин бахшоишҳоро барои Худо дар васеъкунии Малакути ӯ ба кор бурда мешаванд.

Библия мегӯяд, *ӯ баъзеро ҳаввориӣ, баъзеро анбиё, баъзеро башоратдиҳанда, баъзеро шубон ва муаллим таъин намуд. Барои такмили муқаддасон ба кори ибодат, ба бинои Бадани Масеҳ.* Эфсӯсиён 4:11-12

ӯ бахшоишҳои гуногуни рӯҳоният дод. Ин бахшоишҳо бояд дар рушди ҷисми Исо истифода бурда шаванд.

**Мақоми роҳиб ва аъзоён дар инкишофи калисои маҳалӣ чист?**
Фаъолияти роҳиб ва фаъолияти аъзоёни калисо дар васеъшавии Малакути Худо чист?

Мо ба ду нуқтаи назари муқаррарии рӯҳоният нигоҳ мекунем. Якум, нуқтаи назари анъанавии маъмул ва дуюм, нуқтаи назари Библиявӣ.

**Нуқтаи назари анъанавӣ** он вақт маъмул шуд, вақте ки дини масеҳӣ дар тамоми империяи Рум паҳн шуд ва диққати Император Константинро ба худ ҷалб кард.

Константин фаҳмид, ки аз ҷиҳати сиёсӣ як кардани қувва ва дини тезпаҳншуда амали хуб аст. Бинобар ин ӯ Руми бутпарастро масеҳӣ эълон кард.

Ин оғози ҳазорҳо соли тираву тор барои калисо буд. Китоби Библия танҳо барои одамони соҳибмаълумот дастрас буд. Одамон оддӣ ба чӣ имон оварданро аз ин одамон мешуниданд. Аз сарварони калисо ҳеҷ чиз намепурсиданд. Бисёр сарварони калисо табиатан масеҳӣ набуданд. Калисои Рум боз ҳам фосид шуд чун сарвари динии фосид бо номи

попҳо онро роҳбарӣ мекарданд. Мафҳуми рӯҳоният ташаккул ёфт, ки то асри бистуякум расида омад. Вазифаи Рӯҳоният танҳо барои одамони касбӣ буд. Аъзоён ба таври оддӣ ӯро пайравӣ мекунанд. Қудрат дар дасти одамони рӯҳониён буд.

Ислоҳоти бузург дар асри шонздаҳум дар калисо баъзе тағъиротҳо даровард. Мартин Лютер эълом дошт, ки Библия бояд ба одамони оддӣ низ дастрас бошад ва ҳар кас битавонад бевосита ба Худо ибодат кунад. Вале тафаккури сарварони динии ҳозира боз ҳам ториктар аст. Барои паҳншавии Ислоҳот чунин зарурият лозим аст, ки одам на танҳо аз имтиёзи роҳи бевосита сӯи Худо бархурдор шавад, балки масъулияти рӯҳониятро низ қабул кунад.

Ҷудоӣ байни рӯҳониён ва авом ҳоло ҳам хеле бузург аст. Халқи Худо дар пеш бурдани рӯҳоният дар ҷаҳон ва ҳамчунин дар калисо озод бошанд. Бисёр одамон аз он, ки "дин" ба ҳаёти онҳо "часпидааст" хаста шудаанд. Танҳо он вақт кор ва дин ба ҳам наздик мешаванд мақсади ҷовидонии Худо метавонад маънӣ дошта бошад. Ва танҳо он вақте, ки инсон қисми бошуури нақшаи ҷовидонии Худо бошад, ҳаёти ӯ пур аз хушу хурсандӣ хоҳад буд.

Нуқтаи назари анъанавии рӯҳониятро аз нақшаи зер беҳтар фаҳмид.

**НУҚТАИ НАЗАРИ АНЪАНАВИИ РӯҲОНИЯТ**

Барнома ва кори роҳиб / кормандонро пуштибонӣ мекунад.

иштирок мекунад

даҳяк медиіад

розигӣ медиҳад

**К**

**А**

**л**

**И**

**С**

**О**

**Р**

**О**
**Ҳ**
**И**
**Б**

Шаҳодат медиҳад

Ба аёдати беморон меравад

Гумроҳонро ба роҳи рост меорад

& кормандон

**Ҷ**

**А**
**Ҳ**
**О**
**Н**

Мувофиқи ин мафҳуми анъанавӣ, аъзоёнро “навкор” меноманд.

Кори навкор он аст, ки ба роҳиб дар кори рӯҳоният кӯмак кунанд.

Кӯмаки онҳо се шакл дорад:

Иштирок кунанд

Даҳяк диҳанд

Розигӣ диҳанд

Агар аъзоён ҳамаи инҳоро ба ҷо оранд онҳо аъзоёни бузург ҳастанд.

Одамони навкор онҳое ҳастанд, ки таълим дода нашудаанд. ӯ ба Роҳиб ва барномаи ӯ ёрӣ медиҳад.

Бо чунин мафҳуми рӯҳоният, "навкорон" нисбатан танбал менамоянд, ва онҳо гоҳ-гоҳ касеро ба Масеҳ меоранд. Аз ҳама беҳтарин онҳо кори, ба Рӯҳоният овардан касеро метавонанд ба ҷо оваранд.

Роҳиб ҳамчун рӯҳонии касбӣ шинохта мешавад.

ӯро "Падар", "Ҳазрат" ё "Роҳиб" меноманд.

ӯро ҳамчун Рӯҳонӣ меҳисобанд.

Вақте ки навкор ягон касеро пайдо мекунад, ки хоҳиши аз олами боло таваллуд шуданро дорад, ӯ бояд ба назди Рӯҳонӣ барои кӯмак ва дастур равад.

Одатан дар чунин ҳолат, роҳиб ҳангоми хидматгузории ибодати мақоми аввал дорад, ва аъзоёни дигарро ӯ "фақат навкорон" меномад.

Сафари якка барои роҳиб метавонад бузург бошад. ӯ аз унвонҳо ва таваїїӯҳи мардум бархурдор аст.

Роҳиб дар хати аввали мубориза дар ҷаҳон мебошад.

Одатан ин дунё роҳибро ҷиддан қабул намекунад. Одамон мегӯянд, “ӯ барои ин кор музд мегирад”.

Ин ҷаҳон ба Масеҳ пурра нагаравидааст, ва роҳиб бояд ҳама вақт кӯшиш кунад рӯҳонияти худро ба ҷо орад.

**КАЛИСО** → **РОҲИБ** → **ҶАҲОН**

КАЛИСО → РОҲИБ:
- Барнома ва кори роҳиб / кормандонро пуштибонӣ мекунад.
- иштирок мекунад
- даҳяк медиҳад
- розигӣ медиҳад

РОҲИБ → ҶАҲОН:
- Шаҳодат медиҳад
- Ба аёдати беморон меравад
- Гумроҳонро ба роҳи рост меорад
- & кормандон

Мувофиқи ин мафҳуми анъанавӣ, аъзоёнро "наввор" меноманд.

Кори наввор он аст, ки ба роҳиб дар кори рӯҳоният кӯмак кунанд.

Кӯмаки онҳо се шакл дорад:

- Иштирок кунанд
- Даҳяк диҳанд
- Розигӣ диҳанд

Агар аъзоён ҳамаи инҳоро ба ҷо оранд онҳо аъзоёни бузург ҳастанд.

Одамони наввор онҳое ҳастанд, ки таълим дода нашудаанд. ӯ ба Роҳиб ва барномаи ӯ ёрӣ медиҳад.

Бо чунин мафҳуми рӯҳоният, "навворон" нисбатан танбал менамоянд, ва онҳо гоҳ-гоҳ касеро ба Масеҳ меоранд. Аз ҳама беҳтарин онҳо кори, ба Рӯҳоният овардан касеро метавонанд ба ҷо оваранд.

Роҳиб ҳамчун рӯҳонии касбӣ шинохта мешавад.

ӯро "Падар", "Ҳазрат" ё "Роҳиб" меноманд.

ӯро ҳамчун Рӯҳонӣ меҳисобанд.

Вақте ки наввор ягон касеро пайдо мекунад, ки хоҳиши аз олами боло таваллуд шуданро дорад, ӯ бояд ба назди Рӯҳонӣ барои кӯмак ва дастур равад.

Одатан дар чунин ҳолат, роҳиб ҳангоми хидматгузории ибодати мақоми аввал дорад, ва аъзоёни дигарро ӯ "фақат навворон" меномад.

Сафари якка барои роҳиб метавонад бузург бошад. ӯ аз унвонҳо ва таваҷҷӯҳи мардум бархурдор аст.

Роҳиб дар хати аввали мубориза дар ҷаҳон мебошад.

Одатан ин дунё роҳибро ҷиддан қабул намекунад. Одамон мегӯянд, "ӯ барои ин кор музд мегирад".

Ин ҷаҳон ба Масеҳ пурра нагаравидааст, ва роҳиб бояд ҳама вақт кӯшиш кунад рӯҳониятии худро ба ҷо орад.

**НУҚТАИ НАЗАРИ БИБЛИЯ ДАР БОРАИ РӮҲОНИЯТ**

**ХУДО**

бахшоиш

б

а

х

ш

о

и

ш

ҳ

о

м

а

ҳ

о

р

а

т

ҳ

о

м

а

ш

ғ

у

л

и

я

т

к

о

р

Таълим медиіад

Роҳнамои мекунад

Рӯҳбаланд мекунад

**Р**

**OI**
**ИБ**

**К**

**А**

**Л**

**И**

**С**

**О**

Муаллим /

Деяқон /

Хонадор /

Ҳуқуқшинос
/



Ҷ
А
Ҳ
О
Н

Р

**Ва кормандон**

Ва кормандон

Аъзоёне, ки таълим гирифтанд акнун навкор нестанд. Навимондор навкор аст, вале агар ӯ аз шаш моі бештар навкор монад, калисо ва роіиб бояд барномаи калисояшонро аз сари нав бисанїанд.

Калисои дорои 100 аъзо бояд 100 рўіонќ (на роіиб) дошта бошад.

Аъзоён акнун дар іаёти худ дар калисо ва кор маъние ёфтанд, бо калисояшон муносибати ѕави доранд / барои наѕшаи їовидонии Худо кор мекунанд.

Пешаи оніо низ чунин аст –ворид шудан ба ин дунё, бо истифодаи маіоратіои Худо-додагќ іамчун воситаи ба даст овардани їаіон барои Масеі мебошад.

Худо ба аъзоён барои рўіоният ба іамдигар бахшоишіо додааст. Ин бахшоишіо таълим додан, рўібаландкунќ, паін кардан, ибодат кардан, ва дигар эітиёїотіои їисмро дар бар мегирад.

## БОБИ 43

## БИБЛИЯ ДАР БОРАИ ХИЗМАТГОРОН (ДЯКОНҲО) Чӣ МЕГӯЯД?

Акнун мо мебинем, ки Библия оиди ин мавзӯъ чӣ мегӯяд чунки баъзеҳо чунин суол медиҳанд, ки “Оё мо дар калисои худамон хизматгор дошта бошем ва онҳоро бояд таъин кунанд?” Финдли Едҷе, профессори намоён ва муаллиф дар китоби худ, “Ҷустуҷӯи қудрат дар дин” мегӯяд:” Дар асоси якчанд оятҳои Библия мо ба хизматгорон дар ҳаёти калисоҳои мо мақоми марказӣ додаем. Ҳатто амали таъинкунӣ гуфтаҳои Библияро

маҳдуд кард". Бисёриҳо кори хизматгоронро бар асоси системаи Библия ҳисоб мекунанд. Акнун мебинем, ки Библия дар ин бора чӣ мегӯяд.

Калимаи "deakon" аз калимаи юнонии Аҳди Ҷадид "diakonos" омадааст, ки маънояш хизматгор мебошад. Ин калима баъзе вақтҳо ба забони англисӣ ҳамчун рӯҳонӣ, ёрдамчӣ, деакон тарҷума мешавад вале асосан он ҳамчун хизматгор тарҷума мешавад. Ду калимаи юнонӣ барои хизматгор ва ғулом мавҷуд ҳастанд. Яке "doulos" ҳаст, ки итоати шахсӣ ба хоҷаро мефаҳмонад. Калимаи дигар

"diakonos" маънои хизмат кардан ба хоҷаро ифода мекунад. Павлус барои тасвири худ ҳарду калимаро истифода бурд. ӯ хизматгори ( doulos, Титус 1:1) Исои Масеҳ буд, ки барои хизмат ( diakonos 1 Қӯринтиён 3:5) ба Инҷил даъват шуда буд.

Мо ба роҳҳои гуногуни истифодаи " diakonos" – хизматгор дар Аҳди Ҷадид назар мекунем.

1. Дяконҳо барои тасвири хизматгузорони хонагиро ба кор бурда мешавад. Юҳанно 2:5,9

Дар тӯи арӯсӣ дар Қоно, Модари Исо ба хизматгорон (дяконҳо) гуфт: **"Ҳар чӣ ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред".**

2. Дяконҳо барои тасвири ҳукуматдорон истифода мешавад.

Павлус ба имондорон мегӯяд, ки ба ҳукуматдорон итоат кунанд. ӯ мегӯяд, … *Чунки вай хизматгори Худост бар нафъи Ту.*

3. Дяконҳо (хизматгорон) барои тасвири кори Масеҳ истифода мешуданд. Румиён 15:8

*Зеро ман мегӯям, ки Исои Масеҳ, ба хотири ростии Худо, барои махтунон хизматгузор шуд, то ки ваъдаҳои ба падарон додашударо ба иҷро расонад.*

4. Дяконҳо (хизматгузорон) барои тасвири муносибати шогирдони Исо ба Худованди худ истифода мешаванд.

*Ҳар кӣ ба Ман хизмат мекунад, бояд Маро пайравӣ намояд; ва ҳар куҷо ки бошам, ҳодими Ман низ он ҷо хоҳад буд; ва ҳар кӣ ба Ман хизмат мекунад, Падар вайро мӯҳтарам хоҳад дошт.* Юҳанно 12:26

*Ва барои он ки шумо низ аз вазъиятам ва корҳоям воқиф шавед, Тӯхиқӯс, ки бародари маҳбуб ва хизматгузори амин дар Худованд аст, шуморо аз ҳар хусус хабардор хоҳад кард.* Эфсӯсиён 6:21

*Чӣ тавре ки аз Эпафрос таълим гирифтаед, ки ӯ ҳамкори маҳбуби мо ва хизматгузори амине барои шумо дар Масеҳ аст.* Қӯлассиён 1:7

5. Дяконҳо (хизматгорҳо) барои тасвири муносибати шогирдони Исо боҳамдигар истифода мешаванд.

*Лекин дар миёни шумо набояд ин тавр шавад: балки ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгори шумо шавад. Ва ҳар кӣ хоҳад дар байни шумо нахустин бошад, ғуломи шумо шавад.* Матто 20:26-27

*Бузургтарини шумо хизматгори шумо бошад*: Матто 23:11

*ӯ нишаста, он дувоздаҳро наздаш хонд ва ба онҳо гуфт: "Ҳар кӣ мехоҳад нахустин бошад, вопасин ва хизматгори ҳама шавад".* Марқӯс 9:35

*Лекин дар миёни шумо набояд ин тавр шавад: балки ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгори шумо шавад.* Марқӯс 10:43

6. Дяконҳо (хизматгорон) барои тасвири хизматгорони Исо ҳангоме ки онҳо Инҷилро маъвиза мекорданд истифода мешуданд.

*Пас, Павлус кист? Ва Апӯллӯс кист? Онҳо фақат ходимоне ҳастанд, ки ба воситаи онҳо шумо имон овардаед, ва ҳар яке ба андозае ки Худованд ба вай ато кардааст.* 1 Қӯринтиён 3:5

На ба он сабаб ки мо лаёқат дорем чизеро аз худ фикр кунем, ки он гӯё аз мо бошад, балки лаёқати мо аз Худост. Ки ӯ ба мо лаёқат бахшидааст, ки хизматгузорони Аҳди Ҷадид бошем, на бар тибқи ҳарф, балки бар тибқи Рӯҳ, зеро ки ҳарф мекушад, аммо Рӯҳ зинда мекунад. 2 Қӯринтиён 3:5-6

*Балки дар ҳар чиз худро ҳамчун хизматгузорони Худо зоҳир месозем: дар сабри бисёр, дар мусибатҳо, дар мӯҳтоҷиҳо, дар тангиҳо.* 2 Қӯринтиён 6:4

*Ман бар тибқи бахшоиши файзи Худо, ки ба ҳасби амали қуввати ӯ ба ман ато шудааст, хизматгузори он гардидаам.* Эфсӯсиён 3:7

*Фақат ба шарте ки шумо дар имон матин ва устувор бошед ва аз умеди башорате ки шунидаед, ҷудо нашавед, ки он ба тамоми махлуқоти зери осмон мавъиза карда шудааст, ва ман, Павлус, хизматгузори он гардидаам.* Қӯлассиён 1:23

*Ки ман хизматгузори он гардидаам мувофиқи ваколати Худо, ки барои шумо ба ман ато шудааст, то ки мавъизаи каломи Худоро ба ҷо оварам.* Қӯлассиён 1:25

***Агар инро ба бародарон талқин намоӣ, хизматгузори неки Исои Масеҳ хоҳӣ буд, ки аз суханони имон ва таълимоти неке ки пайравӣ кардаӣ, ғизо мегирӣ.* 1 Тимотиюс 4:6**

7. Дяконҳо (хизматгорон) барои тасвири онҳое, ки дар калисоҳо хизмат мекунанд истифода мешавад.

*Хоҳари мо Фубиро, ки ходимаи калисои Канхария аст, ба шумо маъруфӣ менамоям.* Румиён 16:1

*Павлус ва Тимотиюс, ғуломони Исои Масеҳ, ба ҳамаи муқаддасон дар Исои Масеҳ, ки дар Филиппӣ мебошанд, бо усқуфон ва ходимон.* Филиппиён 1:1

1 Тимотиюс 3:8 – *Лозим аст, ки дяконҳо низ ҳалолкор бошанд, на дузабон, на шавқманди шаробнӯшӣ, на тамаъкор.*

1 Тимотиюс 3:12 – *Дяконҳо бояд соҳиби як зан бошанд…*

*Дар он айём, ки шогирдон зиёд мешуданд, яҳудиёни юнонизабон аз яҳудиёни ибронизабон шикоят карданд, ки бевазанони онҳо дар тақсими ризқи ҳаррӯза бе баҳра мемонанд. Лекин мо бо дуо ва бо таълими каломи Худо машғул хоҳем шуд.* Аъмол 6:1, 4

8. Дяконҳо барои тасвири пайғамбарони дурӯғин – хизматгорони иблис истифода мешаванд.

*Ва ин тааҷҷубовар нест: зеро ки худи шайтон шакли фариштаи нурро мегирад. Бинобар ин кори бузург нест, ки агар хизматгузорони вай низ шакли хизматгузорони адолатро бигиранд; лекин фарҷомашон аз рӯи аъмолашон хоҳад буд.* 2 Қӯринтиён 11:14-15

**ХУЛОСА**

Калимаи дякон дар ҳолатҳои гуногун барои тасвири касе, ки хизмат мекунад истифода шудааст. Як решаи ин калима дар бисёр ҳолатҳои хидматгузорӣ ба кор бурда шудааст. Бисёр одамон боварӣ доранд, ки анъанаи хизматгузорӣ аз Аъмол 6 омадааст. Калимаи дякон дар ин боб ба чашм намерасад. Калимаи диакониа ки хизматгориро тасвир мекунад, фақат ду бор ба кор бурда шудааст, яке ба ҳафт нафаре, ки бо корҳои молиявӣ сару кор доштанд ва бори дигар ба хоҳиши ҳаввориён, сарф кардани вақти пурраи худ барои мавъизаи Инҷил мебошад. Ин як калима ҳар ду рӯҳониятро мефаҳмонад.

Ҳамаи имондорон бояд муносибати хизматгорона дошта бошад, ҳама вақт ҳангоми эҳтиёҷот ба рӯҳоният тайёр бошад.

Зарурияҳои гуногун дар оилаи калисо диққати махсусро талаб мекунанд. Бисёр вақт ин диққати махсус ба гурӯҳи имондорон дахл дорад. Ин гурӯҳро метавонем кумита ё шӯро номем. Баъзе аз ин кумитаҳо ҳоло ҳам дар калисоҳо вомехӯранд: кумитаи фардӣ, кумитаи хона ва замин, кумитаи саховатмандӣ, кумитаи мусиқӣ, кумитаи инҷилшиносӣ ва ғайра. Ҳамаи онҳое, ки дар ин кумитаҳо хизмат мекунанд, бояд одамони содиқ ва худошинос бошанд, то ки имони худро бо дигарон бо ҳам бинад. Калисо бояд онҳоро барои хизмат кардан вазифадор кунад. Ин одамони интихобшуда барои тамоми умр хизмат намекунанд, вале он муддате, ки зарурият ба ин хизмат мавҷуд аст ва

калисо хоҳиш дорад, ки ин одам дар ин мақом хизмат кунад, ӯ бояд ин вазифаро ба ҷо орад.

БОБИ 44

## Кӣ БОЯД БА КАЛИСО ГАП ЗАНАД?

Оё ба  маъвизакунандае, ки ба аъзоён ношинос аст иҷозат дода шавад, то ки аз минбар сухан кунад?

Одатан, роҳиби калисо омӯзонда шудааст ва тайёрӣ дидааст, ва Худо ба ӯ пайғом барои калисо додааст. Агар пайғом аз Худо бошад ӯ набояд тезакак ба дигаре иҷоза диҳад, ки ба ҷои ӯ маъвиза кунад. ӯ бояд ҳисси давран паҳн кардани пайғоми Худоро дошта бошад.

Доимо даъват кардани маъвизакунанда барои маъвиза нишонаи одобу меҳрубонӣ нест. Ин нишонаи танбалӣ ва набудани тайёрӣ ба вазъ мебошад.

Агар маъвизакунанда ба роҳиб ва одамон хуб шинос набошад, пас ӯро набояд даъват кард, ки чизе бигӯяд.

Ҳарчанд маъвизакунанда машҳур аст, заруријати сухан додан ба ӯ нест. Баъзе вақт ӯ барои сухан кардан омода нест, ва калисо фақат ба гапҳои ӯ эҳтиёҷ надорад.

Аз онҳое, ки хоҳиш доранд ба гурӯҳ гап зананд эҳтиёт бошед. То он вақте ки роҳиб ва аъзоён ӯро хуб нашиносанд, талаби ӯ бояд рад карда шавад.

Фурӯтанӣ на ҳама вақт хусусияти қавии одаме, ки хоҳиш дорад ба калисо сухан кунад, мебошад.

Одамоне ҳастанд, ки дар ҷустуҷӯи ҷой барои суханкунӣ мебошанд. Ин одамон ҳуқуқи ба калисо муроҷиат карданро надоранд. Вақти арзишнок беҳуда сарф мешавад ва реҷаи кори хидматгузорӣ вайрон мешавад. Он шахсе, ки бисёр вақт чизе гуфтан мехоҳад, намедонад ки кай гап заданро бас кунад.

Баъзе одамоне ҳастанд, ки мехоҳанд доир ба ақидаҳои барғалати фалсафии худро гӯянд. Калисо бояд аз ин хел одамон боэҳтиёт бошад ва ба чунин одамон имкон надиҳад дар пеши аъзоёни калисо сухан кунанд.

Хатарнок аст агар сарвари калисо гӯяд, "Касе чизе гуфтан мехоҳад?" Агар он ҷо меҳмонон ҳузур дошта бошанд инро гуфтан аз рӯи хирад нест. Аъзои ягон култ метавонад дар ин ҳолат бартариро ба даст гирад.

Аъзои калисо бояд ҳеҷ гоҳ ташаббуси бе розигии роҳиб ва калисо даъват кардани "рафиқаш"-ро барои маъвиза нишон надиҳад.

**ХУЛОСА**

Дар бораи он ки, ба кӣ имкони сухан кардан ба калисо ҳангоми ягон хидматгузорӣ ё омӯзиши Библия дода мешавад, хеле бодиққат бошед.

Танҳо онҳое ба меъёрҳои ақидавӣ ва ахлоқӣ ҷавоб медиҳанд имкон доранд аз минбар сухан кунанд.

## БОБИ 45

## Чӣ ХЕЛ КАЛИСО АЪЗОЁНИ НАВРО ҚАБУЛ МЕКУНАД?

Аъзоёни навро одатан тавассути таъмидкунӣ ё интиқол аз калисои дигари ҳамин хел дин дошта қабул мекунанд. Мо ба ҳар дуи инҳо назар хоҳем кард.

**Қабули аъзоёни нав тавассути таъмид**

Марҳалаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Ба таври бояду шояд машварат карда боварии комил ҳосил кунанд, ки шахс ҳақиқатан ҳам аз олами боло таваллуд шудааст ва ҳаёти нав дорад.

2. Ин шахс ҳангоми хидматгузорӣ пеши калисо омада изҳор мекунад, ки ӯ аз олами боло таваллуд ёфтааст ва хоҳиш дорад, ки таъмид шавад ва аъзои калисо шавад.

3. Калисо ин шахсро ҳамчун номзад ба таъмид ва аъзогӣ ба калисо эътироф мекунад.

4. Калисо ба номзад нақшаеро медиҳад, ки ба ӯ дар навиштани шаҳодати ӯ ёрӣ медиҳад. Номзад бояд қобил бошад шаҳодати рӯшанро

нависад. Аъзоёни калисо ба ӯ дар навиштани шаҳодат ва хондани он ёрӣ медиҳад.

5. Пеш аз хидматгузории ибодатии оянда, номзад бояд шаҳодати хатии худро ба сарвари калисо ё каси дигари барои ин корҳо масъулиятдор супорад.

6. Номзад дар пеши калисо шаҳодат дода, нақл мекунад, ки чӣ хел, дар кучо ва кай ӯ аз олами боло таваллуд ёфт.

7. Баъд аз ин номзад ба омӯхтани дарси шиносоии нав “Ман аз олами боло таваллуд ёфтам, Баъд чӣ?” –оғоз мекунад. ӯ бояд ин ё дарси дигареро, ки калисо қарор медиҳад ба итмом расонад.

Дарсҳо барои аъзои нав метавонанд дар ҳар ҷое, ки барои номзади нав ба аъзогии калисо қулай аст баргузор гарданд. Калисо одамонро барои гузарондани дарсҳои шиносои бо аъзои нав интихоб мекунад.

8. Дар давоми ҳафтаҳои дарси шиносоӣ калисо фурсати муносиб дорад, ки рафтори номзадро мушоҳида кунад. На танҳо рафтори ахлоқии ӯ мушоҳида карда мешавад, балки иштироки ӯ дар фаъолияти калисо низ ба назар гирифта мешавад.

9. Баъд аз он ки номзад дарси шиносоиро анҷом дод, ва исбот кард, ки ӯ ҳақиқатан ҳам мехоҳад қисми оилаи калисо шавад, номи ӯ ба маҷлиси моҳонаи кории калисо пешниҳод мешавад. Сарвари калисо тавсия медиҳад, ки номзад барои таъмид ва аъзогии калисо қабул шавад.

(Агар номзад хоҳиши додани шаҳодатро надорад ва дар дарсҳои шиносои иштирок намекунад, ӯро барои қабул шудан ба калисо пешниҳод намекунанд. Сарвари калисо дар бораи ӯ ҳисобот медиҳад, вале қабул кардани ӯ то он вақте ки ӯ талаботҳоро ба ҷо наорад, монда мешавад.

10. Калисо барои қабул кардани шахс ба таъмидкунӣ ва аъзогӣ овоз медиҳанд.

11. Вақте ки номзад таъмид мешавад ӯ аъзои калисо мешавад.

Қабули Аъзои нав тавассути Изҳорот ё Интиқол

Ҳамаи марҳалаҳои дар боло зикршударо ба ғайр аз № 10 ва № 11 такрор кунед. Рақами 10-ро ин тавр хонед: Калисо барои қабули шахс ба аъзогӣ овоз медиҳад.

Аъзоёне, ки ба воситаи изҳорот ё интиқол қабул мешаванд, аъзоёни таъмидшудаи калисои дигар мебошанд. Барои он шахсе бо чунин ҳолат қабул мешавад, ӯ бояд дорои ҳамон хел ақидае бошад, ки ин калисо дошта бошад.

Барои мисол, агар шахс аз калисое меояд, ки кӯдаконро таъмид медиҳанд ё ба ҷои ғӯта задан дар об, об мепошанд, ӯ ба аъзогӣ ба воситаи интиқол тайёр нест. Агар аъзоён бо ақидаи тамоман дигар биёянд, натиҷааш дар калисо ҷудоӣ мешавад, ва барои ҳамин ба ӯ набояд имкон дод.

Котиби калисо бояд ном ва адреси калисое, ки номзад он ҷо пеш аъзо буд ва калисоро аз хоҳиши ин шахс барои аъзогӣ огоҳ мекунад. Ӯ мепурсад, ки номзад аъзои калисо аст ва оё ӯ соҳиби обрӯю эҳтиром аст. Бо гирифтани номаи тасдиққунанда шахс аъзои калисои нав мешаванд. Калисои дигар номашро аз рӯйхати аъзоён хат мезанад.

Одатан калисоҳо дар қабули аъзоёни нав хеле мулоим ҳастанд. Калисоҳо бояд дар қабули аъзоён бояд сахтгир бошанд.

## БОБИ 46

## МАРОСИМИ ТАЪМИДКУНӢ БОЯД ЧӢ ХЕЛ ГУЗАРОНДА ШАВАД?

Онҳое, ки таъмид шудаанд бояд ба Талаботҳои Қабули Аъзоёни Нав ба воситаи таъмид ҷавоб диҳанд.

### Вақт барои Таъмид

Калисо бо онҳое, ки таъмид мешаванд машварат карда вақти маросими таъмидро муайян мекунанд. Вақт он мавриде шавад, ки миқдори зиёди аъзоён иштирок кунанд.

### Ҷой барои таъмид

Таъмидро метавон дар дарё, бахр, ё ҷои дигаре, ки об бошад гузаронда шавад. Баъзе калисоҳо дар даруни калисоҳо ҷои махсус барои таъмид доранд. Баъзе калисоҳо ин хел ҳавзҳо берун аз бинои калисо доранд. Об бояд аз миён боло ва тоза бошад.

**Муҳит барои таъмид**

Чун маросими таъмид яке аз хурсандиҳои бузург аст, тартиб ва ҳурмату эҳтиром бояд ба ҷо оварда шавад.

**Дастур барои онҳое, ки таъмид мешаванд**

Пеш аз оғози маросим касе, ки таъмид мекунад ба онҳое, ки таъмид мешаванд дастурҳои кӯтоҳ медиҳад:

•        Зонуҳо хамнашуда бошанд, пушт ва гардан рост, дар ҳолати вертикалӣ бошанд.

•        Дастҳоро муқобили сандуқи сина дошта истад.

Вақте ки шахсро бо об ғӯта мезананд, ӯ бояд нафасашро лаҳзае гирад. Рӯймолчаро набояд барои доштани бинӣ истифода бурд. Ин тасвири гӯркунии одам мебошад.

**Дастурҳо барои Таъмиддиҳанда**

Аз як тарафи номзад истода, дастҳои қатшудаи ӯро бо дасти чапаш гирифта мегӯяд, "Оё шумо,______________________

Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи ва Худованди шахсӣ қабул кардед?" Номзад ҷавоб медиҳад, "Бале қабул кардам". Сипас рӯҳонӣ мегӯяд, "Аз сабаби он ки шумо Исоро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд қабул кардед, ва аз сабаби он ки ӯ ба ман фармон дод, ман шуморо,

бародарам / хоҳарам ба номи Падар, Писар ва Рӯҳулқудс таъмид медиҳам. Омин".

Рӯҳони дасти росташро пушти сари номзад ниҳода ба таври мулоим ва оҳиста-оҳиста номзадро бо зери об ғӯта мезанад. Сараш бояд лаҳзае зери об бошад ва фавран берун карда шавад. Об бояд ба ҳартараф пош нахӯрад.

**Маросими Таъмид**

Маросими Таъмид метавонад гуногун бошад, ва он аз ҷои гузарондани ин маросим вобастагӣ дорад. Агар он дар калисо гузорад, он метавонад ҳамчун қисми хидматгузории мунтазами ибодати бошад. Одатан, вақте ки он қисми хидматгузории ибодати бошад, пеш аз таъмид вазъ хонда мешавад. Вазъро метавонанд ба мавзӯи таъмидкунӣ бахшанд. Агар Таъмид дар дарё ё баҳр гузарад, он бо чунин тартибу низом мегузарад:

1. Тафсири кӯтоҳ аз тарафи сарвар оид ба таъмид.

2. Хондани Навишта. Навиштаҳои мувофиқ Матто 3:1-17 ва Аъмол 8:26-39 ҳастанд.

3. Сурудхонӣ.

4. Дуо

5. Сарвар пас аз номзад ба об медарояд

6. Баъд аз он ки ҳама таъмид дода шуданд, гурӯҳ даст ба даст гирифта сурудеро хонанд.

7. Дуои хотимавӣ.

Онҳое, ки таъмид ёфтанд акнун аъзоёни расмии калисо ҳисоб мешаванд.

Дар хидматгузории оянда калисо бо навтаъмидёфтагон шаҳодатномаи таъмидёбӣ медиҳад.

Эзоҳ: Баъзе одамон метавонанд чунин суол диҳанд, "Мо чӣ кор кунем агар мо роҳиб надорем? Кӣ таъмид медиҳад?" Ҷавоби ин масъала ба монанди ҷашнгирии Шоми Охир мебошад. Ҳар касеро, ки калисо вазифадор кардааст метавонад маросими таъмидро гузаронад.

"Оё ӯро пеш аз оне, ки таъмид кунад ё Шоми Охирро гузаронад "таъин кунанд?". Ҷавобаш не.

"Оё шахс пеш аз он, ки таъмид диҳад дар ягон семинария хонад?" Ҷавобаш, не.

ЭҲТИЁТ:

Он касе ки маросими таъмидро мегузаронад ба талаботҳои оддитарин барои сарвари калисо, ки дар 1 Тимотиюс 3:1-13 омадаанд ҷавоб диҳанд. Калисо бояд дар интихоби касе, ки маросими таъмид ва Шоми Охирро мегузаронад бодиққат бошад.

## **БОБИ 47**

## ЧӢ ХЕЛ КАЛИСО ШОМИ ОХИРРО ҶАШН МЕГИРАД?

Калисо қарор хоҳад кард, ки чанд вақт Шоми Охирро ҷашн гиранд. “Ҳар чанд боре, ки ин корро кунед, онро ба хотири ман кунед”. Баъзе калисоҳо Шоми Худовандиро як бор дар як моҳ ҷашн мегиранд. Баъзеи дигарҳо онро дар се моҳ як бор ҷашн мегиранд.

Вақте ки калисо Шоми Охирро ҳар рӯзи Якшанбе ва ё ҳар моҳ ҷашн мегирад, он ба монанди маросимҳои муқарраpӣ шуда баъзе ҷиҳатҳои махсуси худро гум мекунад. Агар Шоми Охир дар чор моҳ як бор ҷашн гирифта мешавад, мақоми он аз хидматгузориҳои ибодатии мунтазам баргузоршуда бузургтар хоҳад буд.

Шоми Охир маросими ба ёд орӣ аст – он вақти ба хотир овардани марги Исо дар салиб мебошад. Ду чиз- нон ва шарбат дар Шоми Охир истифода бурда мешаванд, ки онҳо рамзи ҷисми шикасташуда ва хуни исо мебошанд.

Ҷашнгирии Шоми Охир вақти расмӣ ва муқаддас мебошад. Он бояд дар рӯҳияи ҳурмату эҳтиром ва парастиш баргузор гардад. Оромӣ ва ибодат бояд ҷоеро, ки он ҷо ин маросим мегузарад пур кунад.

## ОМОДАГӣ БА ШОМИ ОХИР

### Маросимро бояд кӣ гузаронад?

Одатан ин маросимро роҳиб мегузаронад, вале ҳамчун ҳар касе, ки калисо ба ӯ иҷозат додааст метавонад Шоми Охирро пеш барад. Он касе, ки маросимро сарварӣ мекунад ва онҳое, ки ба ӯ ёрӣ медиҳанд дар калисо мақоми баланд дошта бошанд. Онҳо бояд соҳиби обрӯю эҳтиром

бошанд. Зарур нест, ки сарварро таъин кунанд ё ӯ маълумоти махсус дошта бошад.

Кадом омодагиҳоро зарур аст пеш аз маросим иҷро кард?

Сарвар бояд донад, ки тартибу низоми бояду шояд ҷорӣ шудааст. Дар пеши ҷои маҷлис мизи хурдеро бо шарбат ва нон бояд гузошт.

Сарвар бояд бифаҳмад, ки касе барои харидан ва тайёр кардани шарбат ва нон вазифадор аст.

Сарвар бояд бинад, ки пеш аз омадани одамон ба маросим ҳама чиз тайёр бошанд ва дар ҷояш бошанд.

Сарвар бояд донад, ки то саршавии маросими ёдгорӣ ӯ ба чӣ кор машғул шавад. ӯ бояд донад, ки ба ӯ дар гузарондани Шоми Охир кӣ ёрӣ медиҳад. Хуб мешавад, онҳо якҷоя ҳар қадами маросимро пешакӣ аз назар гузаронанд, то ин ки онҳо бидонанд чӣ мекунанд ва ба ҳамдигар боварӣ дошта бошанд.

**Кӣ ба сарвар ёрӣ медиҳад?**

Ин ба андозаи аъзоёни калисо вобастагӣ дорад. Агар калисо майда бошад, ду одам кифоя ҳаст. Ин ду одам шарбат  ва нонро ба одамон тақсим  мекунанд. Ҳамчунин пеш аз тақсимкунии шарбату нон онҳо метавонанд дуо гӯянд.

Чизҳое, ки дар Шоми охир истифода бурда мешаванд, кадомҳоянд?

**Нон** – Одатан (нони бе хамирмоя) фатир истифода мешавад чунки Исо Шоми Охирро дар давраи Иди Фисҳ гузаронд. Барои ин хӯрок фатир (нони бе хамирмоя) истифода шуд.

Бисёр калисоҳо кулчақанддҳои муқарририро истифода мекунанд. Агар кулчақанддҳо истифода шаванд онро пора мекунанд ва онҳоро дар табақчаҳо мемонанд. Баъзе калисоҳо барои маросими Шоми Охир нони махсусро харидорӣ мекунанд. Он аллакай пора шудааст ва барои истеъмол тайёр аст.

**Шароб** – Бисёр калисоҳо шарбати ангурро истифода мебаранд, ки меваи шароб аст. Онро дар бисёр мағозаҳои баққолӣ харид кардан мумкин аст.

**Нон ва шарбатро чӣ хел тайёр мекунанд?**

Нон бояд ба қисматҳои хурд пора шавад, ки андозааш бояд аз ним дюйм (1 дюйм – 454см ) калон набошад, ва онро болои табақчаҳо мегузоранд. Аз миқдори зарурӣ каме зиёдтар тайёр кунед.

Шарбат бояд ба ҷомҳои ( стакан ) хурд рехта шавад. Ин ҷомҳоро дар бисёр дӯконҳои китобфурӯшии Масеҳӣ харид кардан мумкин аст. Калисо метавонад онҳоро солҳои дароз истифода кунад. Агар ин хел ҷомҳоро ёфтан наметавонанд, ҷомҳои муқарририро низ ба кор бурдан мумкин аст. Аз миқдори зарурӣ каме зиёдтар тайёр кунед.

Калисо чизҳои истифодашударо таъмин мекунад.

Ҳамаи ин чизҳо бояд аққалан як рӯз пеш аз маросими ёдгорӣ гирифта шаванд ва як соат пеш аз оғози маросим тайёр карда шаванд. Мизи бо чизҳои зарурӣ дар он бояд пеш аз омадани аъзоён тайёр карда шавад.

Мизи бо чизҳои зарурӣро бояд бо матоъ мепӯшонанд. Ин матоъ то он вақте ки сарвар шарбату нонро ба одамон тақсим накунад аз болои миз гирифта нашавад.

**ҶАШНГИРИИ ШОМИ ОХИР**

Қисми аввали маросими ёдгорӣ вазъ мебошад, ки ба Шоми Охир бахшида мешавад.

Дар аввали маросим сарвар бояд аҳамияти Шоми Охирро ба аъзоён гӯяд. ӯ бояд бигӯяд, киҳо метавонанд ширкат кунанд ва киҳо не. Инро бо чунин тарзе кунад, ки ҳеҷ касро наранҷонад. Шоми Охир танҳо барои имондорони таъмидёфта мебошад.

Дар зер тартибу низоми маросим оварда шудааст:

Аъзои Калисо :Хондани Навишта – *Луқо* 22:7-20

Роҳиб мегӯяд :Ҳозир мо Шоми Охирро ҷашн мегирем. Ин

Шоми ёдбудро мо барои ба хотир овардани ҷисми шикаста ва хуни рехтаи Исо ҷашн мегирем.

(Ёрдамчиён ба пеш мебароянд ва паҳлӯи миз меистанд.)

**Роҳиб мегӯяд :Библия ба мо мегӯяд, ки дар хотимаи иди**
Фисҳ, ки Исо бо шогирдонаш ҷашн гирифта буд, ба ӯ хиёнат карданд. ӯ нонро гирифта онро баракат дод, пора кард, ва ба шогирдонаш дода гуфт, *"Ин бадани ман аст, ки барои шумо таслим карда мешавад"*.

Яке аз ёрдамчиён дуо мекунад.

Роҳиб табақро барои тақсим кардан барои аъзоён ба ёрдамчиён медиҳад.

Роҳиб мегӯяд :Хоҳиш мекунам то он даме, ки ба ҳамаи аъзоён нон тақсим нашудааст, нонро нигоҳ доред.

Вақте ки ба ҳамаи аъзоён нон дода шуд, ёрдамчиён ба назди мизи ёдбудӣ бармегарданд. Роҳиб ба ёрдамчиён нон медиҳад, ва ёрдамчиён ба роҳиб нон тақдим мекунанд.

Роҳиб пораи нонро гирифта онро мебардорад, то ин ки ҳамаи аъзоён онро бинанд.

Роҳиб мегӯяд: *"Ин аст ноне ки аз осмон нозил шуд; на*
*онҷунон ки падарони шумо маннро хӯрданд*
*ва мурданд; ҳар кӣ ин нонро бихӯрад, то*
*абад зинда хоҳад монд"*. Юҳанно 6:58

Роҳиб нонро мехӯрад ва аъзоён низ ҳамчунин мекунанд.

Роҳиб мегӯяд :Ҳамон шаб Исо косаро гирифта, онро
баракат дод, онро ба шогирдон дода гуфт,
"*Ин хуни Ман аст, ки барои шумо рехта*
*шуда аст"*.

Яке аз ёрдамчиён дуо мегӯяд.

Роҳиб шарбатро барои тақсимкунӣ ба ёрдамчиён медиҳад. Баъди тақсимкунӣ ёрдамчиён ба назди мизи ёдбудӣ бармегарданд.

Роҳиб ба ёрдамчиён шарбат медиҳад, ва ёрдамчиён ба ӯ шарбат медиҳанд.

Роҳиб мегӯяд: *Қариб ҳама чиз мувофиқи шариат ба василаи*

*хун татҳир меёбад, ва бе рехтани хун*

*омурзиш нест*. Ибриён 9:22

*Аммо агар дар нур мегашта бошем, чунон ки*

*ӯ дар нур аст, бо якдигар мушоракат дорем,*

*ва Хуни Писари ӯ Исои Масеҳ моро аз ҳар*

*гуноҳ пок менамояд*. 1 Юҳанно 1:7

Сипас роҳиб аъзоёнро барои нӯшидани косаи шарбат иҷоза медиҳад.

**Роҳиб мегӯяд :*Зеро ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва ин***

*косаро менӯшед, мамоти Худовандро эълон*

*мекунед, то даме ки ӯ биёяд.*

1 Қӯринтиён 11:26

Роҳиб мегӯяд: Баъд аз оне, ки Исо ва шогирдонаш нонро

хӯрданд ва шароб нӯшиданд, Библия мегӯяд,

ки онҳо суруд хонда берун баромаданд. Биёед

вақти рафтан __________хонем. Бигузор Худо

ҳар ки шуморо баракат диҳад.

**БОБИ 48**

## МАРОСИМИ ВАҚФ (ПЕШКАШ) КАРДАН БАРОИ КӮДАК ЧӢ ХЕЛ БОЯД ГУЗАРОНДА ШАВАД?

Вақф кардани кӯдакро бо таъмиди кӯдак як гумон накунед. Имондорони Библия кӯдакони худро "таъмид" намедиҳанд чунки ин дар Библия таълим дода нашудааст. Ин бар хилофи таълимоти Библия оид ба таъмид мебошад. Таъмид ҳаргиз ба ҳеҷ кас наҷот намеорад, на ба кӯдакон ва на ба калонсолон. Наҷот он вақт меояд, агар кас аз гуноҳояш тавба мекунад ва бошуурона ба Исо ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованди худ имон меорад. Баъзе калисоҳо маросими вақфи кӯдаконро намегузаронанд, чунки онҳо метарсанд атрофиён онро барғалат мисли таъмиди кӯдак  мефаҳманд.

Ин хуб аст, ки волидайн фарзандонашро ба Худо пешкаш мекунанд. Волидайне, ки намехоҳанд дар пеши ҳамагон фарзандонашонро пешкаш кунанд, метавонанд фарзандонашонро маҳрамона ба Худо вақф кунанд.

Барои волидайн пешкаш кардани фарзандон ба Худо чӣ маънӣ дорад?

Ин мавридест, ки волидайн бошуурона фарзанди худ ва ояндаи ӯро ба Худо пешкаш мекунанд. Онҳо эътироф мекунанд, ки онҳо мехонад, Худо фарзандашонро барои ҷалоли Худ истифода барад.

Ин мавридест, ки волидайн пеши ҳамагон мегӯянд, ки онҳо саъю кӯшиш мекунанд фарзанди онҳо тавассути омӯзиши Навишта аз Худованд бохабар мешаванд ва ӯро дӯст медоранд.

Онҳо пеши ҳамагон изҳор мекунанд, ки фарзанди онҳо содиқона калисоеро, ки Каломи Худоро таълим медиҳад, аёдат хоҳад кард.

Онҳо изҳор мекунанд, ки онҳо шахсан чунин зиндагӣ хоҳанд кард, ки фарзандонашон дар ҳаёти ҳаррӯзаашон Масеҳро бинанд.

Вақти пешкаш кардан, мавридест, ки волидайн худро ба рушди фарзандашон дар роҳи Худошиносӣ ва имон ба Библия мебошанд.

**Асоси Библия дар бораи маросими пешкаш кардан кадом аст?**

Дар 1 Подшоҳон мо дар бораи зани Худопараст мехонем. ӯ ба Худо  дуо кард, ки ба ӯ писар бахшад. Баъд аз он ки Худо ба ӯ ҷавоб дод, ӯ писарашро ба Худованд пешкаш кард. Дар Навишта чунин омадааст:   Ва назр намуда, гуфт: "*Эй Худованди лашкарҳо! Агар ба азияти канизи Худ назар андозӣ, ва маро ба ёд оварӣ, ва канизи Худро фаромӯш накунӣ, ва фарзанди наринае ба канизи Худ ато фармоӣ, ман ӯро тамоми айёми умраш ба Худованд хоҳам дод, ва поку ба сари ӯ нахоҳад расид". "Ва баъд аз муддате Ҳанно ҳомила гардида, писаре зоид, ва номи ӯро Самуил хонд, зеро ки ӯро аз Худо талабидаам, гуфт вай". Ва ҳангоме ки ӯро аз сина ҷудо кард, як наргови сесола, як эфа орд ва як машк шароб гирифта, бо ӯ баромад, ва ӯро ба хонаи Худованд ба Шилӯ овард; ва писар ҳанӯз хурд буд*. 1 Подшоҳон 1:11, 20, 24

Дар хонаи Худованд ӯ гуфт: "*Барои ҳаминписар дуо гуфта будам, ва Худованд хоҳиши маро, ки аз ӯ илтимос карда будам, ба ман ато фармуд. Ва ман ӯро барои Худованд вақф намудам: ӯ тамоми айёми умри худ вақф барои*

*Худованд хоҳад буд". Ва дар он ҷо Худовандро ибодат карданд.* 1 Подшоҳон 1:27-28

Дар Такрори Шариат 6:5-7 чунин омадааст, *Ва ту Худованд Худои худро бо тамоми дили худ, ва бо тамоми ҷони худ, ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор. Ва ин суханон, ки ман имрӯз ба ту амр мефармоям, бигзор бар дили ту бошад. Ва онҳоро ба писаронат талқин бикун, ва ҳангоми нишастанат дар хонаи худ, ва ҳангоми роҳ рафтанат, хобиданат ва бархостанат дар бораи онҳо гуфтугӯ намо.* Такрори Шариат 6:5-7

*Павлус ба Тимотиюс навиштааст, Лекин ту дар он чӣ таълим гирифтаӣ ва мӯътақид шудаӣ, қоим бош, чун медонӣ, ки туро кӣ таълим додааст; Ва аз кӯдакиат Навиштаҳои Муқаддасро медонӣ, ки метавонанд туро ҳикмат омӯзанд барои наҷот ёфтан ба василаи имоне ки дар Исои Масеҳ аст. Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст. То ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад.* 2 Тимотиюс 3:14-17

Шумо хоҳед фаҳмид, ки Библия ҳам барои кӯдакон ва ҳам барои калонсолон ҳаст. Барои ҳар имондор табиӣ ҳаст, ки бо тамоми дилу ҷон барои омӯхтани Библия ба фарзандонаш шароитҳои мусоидро фароҳам орад.

Библия мегӯяд, *Ва шумо, эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, балки онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед.* Эфсӯсиён 6:4

Ин ваъдаест, ки волидайн дар маросими пешкаш кардан медиҳанд – то ин ки фарзандонашонро дар роҳи таълимот ва насиҳатҳои Масеҳӣ ба воя расонанд.

Аз оятҳои пештараи Библия, рӯшан мешавад, ки барои таълимот ва насиҳатҳои динӣ танҳо як китоби боварибахш – Каломи Худо, Библия мебошад. Ҳеҷ ягон китоби дигар Библияро иваз карда наметавонад.

Муҳаббат мавзӯи асосии Библия мебошад. Ҳар касе, ки аз олами боло таваллуд ёфтааст мехоҳад ҳар чизи беҳтарин барои фарзандаш бошад, ва роҳи Библия роҳи беҳтарин аст, ва роҳи ягонае, ки ба биҳишт мебарад. Аз сабаби муҳаббат, волидайне, ки аз олами боло таваллуд ёфтаанд, мехоҳанд фарзанди онҳо низ аз сулҳу осоишӣ, хурсандӣ ва зиндагии мақсаднок баҳравар гардад.

**Кӯдак бояд кай пешкаш шавад?**

Ин дар ҳар мавриде, ки барои волидайн мувофиқ аст ба ҷо оварда мешавад. Баъзеҳо вақтеро интихоб мекунанд, ки кӯдаки онҳо як ё ду моҳ дорад.

Ин маросим одатан қисми хидматгузории доимии ибодатӣ мебошад. Он метавонад дар аввал ва ё дар анҷоми хидматгузорӣ ба амал оварда шавад. Ин як ҳодисаи хеле ҷиддӣ аст ва бо эҳтироми амиқ ҷашн гирифта шавад.

**Маросими пешкашкуниро кӣ роҳбарӣ мекунад?**

Одатан ин маросимро роҳиб сарварӣ мекунад. Агар калисо роҳиб надорад, яке аз аъзоёни калисоро барои бурдани ин маросим интихоб мекунанд. Сарвари ибодати метавонад маросимро ба таври бояду шояд пеш барад. Барои пеш бурдани маросим ягон омӯзиш ё "таъинкунӣ" лозим нест. Шахс бояд соҳиби обрӯю эҳтиром ва сарсупурдаи Худо бошад.

**Маросимро чӣ хел пеш мебаранд?**

1. Волидайн ва кӯдаконро даъват мекунанд, ки дар пеш нишинанд.

2. Сарвар мақсади пешкашкуниро маънидод мекунад. ӯ мефаҳмонад, ки ин маросим ба кӯдак наҷот намеёбад.

3. Баъзе ё ҳамаи Навиштаҳоро метавонанд дар ин дарс хонанд.

4. Волидайн дар пеш, рӯ ба рӯи сарвар рост меистанд. Онҳо кӯдакҳоро ба даст мегиранд.

**5. Сарвар ба волидайн метавонад чунин бигӯяд,**

"Дар пеши Худо ва ҳамаи ин шоҳидон, шумо ваъда медиҳед, ки ______________-ро (ном) дар роҳи Худованд ба воя мерасонед?"

**Волидон ҷавоб медиҳанд :** Бале, ваъда медиҳем.

**Сарвар мегӯяд:**

"Шумо ваъда медиҳед, ки ба _________________(ном) барои хондани Каломи Худо ба василаи Омӯзиши Библия дар хона ва имкониятҳое, ки калисо пешниҳод мекунад ҳамаи имкониятҳо фароҳам меоред?"

**Волидон ҷавоб медиҳанд:** Бале ваъда медиҳем.

**Сарвар:** Барои волидон ва кӯдак дуо мекунад.

**Сарвар:** Ба волидон шаҳодатномаи пешкашкунӣ медиҳад.

(Додани шаҳодатнома ихтиёрӣ аст.

Шаҳодатномаҳоро аз бисёр дӯконҳо китобфурӯшии

масеҳӣ харид кардан мумкин аст).

Маросим бо табрики волидон аз тарафи аъзоён анҷом меёбад.

## БОБИ 49

## ВАҚТЕ КИ ДАР ОИЛАҲОИ КАЛИСО ЯГОН ҲОЛАТИ ФАВҚУЛОДДА РӯЙ ДИҲАД МО БОЯД Чӣ КОР КУНЕМ?

Мисолҳои ин эҳтиёҷотҳо:

1. Оила дар харидани дору барои кӯдакӣ касал душворӣ мекашад.

2. Дар оила мурда аст ва ин оила наметавонад пурра хароҷоташро пӯшонад.

3. Хонаи яке аз оилаҳо сӯхт.

4. Тӯфон хонаи яке аз аъзоёнро хароб кард.

5. Аъзоёни ғайри – калисо ба назди роҳиб барои ёрии пулӣ омаданд.

6. Гадоён ва фиребгарон ба назди роҳиб омада дар бораи мушкилиҳои пулии худ нақлҳои дароз  мекунанд ва аз ӯ ёрӣ талаб мекунанд.

Одамон бисёр вақт назди роҳиб омада фикр мекунанд, ки ӯ метавонад осонакак ба онҳо пул ёбад. (Роҳиб барои истифодаи пулҳои калисо ҳуқуқ надорад).

Роҳиб пул надорад, ки талаботҳои ҳамаро иҷро кунад.Агар ӯ ба як аъзои калисо пул диҳад ва ба дигараш надиҳад, одамон ӯро барои дӯст доштани касе зери танқид мегиранд.

Баъзе вақтҳо дар калисо оилаҳое ҳастанд, ки нисбати оилаҳои дигар пули зиёдтаре доранд, ва  ҳангоми ягон эҳтиёҷот одамон доимо ба ин оилаҳо муроҷиат мекунанд. Ин ҳолат барои ин оилаҳо хеле вазнин мешавад.

Калисо бояд чӣ кор кунад? Оё онҳо аз ҳама рӯй гардонда, кӯмак карданро рад кунанд? Ин муносибати масеҳӣ ба эҳтиёҷотҳои одамон нест. Бояд як системае вуҷуд дошта бошад, ки барои оилаи калисо қобили кор аст ва барои ҳамагон адолатнок бошад.

**Мисолҳои зерро дида бароед:**

Саравввал, аъзоёни калисо бояд бидонанд, ки вақте онҳо ба ин гурӯҳ ҳамроҳ шуданд онҳо қисми оила шуданд. Аъзогӣ ба оила баъзе имтиёзҳо ва вазифаҳоро талаб мекунад.

Вақте ки ягон аъзои оила дарде дорад, тамоми оила бояд, аз ин бохабар бошанд ва масъулияти кӯмак карданро дар ҳолатҳои зарурӣ ҳис кунанд.

Калисо аъзоёнро дӯст медорад ва ин муҳаббаташро хусусан дар мавридҳои эҳтиёҷотҳои калон зоҳир мекунад. Мушкилӣ ё ҳолати фавқулодда дар оила на фақат дар гардани роҳиб ё як оилаи калисо мебошад. Ин вазифаи ҳамаи ҷисм, калисо мебошад.

Он шахсе ки фарзанди ҳақиқии Худо аст шитобон кӯмак намепурсад. Фарзандони Худо ҳисси шаъну шараф доранд, ки барои онҳое ки аз олами боло таваллуд нашудаанд маълум нест. Одамон бояд тамоми саъю кӯшишашро ба харҷ диҳанд то ин ки эҳтиёҷотҳои худро таъмин кунанд. Аз ин масъулият сар мешавад. Агар ӯ эҳтиёҷоти худро дар дохили оилаи биологӣ ҳал карда наметавонад, ӯ сипас ба оилаи калонтар – калисо меравад.

**Бо чунин тарз калисо метавонад эҳтиёҷотҳои аъзоёнро**

**таъмин кунад:**

1. Кумитаи хайрия интихоб шавад.

Интихоби ин кумита дар интихоботи солонаи кормандони калисо, муаллимҳо, кумитаҳо ва ғайраҳо гузаронда мешавад. Ин кумита ба монанди кумитаҳои дигар тӯли як сол вазифаашро иҷро мекунад. Соли дигар аъзоёни ин кумита иваз мешаванд.

Ин кумита метавонад 3-5 нафар аъзо дошта бошад. Аъзоёни кумита бояд дар фаъолияти калисо содиқона иштирок кунанд. Онҳо бояд бохирад ва рӯҳан болиғ бошанд. Хуб мешуд, агар роҳиб аъзои ин кумита набошад.

2. Ҳар касе ки ба кӯмак эҳтиёҷ дорад, бояд пеш аз муроҷиат кардан ба калисо бо аъзоёни ин кумита вохӯрад.

3. Кумита ҳуқуқ надорад талаби ҳар кӯмакпурсандаро иҷро кунад. Онҳо бояд эҳтиёҷоти оиларо шунаванд. Баъди омӯзиш бодиққати талаб, кумита тавсияномаҳои худро ё дар маҷлисҳои кории доимӣ ё дар маҷлиси махсус даъватшуда ба калисо медиҳад.

4. Калисо, дар асоси тавсияномаҳои кумитаи хайрия, қарор худро мебарорад. Калисо маҷбур нест, ки ба тавсияномаҳои кумита пурра иҷро кунад.

Вақте ки кумита ба калисо ҳисобот медиҳад, онҳое ки ба кӯмак ниёз доранд метавонанд дар аввал, вақте ки талаби онҳо пешниҳод мешавад иштирок кунанд. Вале баъдтар онҳо бояд аз хонаи маҷлис берун бароянд, то ин ки аъзоён тавонанд талабашонро рӯиросту равшан мавриди баҳс қарор диҳанд ва ба як қарор биёянд.

5. Баъзе хоҳишҳо ҳастанд, ки зарурияти ба тамоми калисо пешниҳод кардани онҳо нест. Кумитаро зарур нест он хоҳишҳое, ки ба фикри онҳо дурӯғину аз тарафи гадоёну фиребгарони касбӣ ҳастанд, дида барояд.

Ин системаи оддӣ имкон медиҳад, ки калисо як оилаи меҳрубон шавад, ва барои онҳое, ки ҳақиқатан ҳам ба ёрӣ ниёз доранд кӯмак мекунад.

Ин ба калисо имкон медиҳад дар кӯмак кардан ба ниёзмандон иштирок кунад. Пуле, ки барои пӯшондани эҳтиёҷот истифода мешавад аз фондҳои калисо ва хайрияҳои аъзоён гирифта мешавад.

Ин роҳибро аз корҳои, кӣ бояд ёрӣ диҳад, чӣ қадар бояд ёрӣ диҳад, ва аз куҷо маблағ ёфта шавад озод мекунад.

Вақте ки касе ба назди роҳиб барои ёрии молиявӣ биёяд ӯ чӣ кор кунад? ӯ бояд чунин хоҳишҳоро ба кумитаи хайрия роҳӣ кунад.

Роҳиб набояд бе иҷозаи кумита ин хоҳишро бевосита ба калисо фиристонад.

Масъулияти ин кумитаро бояд ҳамаи аъзоёни калисо фаҳманд.

## БОБИ 50

## ЧӢ ХЕЛ КАЛИСО ДАР БАЙНИ АЪЗОЁН ИНТИЗОМ (DISCIPLINE) ҶОРӢ МЕКУНАД?

Аввал мо бояд маънои интизомро бифаҳмем. Бисёр вақт мо дар бораи интизом ҳамчун ҷазои ислоҳкунанда фикр мекунем. Ин танҳо як қисми интизом аст. Мо ба ду ҷанбаи интизом, - ислоҳкунанда ва инкишофӣ назар меандозем.

### ИНТИЗОМИ (DISCIPLINE) ИНКИШОФӢ

"Discipline" (интизом) ва "Disciple" (шогирд, пайрав) аз як реша ҳастанд. Маънии он таълим додан, ҳидоят кардан, роҳнамоӣ кардан мебошад. Ҳар калисо бояд ба ин тарз фаъолият гирифтор бошад. Ҳамаи барномаҳои калисо бояд бо ҷорӣ кардани интизом байни аъзоён сару кор дошта бошанд. Интизоми инкишофӣ ба имондорон дар фаҳмидани муносибати байни ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо ва мақсади Худо ёрӣ медиҳад, ва барои иҷрои ин мақсадҳо ба онҳо кӯмак мекунад. Исо дар бораи интизом, ҳангоми гуфтугӯ бо шогирдон ҳарф зада буд. "*Пас, биравед ва*

*ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед. Ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳаррӯза то охирзамон бо шумо ҳастам". Омин.* Матто 28:19-20

Вақте ки калисо ба таври ҷиддӣ интизоми инкишофиро вазифаи худ медонад, ба интизоми ислоҳкунанда ниёз намемонад. Калисо масъулиятдор аст сохторҳои (структура) ташкилӣ ва барномаҳоро таъмин кунанд ва ба ҳар як аъзо имконият диҳанд масеҳии хуб шавад. Агар аъзо аз рушд тавассути иштирок дар вохӯриҳо ва барномаҳои таълимӣ саркашӣ кунад, ӯ ба таваҷҷӯҳ ва пуштибонии махсус эҳтиёҷ дорад. Ин амали пуштибони қисми интизоми инкишофӣ хоҳад шуд.

Бисёр калисоҳо дар бораи онҳое ки ба гуноҳ "ғӯтидаанд", ва аз ҳаёти калисо тамоман дур шудаанд дар ташвиш ҳастанд. Бисёр калисоҳо кӯшиш намекунанд, ин одамонро зери таъсири худ гиранд. Воситаи беҳтарини аз гумроҳшавӣ дур кардани аъзоён, ин ҷорӣ кардани барномаҳои ҳаётӣ ва мувофиқи таълимӣ мебошад ки аз рӯзи аввали ба калисо омадани одам оғоз мешавад. Ин маънои онро дорад, ки нуқтаи оғозкунии интизоми инкишофӣ бояд ба таври бояду шояд ба нақша гирифта шавад. Ду ё се ҳафта барои ин омӯзиш кофӣ нест. Баъзеҳо пешниҳод мекунанд, ки аз ду то дувоздаҳ моҳи омӯзишҳои махсус барои ҳар аъзои нав ҷудо шавад. (Ин маънои онро надорад, ки аъзои нав фавран ба фаъолияти калисо гирифтор намешавад).

Танҳо як хидматгузории  ибодатӣ дар як ҳафта барои интизоми инкишофӣ кифоя нест. Одамон ба омӯзишҳои шовагии Библия, вақти иловагӣ барои дуо, ва вохуриҳо бо имондорони дигар ниёз доранд.

## ИНТИЗОМИ ИСЛОҲКУНАНДА

Бо интизоми ислоҳкунанда мо ислоҳкунӣ, ба роҳи рост ҳидоят кардан ва бардоштани он касе, ки ба гуноҳ афтидааст дар назар дорем. Ин ҳама вақт омурзонанда ва муфид аст. Инро ҳаргиз дар вақти қаҳрӣ будан, барои қасд гирифтан ё барои ба касе осеб расондан ба амал набояд овард. Ислоҳкунӣ дар муносибати меҳрубононаи масеҳӣ бисёр вақт ранҷовар аст вале он зарур аст. Калисое, ки дӯст медорад, он аъзоёнеро, ки ба гуноҳ ғӯтидаанд ислоҳ мекунад.

**Чаро калисо интизоми ислоҳкуниро амалӣ намекунад?**

1. Аз сабаби набудани ташвиш дар бораи аъзоёни калисо.

2. Аз сабаби он ки калисо моҳияти худро ҳамчун бадане, ки ба монанди сари худ, Исо сохта шудааст дарк намекунад.

3. Аз сабаби он ки ин ба ҳисси нафси аъзоён дарднок аст.

4. Аз сабаби он ки "ҳамаи мо гуноҳгор ҳастем ва мо кӣ ҳастем, ки сангро ба қолаб андозем?"

5. Аз сабаби надонистани он ки ин масъулияти калисо аст.

Дар Аҳди Ҷадид се ҷанбае ҳастанд, ки ба интизоми ислоҳкунӣ эҳтиёҷ доранд: Инҳо: гуноҳ кардан ба бародар, фосид шудан аз ҷиҳати маънавӣ, ва таълимоти барғалат.

**Гуноҳ кардан ба бародар** – Матто 18:15-17

Дар ин порча Исо дар бораи он ки Масеҳӣ бояд чӣ кунад, вақте ки бародари Масеҳии муқобили ӯ гуноҳ мекунад. ӯ бояд назди бародар равад ва корҳоро бо хубӣ ҳал кунад. Агар бародар ба гарҳои ӯ гӯш

намедиҳад, ӯ бояд як ё ду нафар аъзои калисоро бо худ гирифта боз кӯшиши ба роҳи рост ҳидоят кардани ӯро кунанд. Агар бародар ба гапашон гӯш диҳад ва дар байни онҳо фаҳмиш, бахшиш ва муҳаббат аст, пас Худо ҳамаи онҳоро баракат дод ва онҳо хушбахт ҳастанд. Агар бародар ба гапи онҳо гӯш намекунад, бо ӯ ҳамчун бо "бутпараст" муносибат мекунанд.

Чӣ хел мо ба "бутпараст" муносибат кунем? Мо бояд онҳоро дӯст дорем ва барои онҳо дуо кунем.

**Фосидшавӣ аз ҷиҳати маънавӣ** – 1 Қӯринтиён 5:1-13; 2 Қӯринтиён 2:4-11.

Дар калисои Қӯринтӯс проблемаи фосидшавӣ аз ҷиҳати маънавӣ ба миён омад. Аъзои калисо бо зани падари худ ҳамхоба шуд. Павлус дар бораи он ки калисо ҳеҷ амале накард хеле ошуфтаю нороҳат буд. Ӯ онҳоро барои муғамбирӣ сарзаниш кард, ҳоло он ки онҳо ба монанди кофирон зиндагӣ мекунанд.

**Аз ин порча мо баъзе чизҳо дар бораи интизоми ислоҳкунӣ меомӯзем.**

1. Гуноҳи фосидшавии маънавиёт дар калисо харобовр аст.

2. Павлус пеш аз оне ки ба қароре омад, ки бо марди хатокор кор бояд кард ду бор андеша кард.

3. Тозагии бадан – калисо бояд бехатар бошад. Дар оятҳои 6-7 Павлус дар бораи таъсири харобиовари гуноҳ сухан мекунад. Он ба мисли хамиртуруш аст, ки тамоми хамирро туруш мекунад. Ӯ гуфт, "Хамиртуруши кӯҳнаро тоза кунед, то ки шумо хамири нав бошед".

4. Дар ояти 13 Павлус мегӯяд, *“Пас шумо фосиқро аз миёни худ бадар кунед”*. Ин нишонаи хориҷкунӣ аз бадан мебошад. Оё инро бо умед ба кафорати охир метавон кард? Бале. Дар ояти 5, Павлус мегӯяд, *Он шахс барои ҳалокати ҷисмаш ба шайтон супурда шавад, то ки рӯҳаш дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ наҷот ёбад.* Павлус мегӯяд, ки интизом аз ду сабаб зарур аст: яке барои некӯаҳволии худи ин шахс, ва дуюм, барои некуаҳволии калисо.

5. Ин проблемаи хеле ҷиддии калисо аст, ки аъзои калисо кушоду равшан ҳаёти фосиқона бурда истодааст ва ба институтҳои асосии ҳаёти оилавӣ зери хатар монда истодааст. Обрӯю эҳтироми калисоро ҳифз кардан аз дар сафҳои худ нигоҳ доштани ин аъзои исёнкор муҳимтар аст.

•□□□□□□□ Калисо ба аъзое, ки ба ғайр аз ҳамсар боз маъшуқа дорад чӣ мекунад?

•□□□□□□□ Калисо ба роҳибе, ки маъшуқа ва ё ҳатто зани дуюм дорад чӣ мекунад?

•□□□□□□□ Калисо ба аъзое, ки худро ба ҳаёти пургуноҳ мебахшад чӣ мекунад?

Ҳамаи мисолҳои дар боло зикршуда бояд фавран мавриди ҳалу фасл қарор гиранд. Бе ҳеҷ таъхир ин аъзои калисо бояд аз мақомҳои роҳбарикунандаи калисо гирифта шавад. ӯ бояд дигар имконият надошта бошад, ки аз имтиёзҳои аъзогӣ истифода барад ва дар овоздиҳию иштирок дар Шоми Охир дур шавад.

Аъзои хатокори калисо бояд имконияти тавбакунӣ ва дигаршавӣ дошта бошад. Онҳоеро ки тавба карданд ва баъди муддате нишон доданд, ки ҳаёташон иваз шуд, ҳаёти нав интизор аст. Вақте ки тавбаи ӯ ҳақиқӣ аст ва дар кору рафтори ӯ тағъиротҳои возеҳ ба чашм мерасонд, имтиёзҳои аъзогии ин шахс боз аз сари нав барқарор мешаванд.

Ба 2 Қӯринтиён 2:4-11 диққат диҳед. Дар ин ҷо мо муҳаббат ва тарафи бахшояндаи интизоми ислоҳкунанда мебинем. Павлус имон дошт, ки омурзиш ба ҳар касе ки тавба мекунад расонда шавад. Муносибати дурушт, берун кардан аз кори калисо ва гирифтани ҳамаи ҳуқуқҳо аз аъзои калисо ин кӯмак ба бародари дар гуноҳ ғӯтида мебошад. Ин муҳаббат аст. Роҳиб ва аъзое, ки ҳаёти шаҳвонии фосиқона дорад ва ба он ҳамчун ба як амали ночиз нигоҳ кардан нишонаи муҳаббат нест. Мавриде аст, ки аъзо ба гуноҳ меафтад вале то ҳоло ин тарзи ҳаёташ доимӣ нашудааст. Ба ин хел одамон бояд ёрӣ дод, вале дур кардан аз вазифаҳо ва имтиёзҳо зарур нест. Инҳо ҳамчун интизоми пешгирикунанда ҳисоб мекунанд. Ёрии фавран метавонад инкишофи гуноҳро пешгирӣ кунад.

**Таълимоти барғалат** – 1 Тимотиюс 6:3-5; 2 Юҳанно 9-11

Дар 1 Тимотиюс, Павлус Тимотиюсро аз дӯстӣ бо онҳое, ки ақидаҳои барғалатро таълим медиҳанд ва ё фалсафахонию сафсатагӯиро дӯст медоранд ҳушдор додааст.

Дар 2 Юҳано, Юҳанно аз дӯстӣ бо онҳое, ки ақидаашон аз таълимоти Масеҳ дигар аст ҳушдор медиҳад.

Аз ин оятҳо мо мефаҳмем, ки ба ин хел одамон имкон дода нашавад бо калисо ҳамкорӣ кунанд, агар онҳо ба таълимоти козибона майл доранд. Бародаре, ки дар калисо ба таълимоти козибона мепардозад бояд аз тарафи калисо ислоҳ шавад. Ин ислоҳкунӣ набояд дар рӯҳияи ҳавобаландӣ ва худпарастӣ карда шавад, балки дар рӯҳияи муҳаббати фурӯтаннона карда шавад.

**Калисо метавонад барои кор бо интизоми ислоҳкунӣ кумитаи кормандон интихоб намояд.**

Калисо бояд кумитаи кормандонро ( personnel ) ҳангоми интихоби солонаи муаллимон ва кормандон интихоб мекунад. Ин кумита барои ҳалли проблемаҳои дохили калисо, ба мисли онҳое, ки дар ин дарс нишон дода шудаанд, масъулиятдор аст.

Ин кумита бояд аз масеҳиёни комил иборат бошад.

Муҳим аст, ки аъзоёни ин кумита сухансин набошанд. Онҳо бояд сирру асрорро нигоҳ дошта тавонанд. Ё овоза бошад ё далел, дар бораи проблемаи одамон кушоду равшан ҳарф набояд зад.

Кумита бояд аз 3-5 аъзо иборат бошад.

Роҳиб бошад аъзои ин кумита набошад.

Ҳар хабар дар бораи гуноҳи ҷиддӣ дар байни аъзоён (далел ё овоза) бояд ба ин кумита хабар дода шавад ва кумита бояд ин амалро мавриди ҳаллу фасл қарор гирад.

Агар ин ҳақиқатан ҳам проблемаи ҷиддӣ аст, кумита бояд бо онҳо ки ба ин гуноҳ гирифтор ҳастанд гуфтугӯ кунад, ва кушиш кунад проблемаро ҳал кунад. Агар ин проблемаи ҷиддӣ аст, ба кумита зарур аст ҳисобот ва тавсияҳояшро ба калисо диҳад.

**ХУЛОСА**

Ҳар калисо бояд ба роҳ мондани интизомро дар бадани худ санҷад.

**Ҳар калисо бояд талаб кунад:**

Оё мо интизоми мусбӣ ва инкишофёбанда дорем, ки ҳамаи аъзоёнро барои иштирок дар барномаи Худовандии омурзиши ҷаҳон таълим медиҳад? Чӣ тарз мо халқи худро беҳтар таълим диҳем? Кадом барномаҳои навро мо илова кунем? Оё муҳаббати мо кофӣ аст, ки ҳангоми зарурат интизоми ислоҳкунандаро ҷорӣ кунем? Оё мо аъзое гумроҳшударо ислоҳ кунем, агар чӣ ӯ ба калисо пули зиёде медиҳад?

Калисое ки дӯст медорад, интизомро барои шаҳодати худ, ба хотири ҳаёти фардии калисо, ба хотири ҷаҳони пургуноҳ ва ба хотири овардани ҷалол ба Масеҳ амалӣ мекунад.

БОБИ 51

## ОЁ МО МАҶЛИСИ КАЛОН ДОШТА БОШЕМ?

Масъалаи гузарондани маҷлиси калонро (маҷлиси инҷилӣ) худи калисо ҳал мекунад.

Аъзоён бояд ба қароре оянд, ки:

1. Оё маҷлис лозим аст.
2. Таърихи гӯзарондани маҷлис.
3. Чӣ хел маҷлис эълон карда шавад.

4. Кӣ сухан мекунад.

5. Тафсилоти ба нақшагирӣ ва иҷрои маҷлис.

Биёед ба ин панҷ қарор нигоҳ кунем.

**Оё калисо мехоҳад маҷлис гузаронад?**

Бисёр калисоҳо аз ҳар сол гузарондани маҷлис фоида меоранд. Барои гузарондани маҷлис кори изофа, ба нақшагирӣ ва даромадҳои зиёдатиро талаб мекунад, вале фоидаи руҳониаш барои аъзоён беҳад аст. Агар тайёрии маҷлис пур аз дуо бошад одамон наҷот меёбанд. Вале қарор бояд аз тарафи калисои маҳаллӣ карда шавад. Калисо набояд маҷлисро гузаронад агар хориҷиҳо, ёсарварони ягон ташкилотҳо талаб кунанд.

**Оиди таърихи гузаронидани маҷлис?**

Инро ҳам калисои маҳаллӣ ҳал мекунад. Ҳар калисо барномаи фаъолият, мақсадҳо ва вазифаҳои худро дорад. Рӯзи гузаронидани маҷлис бояд ба нақшаҳо ва фаъолиятҳои калисо мувофиқ ояд. Ҳеҷ кас беҳтар аз сарварон ва аъзоён барнома ва эҳтиёҷоти калисоро намедонад. Барои ҳамон калисоҳои як минтақа дар як вақт гузаронидани маҷлис ғайри қобили қабул аст. Агар калисоҳо ин маҷлисро дар як рӯз гузаронанд дар ёфтани воиз мушкилӣ хоҳанд кашид.

**Ки бояд суханронӣ кунад?**

Инро ҳар сол метавон тағйир дод. Як сол калисо роҳибро интихоб мекунад, ки мавъиза кунад. Ҳамчунин метавонанд роҳиби калисои ҳамсояро барои мавъиза даъват кунанд. Агар калисо аз ҷиҳати пулӣ

пурқувват бошад метавонад аз калисоҳои дуртар мавъизакунандаро даъват кунанд. Калисо қарор мекунад киро даъват кунад.

Мавъизакунанда бояд:

1. Аъзоён бояд ӯро донанд. Ҳаёт ва шаҳодати калисо муҳим аст. Ва калисо наметавонад шахси тамоман ношиносро даъват кунад.

2. Одаме бошад, ки Худовандро дӯст дорад, ҳаёти ахлоқои хубро дошта бошад, ва ба Библия имон дораду онро мавъиза кунад.

3. Бо забони мардуми оддӣ гап зада тавонад.

4. Аз ақидаҳои динҳои асосии минтақа бохабар бошад.

5. Аз фарҳанги маҳаллӣ бохабар бошад.

**Маҷлисро чӣ хел эълон мекунанд?**

Баъзе вақтҳо барои эълон ва ташкил кардани маҷлис кумитаи махсусро таъсис медиҳанд. Ин қисми хеле муҳими тайёрӣ ба маҷлис мебошад. Кумита бояд муайян кунад, ки барои ташкили маҷлис чанд пул лозим аст. Албатта калисои маҳаллӣ барои ин кор пул медиҳад. Ташкилкунӣ ва эълони маҷлис аз имкониятҳои калисо вобастагӣ дорад. Агар одамон мехоҳанд дар маҷлис иштирок кунанд, онҳо бояд дар бораи ин донанд.

**Тартиб додани нақшаи батафсил ва иҷрои онҳо кори калисои маҳаллӣ**

1. Калисо мавъизакунанда ва касеро ки бо ӯ меояд бо хонаю ҷой таъмин мекунад. (Баъзе вақтҳо навозанда бо ӯ меояд). ӯро дар хона ва меҳмонхона ҷой медиҳанд.

2. Онҳоро аз хӯрок таъмин мекунад.

3. Калисо хароҷоти роҳи онҳоро мепардозад.

4. Илова ба хароҷотҳои нақлиёт, калисо бояд ба онҳо пул диҳад.

Маълум аст, ки навъи ташкилкунӣ, ва барои кӯмак ҳангоми маҷлис киро даъват кардан ба тавоноии молиявии калисо вобастагӣ дорад. Вале ҳар калисо барои гузарондани маҷлис солона пули кофӣ доранд. Маҷлиси бомуваффақият он ҳаст, ки пур аз дуо бошад ва пурра аз Рӯҳулқудс вобастагӣ дошта бошад. Ҳар аъзоёни калисо, ки тавассути шаҳодат ва даъвати одамон ба маҷлиси шабона дар бомуваффақият гузоштани маҷлис мақоми калон дорад.

## БОБИ 52

## Чӣ ХЕЛ КАЛИСО АЪЗОЁНРО БАРОИ ОМӯЗИШИ БИБЛИЯ РӯҲБАЛАНД МЕКУНАД.

Аз ҳама пеш сарвари калисо бояд намунаи хубе барномаи мунтазам, пурсамар ва пур аз шодии омӯзиши Библия нишон диҳад. Ҳар касе, ки имон дорад, ки Библия Каломи Худо аст ин омӯзиши барояш пурҳаяҷон хоҳад буд. Ин ҳаяҷон асаркунанда аст. Аъзоёни калисо бояд аз ин огоҳӣ дошта бошанд. Сарвари калисо бояд таслим бигирад, Ки Библияро ҳар сол хонад. Бисёр аъзоёни калисоро зарур аст, ки дар хондани Библия собитқадаму устувор бошанд.

Ҳарчанд аъзоёни калисо даъват шудаанд, ки ба барномаи омӯзиши Библияро оғоз кунанд, ба онҳо зарур аст, ки ҳамеша содиқ бимонанд. Барои инсон табиӣ аст, ки чизеро бо завқу ҳаяҷон сар мекунанд. Ва баъди чанде ин завқ гум мешавад. Бо омӯзиши Библия низ бисёр вақт чунин

рӯй медиҳад. Ҷавобгарӣ дар ҳар кори инсон муҳим аст. Амалҳои мо ҳама вақт таъсирнок ҳастанд, вақте ки шумо пеши касе ҷавобгӯ мебошед.

Баъзе калисоҳо вақти ҳисоботдиҳии омӯзиши Библия доранд. Ин мавридест, ки аъзоён дар назди гурӯҳ аз омӯзиши Библия ҳисобот медиҳанд. Андозаи калисо дар ба амал овардани ин ҳисобот дигаргунӣ меорад. Калисоҳои хурд метавонанд вақти ҳисоботдиҳии омӯзиши Библияро пеш аз соатҳои ибодат, ё субҳи Якшанбе ё шаби Якшанбе гузаронанд. Баъзе калисоҳо вақти махсуси дигарро интихоб мекунанд. Агар калисо калон бошад, лозим аст, ки онро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо кунанд.

Ин вақти мавъиза, лексия, ва ё гуфтани фикрҳои худ нест, балки ин вақти бо ҳам дидани оятҳои бузурги Библия мебошад. Хондани боби сеюми ин китоб таҳти мавзӯи “Чӣ хел ман бояд Библияро омӯзам?” аз аҳамият холӣ нест. Системаи омӯзиши Библия, ки дар ин боб тасвир шудааст дар якҷоягӣ бо системаи ҷавобгарӣ истифода шудан хеле осон аст.

Вақти ҳисоботдиҳии омӯзиши Библия  бештар аз системаи ҷавобгарӣ мебошад. Ин бештар аз санҷидани якдигар мебошад. Ин методи таълим додани ҳамдигар мебошад.

Баъзеҳо метавонанд бигӯянд, “ Оё хондани Каломи Худо дилгир нест?” Ин аз он вобастагӣ дорад, ки ин шахс дар бораи Каломи Худо чӣ фикр дорад. Он чиро ки Каломи Худо мегӯяд аз ҳамаи он чизе, ки ягон мард ё зан дар бораи Каломи Худо мегӯяд, ҳаяҷоновар ва муҳимтар мебошад. Павлус мегӯяд, *То вақти омаданам ба қироат, насиҳат ва таълим машғул шав*. 1Тимотиюс 4:13

Диққат диҳед, ки Павлус дар бораи се фаъолият – қироат, насиҳат ва таълим сухан мекунад.

Дар Аҳди Қадим мо мехонем, ки чӣ хел Эзро Каломи Худоро ба мардум мехонд.

Ва Эзрои коҳин Тавротро дар рӯзи якуми моҳи ҳафтум ба ҳузури ҷамоати иборат аз мардон ва занон ва ҳамаи онҳое, ки метавонистанд бишнаванд ва бифаҳманд, овард. *Ва дар майдони пеши дарвозаи Об аз субҳидам то нисфи рӯз дар ҳузури мардон, занон ва онҳое ки метавонистанд бифаҳманд, онро хонд, ва гӯши тамоми қавм ба китоби Таврот буд. Ва Наҳемё, ки волӣ бошад, ва Эзрои коҳини китобдон, ва левизодагоне ки ба қавм фаҳмонда медоданд, ба тамоми қавм гуфтанд: "Имрӯз барои Худованд Худои шумо рӯзи муқаддас аст; андӯҳгин нашавед ва гиря накунед", чунки тамоми қавм ба шунидани суханони Таврот мегиристанд. Ва тамоми қавм рафтанд, то ки бихӯранд ва бинӯшанд ва ҳиссаҳо бифиристанд ва хурсандии азиме бикунанд, зеро суханонеро, ки ба онҳо гуфта буданд, фаҳмиданд.* Наҳемё 8:2-3, 9, 12

Боз чунин омадааст, *Ва дар ҷойҳои худ истода, чоряки рӯз китоби Таврота Худованд Худои худро хонданд, ва чоряки рӯз гуноҳҳоро эътироф намуда, Худованд Худои худро парастиш карданд.* Наҳемё 9:3

Дар калисои маҳаллӣ ҳар аъзо бояд ба омӯзиши Библия гирифтор бошад. Бинобар ин, ҳар аъзо бояд дар вақти ҳисоботдиҳӣ иштирок кунад.

Барои ҳар аъзои калисо аз содиқ мондан ба Каломи Худо чизи дигаре муҳимтар нест. Рӯҳулқудс ҳангоми хондан ва омӯзиш муаллим ва роҳнамои имондор мешавад. Барои ҳамаи китобҳо, Библия Китоб аст.

Онҳое, ки инро мехонанд дигар мешаванд. Барои сарвари калисо аз роҳнамоии “халқи худ” ба чарогоҳҳои сералаф  ва сӯи обҳои роҳатафзо (Забур 22) муҳимтар нест. Ин Суханест, ки имондорро ғизо медиҳад.